**АБДУЛҲАМИД САМАД**

# ЁР ДАР БАРИ ЁР

Душанбе
«Адиб»
2019

https://bikhon.tj/

ББК – 84 Тоҷик 7-4
С-35

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

С-35 **Абдулҳамид Самад. Ёр дар бари ёр** *(ҳикоя, қисса, эссе).* – Душанбе, «Адиб», 2019, 192 саҳ.

«Ёр дар бари ёр» аз қисса, эссе ва ҳикояҳои нави Абдулҳамид Самад – Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, мураттаб шуда, пешниҳоди ҳаводорони сухан мешавад.

ISBN 978-99947-2-561-8

© Нашриёти «Адиб», 2019

https://bikhon.tj/

# ЁР ДАР БАРИ ЁР

*Ҳикоя*

*Ёди неки Турсун Ӯлҷабоев*

Бахту тахт, шодиву рӯзи хуш баногоҳ аз ӯ ва аҳли хона рӯ тофт. Манзиле, ки аз нишот пур буд ва деги зиндагӣ ҳамеша дар он меҷӯшид, ба ғамхона табдил ёфт, сарду дилгазон шуд. Дару дарвоза баста, рӯз офтобиву сафед, вале дилҳо сиёҳу торикистон. На посбонҳо монданду не хизматгорҳо. Ба хушомадгӯён низ гӯё якбора офат расид, ки пайи пояшон аз ҳавлӣ канд, гуми гум шуданд. Дастгоҳҳои телефон чӣ? Булбули гӯё буданд. Ба назараш байни онҳо баъзан худнамоӣ оғоз мееёфт: сафед занг мезад, ки сурх, бонги сиёҳ қатъ нашуда, бо изтироб ҷарангоси дастгоҳи сабз ӯро сӯяш мехонд. Мард гӯшӣ пайи гӯшӣ мебардошт ва гоҳе бо салобат, баъзан бо сиёсат, мешуд, ки бо табассум ё ханда посух медод ва мӯйи сип-сиёҳу зичи мавҷдорашро бо панҷа молида, бо ин васила ба худ оромӣ мебахшид. Акнун телефонҳо хомӯшу гунгу мотамзадаанд мисли соҳибашон: ноқилҳоро буридаанд. Дар ҳавлӣ пашша пар намезанад, хонаҳо дар чашмаш сарду таъзиқовар метобанд. Дастҳо паси пушт ва ё як каф ба пешонӣ, аз ҳуҷраи пазироӣ, ки мизу курсиҳо ба назараш ҳайрон метобанд, ба даҳлез мебарояд, даме дар кафшкан ба сукут мераваду зуд пас гашта ба шабистон медарояд. Хоб низ ба дилаш задааст. Гоҳе беихтиёр сӯйи ҷевони пури либосҳои наву ҳарранга қадам мениҳад, вале ба дастаки дари он ангушт нарасонда рӯ мегардонад ва сурати худро дар оинаи барқад мебинад: Худоё, ба чӣ аҳволе афтодааст! Ранги гандумгуни рӯяш коҳида, чеҳрааш пажмурда, ришаш расидаи хокистарранг, – худаш барояш ношинос менамояд, – магар пеш чунин сурат дошт? Халтаи ва-



https://bikhon.tj/

рами таги чашмон кабудфому намоён. Бо ин аҳвол либоси нав пӯшидан киро дорад? Хуб, агар сару тан бишӯяд, риш битарошаду худро бо атри беҳтарин хушбӯ созаду либос бипӯшад, куҷо меравад? Чандест майдони сайри ӯ аз ҳуҷраҳои дар назараш мисли шаби дайҷур сиёҳ то пеши дарвоза асту ҳамсуҳбатони сарипоияш зану фарзандон. Бо онҳо низ кӯтоҳ дусе сухан мегӯяду бас. Зоҳиран аз гап мегурезад… Эҳа, пеш баъзан ҳафтае як-ду маротиба бо самалёт Маскав рафта меомад; сафари расмӣ, хидматӣ. Рӯзаш бо суҳбатҳои телефонӣ ба роҳбарону вазирони марказ ё шахсони воломақоми республика мегузашт. Завҷааш низ – зани нозанину ботамкин, азоб дорад; мисли ӯ азияти бехобӣ мекашаду ноаён оҳи бадард. Чини ҷабину гиреҳи абрӯ ба андомаш соя афкандааст. Чораи дигар ҳам надорад: ҳамнафасу ғамшарик аст, бовафову ғамгусор буданашро дар ин рӯзҳои бебарориву дилтангӣ бештар эҳсос мекунад. Гоҳо аз чашмони ӯ пинҳон бесадо ашк мерезаду лаб зери дандон ноаён оби дида пок мекунад, лекин чун овоз ё садои пойи мардро шунавад, бо табассум наздаш ҳозир мешавад. Вай дили ғамгину ҳолати вазнини занро мефаҳмад, лекин ёрои дилбардорӣ кардан надорад: кӯшиш ва кори зиёдатӣ. Чӣ лозим ба захму ҷароҳати қалби дардманди ӯ намак пошидану талх гиристанашро тамошо кардан? Нигоҳи саволомези фарзандонро ҳам мебинад: чаро падарашон хомӯшу хаёлӣ шудааст? Чаро дигар аз хона намебарояд? Чаро амакҳои меҳрубони шофир дигар бо мошинҳои озода пеши дарвоза пайдо намешаванду онҳоро бо шӯхиҳои дилнавоз ба сайри дараи Варзоб, бӯстонсарову тамошои сирк намебаранд? Пеш касе аз аҳли оила бетоб мешуд, беҳтарин табибон бо парасторон бо мошинҳои ёрии таъҷилӣ зуд мерасиданд. Акнун… Саволҳои беҷавоб ё ҷавобталаб бешуморанд; ҳам дар дили ӯ, ҳам дар қалби зану фарзандон, ҳам дар сару забони соҳибмансабони ҳанӯз аз курсӣ наафтода ва мардуми кӯчаву бозор. Бо соҳиби курсии баланду тахт шудан дӯстони нониву забонӣ ва



https://bikhon.tj/

душман пайдо бикунӣ, аз шикасту нокомӣ сад ранг афсонаи даҳони мардум мешавӣ.

Гунгу парешонҳол назди саги занҷирбанди сурхранг рафт. Зоти беҳтарини афчаркои немисист. Вақти кучукияш дӯсти воломақоме аз Маскав туҳфа оварда буд. Хонапарвард аст. Ӯ рӯ ба рӯи вафодор дикак нишаст. Ҳайвон сар аз рӯйи дастҳояш хастаҳол бардошта, маънидорона ба чашмони ӯ нигарист ва дум ҷунбонд: «Чӣ гап шуд? Чӣ кор кунем?» Чашмони саг нишоту фурӯғе надоштанд ва косааш низ аз устухонпораҳо холӣ буд. Эҳе, пеш агар ҷониби саг қадам мениҳод, ҳайвон ҳангомае барпо мекард: бо дарозии занҷир боло-боло меҷаҳид, худро сад хел тоб дода мерақсид; фук ва рӯ ба туфлиҳои ӯ молида мебӯидаш ва чун панҷаи навозиши мард ба тахтапушташ мерасид, садоҳои шодиовари ғалатӣ мебаровард. Акнун ҷонварак хаставу ором, балки ғамзадаву андешаманд ба ӯ менигарист. Ҳайвони ҳассос нохуширо ҳис карда, беҳаловат, бо авзои гирифта изҳори таассуф ва ғамшарикӣ менамояд. Вафодор аст, вафодор!

Корҳо дар ҳама соҳаҳои хоҷагии республика бобарор, пешрав, назаррас, ситораи иқболаш чун котиби аввали ҳизби коммунист дурахшон, муносибаташ бо сарвари ҳизби коммунисти давлати Шӯравӣ чунон наздики наздик буд, ки ба қавле аз байнашон мӯ намегузашт. Ба гуфти ҳолдонҳо ӯ бо дидадароӣ чунон дар дили Одами аввал ҷо ёфт, ки писархондаш пазируфт. Дил ёбу қанд хӯр. Ин имконро на барои худ, балки ба хотири замина гузоштан ба ояндаи неки Тоҷикистон истифода бурд. Нияти нек – ними давлат. Албатта як худаш не, бо имзои ҳамсафон, роҳбарони дурандешу воломақоми республика ба умеди дар оянда бунёд кардани иншоотҳои бузург ба Маскав номаву ҳуҷҷат пешниҳод кард. Замина фаровон аст, мавқеи ҷуғрофӣ мусоидат мекунад. Маблағ диҳанду созанд, ба Тоҷикистон манфиат, ба давлати Шӯравӣ дар олам шуҳрат мебахшад. Пешниҳод қабул шуд. Аз ин комёбӣ чашми



https://bikhon.tj/

ҳамсангҳои минтақавӣ сих зад, дар пӯстинашон кайк даромад. Бахилӣ, ҳар хел баҳона ва зиддият авҷ гирифт. Дар як ҷумҳурии хурдакак бунёди бузургтарин нерӯгоҳи обии баркӣ; бастани пеши дарёи Вахш, байни кӯҳҳо ба вуҷуд омадани обанборе шабеҳи баҳр. Ҳайратангез, афсона менамуд. Ин амали ӯро нописандӣ, гарданшахиву аз худ боло паридан, даъвои оянда шахси якатози минтақа шудан низ ҳисобиданд. Як республикаи хурдакаки назарногир, ки аҳолии начандон зиёдаш аслан ғаллаву пахтакор, боғу чорвопарваранд, магар аз ӯҳдаи сохтани ин хел иншоотҳои муҳташам мебарояд? Хаёли хом. Дарғоти баландтарини олам пеши рӯди Вахшро хоҳад баст ва нерӯгоҳи азимтаринро ба кор хоҳад даровард. Манбаи барқ. Сипас бунёди заводи бузурги арзиз ва силсилаи корхонаҳои нодири кимиё дар водии Вахш оғоз хоҳанд ёфт.Ояндаи дурахшон. Ҷаҳиш! Сохтани ин корхонаҳо акнун гапи ҳавоӣ ё хобу хаёл нестанд, ба Нақшаи фаъолияти созандагии даҳсолаиояндаи давлати Шӯравӣ ворид шудаанд. Сохтмони умумииттифоқӣ! Месозанд онро.

Луқмаи бузургро аз даҳони наҳангҳои минтақа кашида гирифт, хашму алами онҳоро ангехт. Дар замоне, ки як иморат ё роҳу пуле бе иҷозат, имзо ва ҳисобу китоби Одами аввал, мақомоти олӣ, вазорату идораҳои соҳавии Маскав бунёд намеёфт, сохтмонои азим бо пешниҳоди ин роҳбари 45-сола ба Нақшаи созандагии давлати абарқудрат ворид шуд. Бешак, бунёди силсилаи иншоотҳои бузурги саноатӣ дар оянда ба болоравии иқтидори иқтисодӣ, раҳидан аз муҳтоҷиву дастнигарӣ, хуб шудани сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон мусоидат мекунад. Тавонист! Донист, ки дар худат набошад, дар олам нест. Мубориза бурд, замина гузошт. Ободӣ, чароғон шудани саросари Тоҷикистон, афзун гардидани корхонаҳои саноатии боиқтидор, обшор кардани заминҳои ташналаб, ба вуҷуд омадани майдони касбу кор ва тарбияи мутахассисон… Ба иродаи устувор, забонёбӣ, ҷонбозиву ҷояш ояд, гиребон-



https://bikhon.tj/

гирӣ ва сурху сафед шудан, ҳаққи ҳалоли республикаву халқатро аз чанги шеру палангҳо гирифтан осон аст? Сад бадхоҳи миёншикан пайдо мекунӣ… Пешниҳод ба Нақша даромад. Пирӯзии бузург, таҳкурсии дилпуру пойдор барои ояндаи неки диёр! Ин комёбӣ рашку ҳасад, сиёҳкориву пешиподиҳии бадхоҳонро афзуд. Аслан ҳамнишиниву дӯстӣ бо сарвари аввали давлат ҳасади баъзе атрофиёни мансабталошро чунон ангехт, ки… Иқболу шуҳрат ба кас дар баробари шодиву пешравӣ хатару ғам низ меовардааст. Муборизаҳои ниҳонӣ: дар лаби рақибон мавҷи табассум, дар забонашон шаҳди сухан асту дар дилашон кирми адоват меҷӯшад. Ва сояи «рақиб»-ро бо ҳар дастур аз девор метарошанд. Табиати инсонҳои шуҳратхоҳ. Ҳикмати қадимаро борҳо аз китобҳо хонда буд: ҳамнишинӣ бо шоҳ оташбозист, сӯхтан дорад, дурияш бими аз сармо мурдан. Вале курсии баланди мансаб, хуни гарму ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ, қаробату дӯстдории муншии аввали Ҳизби Коммунисти давлати бузург, ки ба муроди дил буд, ҳаргиз шикаст аз гӯшаи хаёлаш намегузашт. Мепиндошт, ки дунё ҳамеша ба муроди ӯ мечархад. Ана ҳамон айём дар қалбаш орзуе ҷо гирифт, ки барои ободии қисмати ақибмондаи Тоҷикистон – ҷануби он, коре бикунад арзанда. Мансаб, ному шуҳрат ба хотири мардум ва замину оби ҳамин диёр аст. Ӯ чун фарзанд, парвардаи нону намаки халқ агар садоқаташро бо хизмате арзанда нишон диҳаду ёдгоре аз фаъолияти сарварияш ба мерос гузорад, аҷаб мешавад. Номи неку шараф. Аммо бе талош мароде ҳосил нахоҳад шуд. То кай фикру зикри ҳар роҳбар аз поин то боло ва деҳқони хокпоши саҳро шабу рӯз танҳо пахта бошаду ҳисоб кардани кӯрак, барзиёд иҷро намудани нақша. Дар ҳама ҷо як шиор садо медод: «Пахта обрӯ ва шаъну шарафи республика!» Чор фасли сол дар гармову сармо ҷони сиёҳ кандан, арақи ҷабин рехтан, зери офтоби сӯзон сӯхтану аз доруҳои химиявӣ заҳролуд шудан ва боз дар минбарҳо таҳқиру носазо шунидан барои ҳамин «тиллои



https://bikhon.tj/

сафед» буд. Кӯчондани мардуми кӯҳистон аз ҷойҳои хушобу ҳаво ба таҳдашт ё водиҳои саросар найзору ботлоқ, пурмагасу хомӯшак ба хотири заминкушоӣ ва ба пахтазор табдил додани ҳар ваҷаб замин қаҳрамонӣ ҳисоб меёфт. Бешак, он амал, бо вуҷуди аз неши ҳашарот, обгардиш ё табдили обу ҳаво ба беморӣ гирифтор шудану фавтидани хурду бузург, ногузир буду муфид. Бе бохт бурд ба каф намеояд. Маҳз талоши дурандешонаи роҳбарон, азобу шиканҷаи деҳқону деҳқонзодаҳо водиву заминҳои асрҳои аср пурзаҳу шӯразор ва макони ҳайвонҳои ваҳширо ба деҳаву шаҳракҳои обод ва киштзорони сарсабзу пурҳосил табдил доданд. Эҳа, ин дастовард боиси унвонҳои олии давлатӣ, ҳатто қаҳрамони меҳнат шудани раисону роҳбарон шуд. Ӯ хост, ки қолаби ин тарзи кору зиндагии якрангро каме шиканад, аз фарзандони деҳқони ин гӯшаи Тоҷикистон дар оянда, ба истилоҳи он замон, синфи бошуури коргару мутахассисон ба воя расонад. Ба ин армони нек замина ҳам гузошт, аммо баногоҳ косаи бахт сарнагун афтоду шикаст, пора-пора шуд.

Росташ, ки миш-мишу тафтиш ва айбҷӯиҳо бемаҳал оғоз ёфтанд. Изофанависӣ. Ба рӯйхати сиёҳ афтод. Падархонд рӯ тофт, пуштибонҳо ношинос шуданд. Ва рақибон аз як гиребон сар бароварда, теша ба решааш заданд. Ҳуҷуми оштинопазир. Дар олам кадом роҳбар беҷурм аст? Кам пахта чидаанд; ҳосили зормонда ночиз будааст, вале ба хазина даҳ не, сад не, ҳазорҳо тонна бардурӯғ пахта супорида, пул ва обрӯ гирифтаанд. Нафси бад балои беҳисоб овард. Дуздӣ, фиребу ғорати давлат! Паст, ба хоки сиёҳ баробар кардани шаъни ҳизби коммунист. Чандин раиси номдор, қаҳрамони меҳнат зиндонӣ шуд. Шумораи зиёди роҳбаронро бо ин гуноҳ аз сафи ҳизб ронданд. Шармандагӣ! Пайравони Ленини муаззам бандаи нафс шуда, ба роҳи каҷ рафта, ба чашми давлату халқу ҳизби ҷоноҷон хок пошидаанд. Гуноҳи азим. Онҳоеро, ки то ин дам касе сӯяшон ҷуръати каҷ нигаристан надошт, бо амру дастури



https://bikhon.tj/

Маскав пайи ҳам дар маҳбасҳо шинонданд. Роҳбароне, ки чанде пеш нозпарвар буданд, акнун дар зиндонҳои тангу тор ба ҷойи баракабобу гӯшти будана ғаму хуни дил мехӯранду равғани шикаму гардан об мекунанд. Онҳо ҳангоми тафтишу мурофиа аз ӯ домангир шудаанд: супоришу фармон дод. Сарвар буд. Ба варта ки афтодӣ, ба умеди раҳоӣ ба буттаи бақувввату решадор панҷа мезанӣ... Раисе соҳибному унвондор аз водии Вахш бори фишору бадномӣ набардошт ва худро нобуд кард. Магар ин ҳангомаҳову гирудор ва ғавғову чакчакзанӣ дар кӯчаву бозор ӯро ором мегузорад? Азоби равону виҷдон. Дур не, чанде пеш бо ин бадномҳо ҳамсафу ҳамкоса буд ва мешуд, ки бо як ишорае ё супориш онҳоро аз сахттарин ҷазо бираҳонад. Акнун... олам пури гап, дилаш аз зиндагӣ сард ва хона ба назараш тангу тор ва мисли мазор хомӯш менамояд.

Ӯро низ пас аз пурсишу муҳокима ва сурху сиёҳ карданҳо чун роҳбари фориғболу ноуҳдабаро аз сафи КПСС ронданд. Ҳама дару дарвозаҳо ба рӯяш баста шуд ва рӯзҳои даҳшату дарду алам пеш омаданд. Дареғу сад дареғ! Поят ки лағжид, афтодиву бадном шудӣ, худиву бегона, наздиктарини наздикҳо аз ту рӯ метобанду мекебанд. Ана аз ҳамон лаҳзае, ки сиёҳ шуд ва гӯё пояш аз замину дасташ аз осмон барканд, на танҳо соҳибмансабони гуногунсоли зинаҳои поину боло, ки баҷову ноҷо худро шогирд, ҳамшаҳр ва дӯсту бародари қиёматияш мешумориданду мисли кана ба ӯ мечаспиданд, балки чанд чоплусаки базлагӯ, ки ҳамеша бо ҳар баҳона занг зада, бо ситоишҳои беҳисоб ӯро ба арши аъло бардошта, шеърҳои пурмадҳаш хонда ё латифаҳои нав гуфта механдонданд, – оҳ, хушомадгӯро бад бинанд ҳам, дар дил ҷо мегирад, – сипас гӯё дар омади гап хешону ошноҳояшонро ба ин ё он мансаб пешниҳод мекарданд, аз біми зери шубҳа мондану зараре дидан кару гунг ва гуми гум шуданд. Гӯё вуҷуд надоштанд, вале ӯ гоҳе чун хобу хаёл онҳоро ба ёд меовард.



https://bikhon.tj/

Саг нигоҳи камфурӯғу хаста аз ӯ наканда, нолишомез садое баровард ва гӯё ба андешаҳои талхи соҳибаш ҳамдилӣ изҳор кард. Сипас нимхез шуд ва бори сару гардан ба дастҳо афканда, тахтапушташро ёзонда бардавом хамёза кашид. Мард нигоҳи вафодорро сарду норизо ва хамёзаашро нохушӣ пазируфт. Бо каф боз сару гардани вафодорро молиду зери лаб гуфт: «Дилтанг нашав. Чӣ илоҷ? Дар хати пешонӣ ҳамин будааст. Мегузарад…»

Хониши ҷуфте сор, ҷик-ҷики гунҷишкакон, ку-куи фохтаҳо ширин-ширин гӯшҳояшро пур карданд. Сар бардошт ва нигоҳаш аз байни шохи дарахтон ва навдаҳои ток ба вусъати осмон шитофт. «Пеш ҳам ин мурғакон дар ин ҳавлӣ вуҷуд доштанд?» Ӯ магар парандагонро дар боми хона ва шохи дарахтони ҳавлӣ медиду овозашонро мешунид? «Бандаву гирифтори вазифа…» Тарбияи фарзандон, назорати таҳсилашон, Худо шоҳид, ба зимаи зан буд. Ӯ ҳамеша ташвишу шитоб дошт ва алҳол ба ёд оварда натавонист, ки боре бо бонуяш ба театр рафта ё дар боғу гулгаштҳо сайр карда бошад. Худнамоӣ чӣ лозим? «Фидоӣ!» Ва акнун ба меҳри гарму ҳунари пухтупази бонуяш қоил шуд. Пеш мепиндошт, ки ороиши хону лаззати ғизоҳо заҳмати дигарҳост.

Баргашт, ки шабистон раваду болои кат биосояд. Рӯ ба рӯяш завҷаашро дид: чашмонаш намдор, чеҳрааш туруш. Нафоридаш. «Ҳаминаш намерасид», – нолид дар дил.

– Бас аст. Аз вазифа маро гирифтанд… Ба дор намекашанд-ку… Пеши чашми кӯдакҳо… Нағз не… – гуфт коҳишомез ӯ. Лекин аз ошпазхона садои дардомези ҳамсарашро базӯр шунид:

– Ба гуфтан осон. Бирақсам? Хонаи бадхоҳ бисӯзад… То кай дар кунҷи хона мешинед?

Ба ҳайкал табдил ёфт. Ёд надорад, ки боре ҳамсараш бо ин оҳанг ба ӯ ҳарф зада бошад.

– Чӣ кор кунам?!

Лаҳзае хомӯшӣ ба миён омад. Не, хониши мурғакон идома дошт. Ва боз овози зан ба гӯшаш расид:

– Берун бароед… Осмон ба замин наафтодааст-ку… Дӯсту душман бинад, ки озодед… Гапу калоча, ғайбату бадгӯйӣ кам мешавад, – гуфт ҳамсараш ва боз оҳ кашида афзуд: – Худатона ба даст гиред. То кай ба ин аҳвол мешинед?.. Шумо ба мардуми як республика роҳ нишон медодед.

– Дарди сар, гуноҳи азим шуд роҳнишондиҳӣ, – бо хандаи талх ғурунгид ӯ ва ба даҳлез даромад. Ва худро дар оинаи бари девор дида, бо ришханд гуфт: – Бо кадом рӯ берун бароям? Хурду калон бо чор чашм сӯям нигариста, ишора мекунанд: ҳамон аст! Котиби якум… Аҳволаша бинед…

Пас аз чанде завҷааш бо шиму куртаи нави дарзмолкарда ба ҳуҷра ворид шуд ва либосҳоро батартиб ба гӯшаи кат ниҳода нарм, балки хоҳишомез гуфт:

– Риш тарошед… Бо ҳам берун мебароем.

– Э не, – ғурид ӯ: – Чӣ хел мешавад? Нағз не… Куҷо меравем?

– Дур не, дар ҳавои тоза қадам мезанем… Дар ягон ҷо каме мешинем.

Дудила шуд. Пешниҳоди ҳамсарашро пазирад ё не? Ӯ боре аз шавҳар хоҳише накардааст. Ва боз дар ин рӯзҳои дилтангиву саргумӣ ӯ ғайри ҳамин зану фарзандон ғамхору ҳамрозе надид. Ҳамин зан ёри вафодори ӯ монду ҳамнафасаш. Агар хоҳишашро рад бикунад, албатта меранҷад, хиҷолат мекашад…

Падари раҳматияш мегуфт: «Мард шоҳ асту зан вазир. Шоҳ бояд бо ақли худ кору рафтор бикунад, лекин дар мавридҳои зарурӣ маслиҳати хуби вазир шоҳро аз ҳолатҳои ногувор мераҳонад. Зани донову бофаросат давлати мард аст…»



https://bikhon.tj/

Сару тан шуст ва пеши оинаи хурд истод, ки риш битарошад. Эҳе, ба мӯйҳои сару тораҳои ришаш гӯё гарди орд нишаста. Дилаш таҳ рафт. Нишонаи азоби ботинӣ, ғаму бедорхобӣ. Бо ҳиссиёте ноошно риш тарошиду либос пӯшид ва рафта боз худро дар оинаи қаднамои даҳлез дурусттар тамошо кард; бо шона мӯйи сар батартиб овард. Ранги нуқрафоми мӯйҳо бештар намуданд, халтаи пӯсти зери манаҳаш хеле овезон шуда. Осон аст? Баногоҳ аз курсии баланди баланд ё ҳангоми ба шаст давидан аз сари асп сарозер ба пастӣ афтод. Бадхоҳони хомхаёл мепиндоштанд, ки дилкаф шуда мемурад. Не, аз алам, озори нешу тамасхур коҳидааст. Магарам дар сина дил, дар рагҳо хуни гарми одамӣ надошта бошӣ ё беимону мисли санг беҳис бошӣ, ки ин ҳама шикасту бадномӣ, ҷазову сазои ҳамсафонро бепарво нодида бигирӣ ва худро шоду фориғбол бо рӯйи сурх байни мардум намоиш бидиҳӣ. Бозори муҳокима ва таънаву маломат авҷ гирифт, – ҳам дар Тоҷикистон, ҳам дар Маскав. Ана ҳамон рӯзҳо бисёр ҳамсафон ниқоб аз рӯ гирифта, чеҳраи зишти аслиашонро нишон доданд. Ҳатто онҳое, ки то дирӯз аз ӯ бут метарошиданд, барои ба Маскав садоқат нишон додану курсии ӯро соҳиб шудан, мисли зоғу занбӯр ба сараш ҳуҷум оварданд. Ҳм, агар имкон меёфтанд, гӯрашро бо дасти худ канда, таги хокаш низ мекарданд. Ӯ ҳангоми муҳокимаҳои шадид теғи нигоҳ гоҳ-гоҳ ба он айбҷӯҳо афканда, аз дил мегузаронд: «Кар ҳам заду кӯр ҳам зад, пасмонда кулӯх ҳам зад». Ва боз худро сазо медод, ки бо чунин кафтормиҷозон бовару кор кард.

Садои по ва овози ҳамсарашро аз даҳлез шунид. Вақти рафтан расид. Ӯ андешаманд баргашта ба ӯ нигарист. Либосҳояш чун ҳамеша одиву шинам. Бофаросату зебост бонуяш. Аз худнамоӣ мепарҳезад. Сумкаяке дар даст дошт.

– Шумо пеш дароед, – овози нарми зан ӯро ба худ овард.

– Хуб, хуб, – оҳиста пичиррос зад мард ва ба фарзандон, ки дар хараки сояи себ менишастанд, нигарист. Салом до-



https://bikhon.tj/

данду бархестанд. Бо ханда посухи салом гардонд ва «чӣ хелед, ширинакҳои додо?» пурсид. «Нағз, нағз!» – тӯтивор ҷавоб доданд. Ба дилаш рӯшноие роҳ ёфт ва рафта аз рухи ҳар яке бӯсиду дасти навозиш ба сарашон ниҳод. Онҳо чашмаконашон рахшон, ба лаб табассум, оҳи сабук кашиданд. Ҳафтаҳои охир ин зайл муносибати пурмеҳри падарро бори аввал медиданд.

– Мо ҳам нағз, ҷонҳои ширин, – гуфт ӯ ва шӯхиомез пурсид: – Иҷозат медиҳед, ки ман бо модаратон берун бароям?

– Албатта! – баробар ҷавоб доданду пурсиданд: – Мо чӣ кор кунем?

– Дарро аз дарун қуфл кунеду китоб хонед, сурат кашед ё ба ягон бозӣ машғул шавед, – таъкидомез гуфт модар: – Мо зуд бармегардем…

Лаҳзаяке ба саг чашм давонд: ҷонвар бархесту наҷвое баровард. «Ту ҳам ба ташвишу азоби ман шарик шудӣ. Аз сад дӯсти нониву забонӣ беҳтарӣ…» – гуфт хаёлан ва аз дар баромада, ба атроф назар афканд. Эҳе, пиёдароҳу гулгашт дар назараш бештар озодаву дилкаш намуданд. Чашмаш ба пиразану мӯйсафеде бархурд, ки ба хараки сояи дарахти тӯбӣ осудаҳол нишаста суҳбат доштанд. Дилаш гум зад, ҳавасаш омад. Хотири ҷамъу дили беғам барои одам беҳтарин давлат будааст.

Хомӯшона паҳлу ба паҳлу қадам мезаданд: зан бо сари боло, ӯ хиҷолатманд аз пеши пояш чашм наканда. Гоҳе медид, ки сӯяш роҳгузарон кунҷковона менигаранд: пиру барно. Баъзеҳо бо имои сар бо эҳтиром салом ҳам медоданд, ӯ низ бо ҳамон дастур посух мегардонд ва аз ин ба дили торикаш нуре роҳ меёфт. Ноаён аз қафаси сина нафаси тӯлонӣ баровард: «Шукр! Худо рӯсиёҳ накунаду аз меҳри мардум бенасиб».

Аз шафати бинои муҳташами Кумитаи Марказӣ гузаштанд. Ин ба ӯ нафорид. Дару дарвозаҳои ин бино чанде пеш



https://bikhon.tj/

рӯзу шаб барояш кушода, бузургтарин ҳуҷраву баландтарин курсӣ нишастгоҳаш буд. Оҳо, вақти ба дарвозаи ин бино наздик омадани мошинаш ё ҳангоми ба он ворид шудан даводаву ҳангомае барпо мешуд: низомиён қоматро най барин рост кардаву по ба по зада, даст ба чакка мебурданд. Кормандон мекӯшиданд, ки ба чашмаш нанамоянд. Аммо… Косаи навбат… Хиёбони Ленинро убур карда, рӯ ба рӯи фавҷи одамон рафтанд.

– Маро бозор барои намоишдиҳӣ мебарӣ? – коҳишомез пурсид ӯ.

– Не. Расидем… Хаста шудед? – овози нарми занро аранге шунид. Вале фурсати посух наёфт. Ҳамсараш аз пиёдароҳ ба чап баргашт ва аз бозӯи ӯ оҳиста дошта, ҷониби дари кушодаи пурдаробаро қадам ниҳод. «Эҳ, куҷо овард маро? Масхара карданист?» – гуфт ба худ. Дилаш таҳ рафт. Дарояд ё не? Зан панҷа аз бозуи ӯ наканд. Даромаданд. Ошхонаи шифтпаст, нимторик, фазои аз ғавғо, бӯи нохуши машрубот ва дуди тамоку таъзиқовар. «Эй Худо, ин ҷо чӣ кор мекунанд?» – ҳайратзада пурсид аз худ. Ҳамсараш пеши дар даме истод, чор тарафро аз назар гузаронд, сипас ҷониби мизи кунҷи ошхона, назди тиреза гӯё ӯро кашкашон бурд. Бонуи пешхизмат бо чеҳраи хандон, латтаи намнок дар каф хиромон омад. Аввал болои мизро пок кард ва қаламу дафтарчае баровардa, ба андоми марди хушлибос, – ба ин сиккаву сурат дар ин ошхона мизоҷеро надидааст, – сипас ба зан нигарист, – оҳо, олиҳа, шоҳбону – якбора қиёфааш ҷиддӣ шуд ва боадабона пурсид:

– Бароятон чӣ биёрам?

Мард китф дарҳам кашид: намедонам. Зан нону чой, сабзавоту мева, – бояд хон рангин бошад, боз ғизоҳое фармуд. Чун пешхидмат рафт, мард бедимоғ норизоӣ изҳор кард:

– Нафаҳмидам… Чаро маро ин ҷо овардӣ?

– Барои дидани мардум, зиндагӣ…



https://bikhon.tj/

Хомӯшӣ ба миён омад. Не, танҳо онҳо гӯё ба даҳон об гирифта буданд, вале суҳбат, шӯхиву хандаи гарми дигарон авҷ мегирифт. Дунёи озодӣ… Пасон чашми онҳо ба торикӣ одат кард, ки ошхона равшантар намуд. Баъд зан дид, ки ошпазҳо бо пешхидмат аз равзани косаву лаълидиҳӣ ба онҳо ҳайратомез нигариста, сар ҷунбонданд. Баъд мавҷи овозҳои баланду ханда нарм шуду манзараи бехи гӯши якдигар пич-пичу ба гӯшаи чашм сӯяшон ишора кардан ба миён омад. Пешхизмат як каме ҳаяҷонзада бо ҳунаре дошт, хост мизро зебо оро бидиҳад. Бори аввал мизоҷе номдор бо завҷааш ба ошхонаи назарногири онҳо қадам ниҳодааст. Ин ба афсона шабоҳат дошт.

Ногоҳ ба ошхона марди нимтана, ду пояш аз зону бурида ва бе як даст, ки болои чорчарха нишаста, бо чӯби дар дасти сиҳат доштааш тук-тук ба замин зада, аробаро ба пеш тела медод, бо чеҳраи хандон ворид шуд. Ҳама ба марди нимтана, ки сару либосаш озода буд, таваҷҷуҳ зоҳир карда, ҷавононе ба истиқболаш шитофтанд.

– Салом, «Шоҳзода!» – хитоб мекарданд ба ӯ ҳазломез.

– Дуруд, бародарон, фарзандҳои падар! – бо ҳаяҷон посух медод ӯ ва аробачаро теладиҳон аз назди як миз ба мизи дигар рафта, ба шиносу ошноҳо пушти дасти сиҳаташро расонда ҳолпурсӣ мекард:

– Аҳволатон чӣ хел?

– Олӣ! Аз ин беҳтар намешавад, – болидарӯҳ посух медод Шоҳзода. Сипас ӯ бо мадади ду бачамард болои курсӣ нишаста гуфт: – Аз хоб чашм кушодам, ки зиндаам. Шукр! Дасту рӯ шустам. Модарҷонам ширчой дод… Либос пӯшонд… Берун баромадам… Аз ҳавои ватан нафас мекашам… Олами зебо, мардумро дидам... Ана боз аз чеҳраи гарм, суҳбату меҳри шумо баҳраманд мешавам. Ин бахт нест магар? Аз ин зиёд чӣ лозим?

Мард ба ин манзара гоҳе бо гӯшаи чашм менигарист. Зан



https://bikhon.tj/

гунгу хаёлӣ чанголу чумчаро бо дастмоли коғазӣ пок карда, пеши шавҳар ниҳода, нарм овоз баровард:

– Марҳамат… Хунук нашавад… Нӯши ҷон…

Мард андешаманд нон шикаст ва порае ба даҳон ниҳоду чанд чумча шӯрбо ошомид. Магар ғизо аз гулӯ мегузарад?

Пас аз чанде зан пиёлаи чой пеши шавҳар ниҳод ва оҳиста пурсид:

– Дидед? Чӣ хел зиндадил аст…

Мард дам назад. Гоҳ-гоҳ ба Шоҳзода назар меафканду зуд нигоҳашро мегурезонд.

Овози мулоими зан боз ба гӯши ӯ расид:

– Дунё кирои ғам хӯрдан намекунад… Шукри Худо, тану ҷони сиҳат, дасту по доред… Пеши чашми фарзандон, дар хонаи худатон…

Мард ҳайкалвор менишаст. Не, дуздида-дуздида гоҳе ба Шоҳзода чашм медавонд ва аз ҳаракату дасташро алвонҷ дода, ба суҳбати ёрон ҳусну нерӯ бахшидани ӯ бо табассуме таҳсиномез, барқи нигоҳ, ҷунбишу ифодаи абрӯ ва мушакҳои андом бори дил сабук мекард…

9.03 – 1.05.2017



https://bikhon.tj/

## ДУДИЛА

*Ҳикоя*

*Ин фоҷиа гӯшношунид буду воқеӣ. Шоҳидон низ дошт, сипас шабеҳи қисса аз забоне ба забоне гузашт ва боз пас аз солҳо барои ҷавонон ба афсона табдил ёфт.*

Дили Фил низ бармаҳал, айёми наврасӣ, пас аз он ваҳшонияти аз ҷинси зан монду сард гашт; баъд вай дар симои ҳар як дӯшизаи шаҳрӣ сабукпо, маккору фиребгарро медид. Сабаб бадгӯии ёрон буд, ки дар ниҳодаш нахли кинаву кудурат сабзонд. Аслан он рӯзҳо дар нӯги забони хурду бузурги шаҳр ҳамин қисса сайр мекард. Ва онҳо, ҷамъияти дузду кисабур, чапдасту муштзӯр, хашму дарду алам дар дил, ҳангоми нӯшонӯшу мастӣ бо ашк, дар ҳушёрӣ бо нафрат пайваста достони разиливу бевафоии завҷаи Сафари дудиларо ба гӯши якдигар мерехтанд.

– Асло фирефтаи ҳусну ширинзабонии зан нашавед. Сода, аблаҳ аст касе, ки ба ҷинси зан имон меорад. Зан вафо мекард, ба Сафар мекард. Медидед-ку: раҳматӣ Зарaро мисли гул болои сар мегардонд. Лекин рашку ҳасади ин нобакор оқибат Сафарро кушт, – мегуфт яке.

– Боз бо чӣ азобу шиканҷае! – меғурид дигаре: – Э иблисе! Агар ба дастам биафтӣ…

– Занҷафои сагвафо, гуфтаанд…

– Аз сарнавишт ҷои гурез набудааст, бачаҳо, – бо овози ғафси дупӯста канда-канда шарики суҳбат мешуд Кордча ва андешаманд меафзуд: – Инсон бо ду дил ҳам пешомади бади худро пай намебурдааст. Ёд доред? Чанд карат таъкидаш кардам: бегона саги девона аст. Гумуш бикун. Дар шаҳр паризодҳои худамон кам нестанд.



https://bikhon.tj/

– Дил бохта буд… Ду дили зормондаи сода.

– Э патаки кафши духтарҳои худамон аз бегонаҳо болост…

– Пайкари бузургашро намегӯйӣ? Лекин ба гапи кӯдак ҳам бовар мекард…

– Рост, ду-се ҷавон наздаш меомад, ки фалонӣ лату кӯбамон кард, дарҳол пеш-пеш ба пуштибонии онҳо медавид.

– Адолатпарвар буд… Зулму нописандиро бад медид…

Он солҳо низ духтарҳои мисли ҷӯҷаи парӣ зебо дар Душанбе кам набуданд. Дар кӯчаву хиёбонҳо бо ҳар нозанине рӯ ба рӯ мешудед, ки рух рашки моҳу тан ниҳоли сар то ба по пургул. Ҳар яке ба тарзи худ шӯхчашму ширинзабон. Шояд он олиҳаҳои ҳусн парвардаи хони неъмати хонадони одамони доро, бомаърифату бошараф буданд, ки дар донишгоҳҳо таҳсил ё дар идораву корхонаҳо кор мекарданд. Дар ҳусну малоҳат ва иффату дилрабоӣ низ аз гулрухони аз шаҳрҳои дуру сард навомада камие надоштанд. Лекин духтарҳои нав омада бартарие доштанд: кушодарӯй буданду дар гуфтору рафтор озод. Ана ҳамин озодгардии онҳо ҷавонони хунгарми тоҷикро мафтун сохт. Аммо овозаи ду дил доштани Сафар пас аз ташхиси тиббӣ барои ширкат дар озмуни гуштӣ мисли бод дар шаҳр паҳн гашту бозори харидорони ӯро байни ҷинсҳои латифи таҳҷоиву навомада тафсонд. «Аҷиб, ин хел ҳам мешудааст?» мепурсиданд аз ҳамдигар табибони номдори дилшинос. «Ҳодисаи нодир…»

– «Чӣ хел бошад?» – чашмакзанон ба якдигар савол медоданд духтарони хушгилу шердил ва дар ҳама ҷо бо камони абрӯ, имову ишора ё газидани лаб ба Сафар, ки сумкаи бузург сари китф ҳамоил, дар пиёдароҳ бардам-бардам қадам мениҳод, каманд афканда, ӯро ба худ моил карданӣ мешуданд. Вале Зара ноаён, аввал дар куҷо ва дар кадом ҳолат? – касе намедонист, гӯё бо сеҳру ҷоду ду дили Сафарро ба даст овард, пасон вай гирифтори гирифтор шуд.



https://bikhon.tj/

– Ҳусни рӯву базебии мӯйи гулдухтарони тоҷикро паст занам, расвои олам мешавам, – бо ҳазл мегуфт Сафар: – Лекин, Худову ростӣ, Зара дигар аст: ширинзабон, хушмуомила, ҷасур; ба мушти ман, агар бо шӯхӣ ҳам бошад, тоб меорад. О ман ҳам молшиносам… Дигар суханатона ҳайф накунед… Аз роҳ баргардам, месӯзам…

– Ҷонта дар хатар намон, сағира, – ӯро ҳушдор дод Кордча: – Осетинҳоро ман мешиносам: ба бегона духтар намедиҳанд, бадрашканду қасосгир… Ваҳшӣ мешаванд, агар духтар аз байни бегонаҳо ошиқу хостгор дошта бошад. Ҷонашона бигиру духтарашона не. Ягон бало ба сарат меоранд.

– Натарс. Ромшон мекунам...

– Аз рӯйи қарзи бародарӣ огоҳат кардам. Бе ин ҳам байнамон доим бо ин ё он баҳона ҷангу ҷидолу кордкашист. Милисаҳо ҳам аз моҷароҳои мо безор шудаанд. Эй бачамард, рӯзи хуш намебинӣ…

– Бо ин баҳона хеш мешавем. Бовар намекунед? Ҳоло мебинед… Соате, ки Зарамоҳ, – бо шакарханд мефаҳмонад Сафар, – бо ду дасти адаб беҳтарин хӯроку шаробҳои осетиниро болои дастархон гузошту «марҳамат, меҳмонҳои азиз, нӯши ҷон шавад» гуфт, сад офарин мегӯед, – аз хушҳолӣ хун дар раги рухсорҳояш ҷӯшидаву чеҳраашро арғувонитар карда, бо шавқу сурур мегуфт Сафар ва пас аз каме хомӯшӣ ҳам бо ҳазлу ҳам ҷиддӣ меафзуд: – Аз роҳи кори хайр баровардани одам пешаи шайтон аст… Шумо дӯсти ман, ки бошед, миёна маҳкам бандед, дасту остин бар занеду ёрӣ диҳед… Гап ҳамин: Зара азони ман аст. Мо аҳд бастаем…

– Ба ин сағираи якрав дигар баҳс фоида надорад, – ғурид Кордча ва ранҷишомез афзуд. – Як масал аст: зангиру аспгир девона мешавад. Худо аз балоҳои замину осмон нигаҳат дорад, лекин ҳушата ба сар бигир: саг бошу саги як дар, гуфтаанд. Мабодо аз почаи соҳибҳоят бигазӣ…



https://bikhon.tj/

– Э не… О ман ҳам шири одам хӯрдаам, – аз қаҳр раги пешонии Сафар якбора хеста, аз ҷӯшиши хун арғувонӣ гашт. – Шумо маро носипосу хоин мешуморед?

– Не, огоҳат мекунам, ки баъд наранҷӣ, – акнун нармтар гуфт Кордча. – Худо туро барои ҳимояи сағиру кабири шаҳр ба мо расонд. Мефаҳмӣ, ки чӣ мегӯям? – акнун тундтар пурсид ӯ. – Ҳокими шаҳр буданд… Ҳамаро бо баҳонае мушту лагадкӯб мекарданд… Касе сар бардошта наметавонист. Ёд дорӣ, милисаи шофбурут пас аз шунидани шикояти мо дар милисахона «Ин чӣ ҳол аст? Одам дар шаҳри худаш на озод гашта тавонаду на баланд гап задан?» чӣ таънае зад? «Дар рагҳо хуни мардӣ дошта бошед, дар мушхонаҳо пинҳон нашуда, ҳаққи худро соҳиб шавед».

– Сафар дигар намешавад, бачаи мома! Ғам нахӯр… – сар аз андеша бардошта гуфт Сафар ва бо табассуми нарм афзуд: – Ҷони ман фидои шумову бачаҳои шаҳр…

Аз рӯи инсоф гӯем, Зара ба дӯстдорӣ меарзид ва аз ҳар ҷиҳат муносиби Сафар буд: чеҳрааш гарму нафис, пайкараш рехта. Мепиндоштӣ, ки аз олами париён ба шаҳр афтодааст: қадбаланд, бовиқор, шаҳлочашм, камони абрӯвонаш дилкаш, мӯйҳои хурморангаш ҳамеша ороставу пероста ва то камар ҳамоил; гулбарги рухсораҳои сурхосафедаш тару тоза ва ғунчаи лабҳояш моили шукуфтан, мудом ҳарфи ширине дар нӯги забон дошт. Куртаҳои хушдӯхте ба бар мекард аз матоъҳои асл: пахтаву абрешим. Ва ранг-ранг сару либос мепӯшид ба қадду басташ шинам. Боз ҳамранги чашм, либос ва кафшҳо ба гардани баландаш мӯҳра, ба гӯшҳояш гӯшвор меовехт, ба ангуштон ангуштарии қадимасохти нуқра меандохту бо ҳамин ороиш нисбат ба дигар духтарҳо баҳусну дилрабо мешуд. Назарбаланд менамуд. Чун ба кӯча ё хиёбон мисли шоҳбонуи афсонавӣ ба сайр мебаромад, садои мутантани пошнаи кафшҳо ва ҳуснаш хуни ҷавонони сагболиғу бачамардҳои занталабро ба ҷӯш меовард. Аммо на ҳар шермард ҷуръати бо



https://bikhon.tj/

ӯ наздику ҳамгап шудан дошт; ҳатто ҷавонҳои муштзӯру худсари осетин низ дар муомила бо Зара истиҳола мекарданд. Вай ҳаргиз дурушту бадгуфтор набуд, ба гаппартоиву ҳазлу шӯхиҳо бо фурӯтанӣ, теғи нигоҳ ва табассумаки нарму роздор посух дода, бо ин сеҳру ҷоду аз дастнорас будани хеш башорат медод. Ана ҳамин иродаву виқори хосаи Зара дар ҳарду дили Сафар шарораи ишқ афканда, ӯро шефтаи худ гардонд.

– Зан бояд ҳамин хел бошад, – мегуфт ӯ. – Бо фаросат, рафтор, ҳатто маънии нигоҳаш ба ҳар сабуксару ҳарзагӯй иҷозат надиҳад, ки ба ӯ наздик шавад…

– Худоҷон талабу хоҳиши маро пазируфт, – ба дугонаҳояш бо ифтихор гӯшзад мекард Зара. – Орзуям ҳамин хел ҷавонмард буд…

Сафар на танҳо бо танутуш ва бозуҳои рустамона, балки чун паҳлавони миллатдӯсту фидоӣ дар гирудор ва набардҳои гоҳ ниҳону баъзан ошкори байни ҷавонони омада ва таҳҷойӣ дурахшиду ном баровард. Он айём ба болои ҳама дигаргуниҳое, ки пас аз Инқилоби сурх ба пойтахти мо расида буд, рӯзгори наве пеш омад. Чун Ҷанги Олмон анҷом ёфт, дар баробари омадани хатҳои сиёҳу даста-даста одамони маҷрӯҳ ва нимтана, ки ҳар яке доғу ғаму андӯҳе дошт, оила-оила, вагон-вагон қавмҳои дигар аз саросари давлати шӯравӣ ба шаҳр рехт. Охир ватани мо аз қуллаи Боми Ҷаҳон то Шарқи Дур ягона буд ва ҳар кас ҳуқуқи комил дошт, ки дар паҳнои ин давлати бузург макони зист ихтиёр бикунад, худро соҳибватан шуморад. Беохир омадани муҳоҷирон ба ҳайси ватандор рафта-рафта шумораи онҳоро аз соҳибони шаҳр дучанд афзуд. Шаҳр чеҳрае гирифт аз миллатҳои гуногун – русу украин, озариву арман, яҳудиву узбаку тотор… Ҳар миллате, ки дар шашяки рӯйи замин мезист, ин ҷо намоянда дошт. Занону мардони аз сангарҳои ҷанг захмдору асобадаст баргашта инсонҳои солору заҳматписанд, сари сина нишони ғалаба дар ҷанг овезон, аз рӯйи касб яке табибу дигаре муҳандис, яке коргару дигаре



https://bikhon.tj/

роҳбар, ба коре камар баста, ҳатто рӯзҳои истироҳат ба ҳашар баромада, дар бунёди кулбаву пиёдароҳ ё шинондани ниҳолу гул, кашондани лӯлаи обу кандани ҷӯйҳо ҳисса гузошта, шаҳрро обод мекарданд. Ва аз кори хайри худ шоду масрур низ мешуданд.

– Хайрият, ки аз вабои ҷанг раҳидем, – мегуфтанд ба якдигар. – Гитлер капут! Сад шукр, ки Худо ба ин рӯзу ба ин макони гарм расонд. Обу ҳаво, офтобу мевааш ҳузури ҷон. Бояд тинҷу осуда кору зиндагӣ кунему ватанро обод…

Аммо шуғли ҷавонону наврасони бекору кӯчагард, муштзӯру авбош дигар буд. Онҳо, ки се-чор сол аз тарбияи падару модар бенасиб, ба оворагардиву худсарӣ одат карда буданд, дар чорчӯбаи зиндагии банизом зистанро намеписандиданд. Худо ба онҳо хуни гарму нерӯйи зиёд додаву майдони кору худнамоӣ не. Ба куҷо раванд, чӣ кор кунанд? Айёми гармо баробари тафсидани нурҳои офтоб ба соҳили рӯди Варзоб, ки он айём поку пурмоҳӣ ва нӯшиданбоб буд, мерехтанд ва ҳар гурӯҳ дар ҷои хайма задааш то шом, гоҳ серу гоҳ гурусна, ба оббозиву рӯйи реги сӯзон ғелидан ё шикори моҳиву сангпартоӣ ва зӯрозмоиву тӯббозӣ саргарм мешуданд. Шомгоҳ ҳар даста бо «пешво»-и худ ба марказҳои дилхушии шаҳр роҳ пеш мегирифту ба зӯрозмоии навбатӣ омода мегардид. Шиору ҳадафи ин набардҳо кӣ зӯру кӣ тавоно буд, пасон мубориза ба тақсими гузару маҳал, атрофи донишгоҳ ё хобгоҳи умумии коргардухтарон, бозор ё боғу майдони ракс табдил ёфт. «Ҳоким»-и маҳаллаи Шоҳмансур ё вокзали Роҳи оҳан кист? Бе иҷозати фалонӣ дар ҳудуди гузари Сариосиё пайдо шудан хатар дорад: сар, дасту по мешиканад. Қаламрави Боғи истироҳат ё атрофи хобгоҳи комбинати бофандагӣ зери дасти кист? Дар майдонҳои рақсу кинотеатрҳо киҳо бо соҳибҷамолон ҳуқуқи озодона рақсидану дилхушӣ кардан доранд?..

Ҷавонҳои осетин дар ин муборизаҳо бо тундиву муштзӯрӣ дастболо буданд. Бераҳмона гӯшмолу ҷазо медоданд



https://bikhon.tj/

таҳҷойиҳоро. Барои ҷангу кӯбокӯбӣ сари ҳар қадам баҳонае ёфт мешуд: нозанинеро дар майдон ба рақс даъват кардан; дар пиёдароҳ ё нақлиёт китф ба китфи касе расондан ё поеро баногоҳ зер кардан бас буд, ки ба таҳқир, моҷаро, озору кордзанӣ оид шавад. Аслан ҳадафи ин моҷароҳо нишон додани зӯрӣ ва гирифтани алови чашми якдигар буд. Ана дар авҷи ҳамин гирудорҳо Сафар – ҷавони паҳлавонсимо, машқдида ба шаҳр омаду донишҷӯ шуд ва аз роҳи ширкат дар озмунҳои варзишӣ ва нангшарикӣ дар гирудори ҷавонон алайҳи худсариҳои «бегонаҳо» зуд номвар гардид. Бибои бераҳму дастаашро, ки ҷабру ҷафо ва ҷазову сазои ноҳақро ба шаҳриҳо аз ҳад гузаронда буданд, ӯ бо мушту панҷаи тавоно дар хари худашон шинонду гурезон кард. Сафар дар ин набардҳо на корд истифода мебурду не ягон асбоби филизӣ.

– Худо дасту панҷаро барои чӣ додаст? – мегуфт вай ба кафу ангуштони бузургаш нигариста. – Буздиливу номардист бо корд қасос гирифтан. Мардед, ба майдон бароеду зӯру ҳунар нишон диҳед.

Вай ибтидо дар як гӯшаи хилвати Боғ дар шоҳидии бачамардони осетину маҳаллӣ бо Рамзик як ба як панҷа нарм карду ӯро ба зону шинонд. Рамзик низ бадҳайбат буд: филпайкару чашмонаш каб-кабуд. Ва зарби муштҳои мисли путк гарону шаттаҳои обдорашро бо наъраву ниҳеб на ҳар бачамард мебардошт. Вале Сафар дар муқобили ӯ кӯҳвор устувор истод ва танҳо дар фурсати муносиб кӯрмуште бехи гӯшаш фуровард. Рамзик мувозинаташро гум карду калавид, шояд аз чашмонаш шарораҳои рангобаранг ҳам рехтанду дунё дар назараш гирдгардон шуд, ки ба зону афтод. Сафар дигар ба ӯ зарба заданро раво надонист; ду даст ба миён болои сараш попархам истод ва бо хашм ғуррид:

– Ин шаҳр соҳиб дорад! Бас аст?!

Ёрони Рамзик аз ин шикаст ноҳинҷор, бо кинаву адоват ба ҷунбиш омаданд, вале ишораи мағлуб онҳоро ором кард. Ле-



https://bikhon.tj/

кин ин ғалаба анҷоми гирудор нашуд. Балки пас аз ин кӯбокӯбӣ ва задухурд шиддат ёфт. Ва ниҳоят Бибои забардасту шоҳи муштзӯрон Сафарро бо ҷамъи ёрон ба набарди соҳили Варзоб хонд. Ана майдону ана задухурд ва ана тамошову намоиши неру ва ҳунари муштзанӣ. Нозирону доварон аз ҳар сатҳ кам набуданд, албатта ғайрирасмӣ, аз рӯи шавқу ҳавас. Шарт ҳам дошт ин зӯрозмоӣ. Каси мағлуб дигар сар намебардорад ва даъвои зӯрӣ намекунад. Бибо чун паланги хашмин бо мӯйҳои парешону авзои мудҳиш ба майдон ҷаҳид ва кафҳояшро ба ҳам совида наъра зад:

– Куҷоӣ?! Агар эзоратро тар накарда бошӣ, баро бинамат. Тика-тика, пора мешавӣ…

Сафар, сари синааш мисли қафаси синаи шер пурпашм, пайкар, шона ва бозуҳояш дар назари ҳозирин дучанд бузургтар, чеҳраи офтобгунаш нарм, аз байни ёрон бе ҳангома ба майдон қадам ниҳод.

– Туйӣ говҷигари даъвогар? – ғурид Бибо. – Аз ҷонат сер шуда бошӣ, пеш биё. Мурғи бепар мешавӣ…

– Дағдағаву шаттоҳӣ сифати мард нест, – ором посух дод Сафар ва чашм аз ҳаракатҳои Бибо наканда, ба пешвози ӯ қадам ниҳод. Эҳе, гирудоре оғоз ёфт ногуфтанӣ. Ғирев ба ғирев печиду хоку чанг ба ҳаво хест. Ва аз байни ғубор ёрони ҳарду медиданд, ки чи хел ду пилтан дар лаҳзаҳои мувофиқ якдигарро мекӯбанд, яке ба қасди ҷони дигаре ҳамла оварда, либос дар тани ҳамдигар пора мекунанд, хун аз бинӣ ва пешонӣ мерезанду таслим намешаванд. Бибо дар ибтидо Сафарро написандид ва бо мушту шаттапартоии берабт ӯро масхара ҳам кард; хост бо чунин тарзи муҳориба ҳариф ва ёрони ӯро осонакак шармандаву мағлуб созад. Сафар бо чустиву чолокӣ худро аз пеши лагад ва муштҳои Бибо ба канор мекашид ва ӯро меангехт, ки бештар ба хашм ояду бо ҷастухезҳои тунд неру сарф намояд. Ба ин муваффақ ҳам шуд. Бибо ҳаш-ҳаш нафаскашон гирди Сафар парвонавор чархиду мушту лагад



https://bikhon.tj/

партофт. Ва ниҳоят, вақте ки Бибо аз ғазаб бехуд, бо як ҷаҳиш хост, ки аз гулӯи Сафар дораду ӯро буғӣ кунад, аввал ба дамгаҳ, пасон байни пойҳояш аз ӯ чунон мушту лагади дардноке расид, ки ногуфтанӣ. Нафас дар гулӯяш дармонд, оҳ гуфту пару афтод ва ҳангоме ба худ омад, ки ёли гарданаш дар панҷаи оҳанини Сафар аз дарди ҷонкоҳ месӯхт ва аранге дид, ки байни хоку чанг ёрон паҳну парешон, ба ҳар дастуре якдигарро мекӯбанд. Сафар сару рӯи ӯро ба хоку санг пахш карда ва гоҳгоҳ кӯбида наъра мезад:

– Бас мекунӣ ё не? Ин шаҳр, ин мардум соҳиб дорад! Мешиканам миёну гардани касеро, ки бачаҳои моро меозорад…

Пас аз ин бархӯрд, агар ташвишу даъвософкуниро дар идораи милиса ба ҳисоб нагирем, шаҳр орому нафаси мардум рост шуд…

Вале баъд ишқ дар ду дили Сафар оташ афганд ва ҳавову ҳаваси зангирии ӯ Кордчаву чанд хостгори дигарро ба даргоҳи падари Зара овард. Мӯйсафеди мӯзадӯз, галифеи сабзтоб, шабеҳ ба либосҳои Сталин ба тан, кулоҳи соябондоре ҳамранги пироҳан ба сар, мӯзаҳои соқбаланди хиром ба по, муштуми думчадарози ҷигаррангу нуқракуб дар каф, ки гоҳ-гоҳ бо нафас аз он дуд мебароварду дуд мекашид, онҳоро чун ашрофзода бо ғуруру салобат пешвоз гирифт. Ва пас аз саломy ҳолпурсӣ ва ба ҷои шароби тутӣ (чача) нӯшидани як пиёла чойи доғ матлаб пурсид:

– Чӣ ташвише шуморо ба кулбаи мо овард?

– Нияти нек, – кӯтоҳ посух дод Кордча. – Худо хоҳад, хеш шуданием… Шояд моро мешиносед…

– Бале, шаҳри мо ки бузург нест, – бо овоз ва табассуми нарм гуфт мӯйсафед ва нӯги думчаи муштум байни мӯйлабҳои ғулияш хаставу ду-се карат дуд кашида, лаҳзае чашмони бузурги осмонирангу хуморолудашро пӯшида гӯё ба ғанаб рафт, сипас каппа-каппа, ҳалқа-ҳалқа аз даҳону



https://bikhon.tj/

шикофҳои бинӣ дуд сардод. Чӣ хаёле дар сар дошт ва чӣ манзарае пеши чашмаш меомад?

– Савдои мушкил, – бо думчаи муштум мӯйлабҳояшро барзанон ғур-ғур кард мӯйсафед ва кулоҳашро гирифта ба рафи тиреза ниҳод. Дар пешонии фаррохи ӯ мавҷи чинҳо ба ҷунбиш омаданд. Вай бо ҳамсараш, пиразани бузургҷуссаи нуронӣ, ки атрофи пиримус ҷумбуҷул дошт, назаре афканду пичиррос зад:

– Зара огоҳ аст?

– Бале, бе рухсати ӯ мо ҷуръати ин ҷо омадан намекардем, падар, – бо одобу эҳтиром гуфт Кордча.

– Аз шумо напурсидам, – як каме норизо ғурид мӯйсафед.

Кордча аз хиҷолат лаб газид ва дид, ки пиразан бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

– Ҳарду арзандаи якдигаранд. Сафарро мешиносед – ҷавонмард, далер,ояндадор… Дар донишкадаи кишоварзӣ мехонад. Шумо дуо диҳеду хешу пайванд шавем, олам гулистон, – боҷуръаттар андешаашро баён кард Кордча.

– Ҳм, Худо… Бо писарон, хешону дӯстон маслиҳат бояд кард… Зара ҳафт бародар дорад… Метарсам, ки ҳайф мешавад, – андешаманд гуфт мӯйсафед. – Савдои умр, мушкил… Хушбахт шудан осон не.

– Сафар мисли гул мепарварадаш. Ман ин гапа бо дили пур ба Шумо мегӯям.

– Номат Кордча?

– Бале…

– Ту расму таомул, хӯву хислати бачаҳои моро шояд кам медонӣ…

– Ҳамаамон хизматгор мешавем… болои сар мегардонем. Дар шаҳр эҳтироми беҳисоб дорад Сафар. Эҳе, як одамҳое мехоҳанд, ки ӯ домодашон шавад… Лекин дил бохтааст у аҳд бастааст…

– Медонам… Ба шумо чӣ хел фаҳмонам? Метарсам… дилам месӯзад…



https://bikhon.tj/

Ҷашни арӯсӣ сода, ноаён гузашт. Охир бародарони Зара ин пайванди хуниро напазируфтанд, хоҳарашонро хоину нобакор хонданд ва ба марг ҳам таҳдид карданд. Аммо Зара аз онҳо гузашту аз Сафар не. Ва ҳамон шаб Сафар дар ҳалқаи ёрони айёрпеша Зараи сафедпӯшу таннозро пойи пиёдаву ноз-нозон зери навойи сурнайю даф, рақсу кафкӯбӣ ба хонаи иҷорааш, ки дур набуд, бурд. Раҳ ба раҳ ҳамсояҳо ба сари шаҳу арӯс аз қанду қандалот чорчала партофта, барояшон бахти сафед таманно карданд. Дигар онҳо ба мурод расиданду зиндагии бузург оғоз ёфт. Ва шомгоҳон чун Сафар бо Зара паҳлу ба паҳлу, гоҳе арӯс бо як даст аз бозуи шаҳаш дошта, дар дасти дигар як шоха гул, ба сайр мебаромаданд, сад чашм ба тамошояшон дӯхта мешуд: бо ҳавас, – чӣ хел ҷуфти дар ҳусну ҷамол ва қаду баст бо ҳам мувофиқ! ҳайрат, – мегӯйӣ Худованд ҳардуро барои якдигар офарида! Рашку ҳасад… Ва бисёриҳо аз дил мегузаронданд: оянда аз ин ҷуфти муносиб офаридгор чи фарзандоне ба дунё орад? Бамағз, паҳлавони шердил, духтарони хушгил…

Ин чиз афсона набуд. Пас аз зану шавҳар шудани Сафару Зара касофати низоъ ва ҷангу ҳамдигарозории беҳудаи ҷавонон кам шуд ва ҳангомаву дағдағаи худро ҳокими ин ё он гӯшаи шаҳр хондани муштзӯрон аз байн рафт. Падару модароне, ки духтарони қадраси донишҷӯву коргар доштанд, осуда шуданд. Вале дар як рӯзу соати наҳси тобистон овозае дар шаҳр шӯру ғулғула хезонд, ки Сафарро оташ заданд…

– Бо мо буд дар базми таронаҳои Зафар Нозим, дар театри тобистона, – мегуфт бо ранги паридаву овози ларзон Кордча. – Ҳамсол, ошнои ҷонӣ, мухлисаш буд… Дар охири базм як сабад гул пеши пойи Зафар гузошт, баъд ӯро болои сар бардошту бо тарзи рақси паҳлавонон гирди саҳна чархид. Эҳе, мардум ба по хеста кафкӯбон офарин хонданд… Он рӯз аз шодӣ дар курта намегунҷид…



https://bikhon.tj/

– Мегӯянд, ки аз базм ташна баргашта, пас аз нӯшидани чанд коса шарбати олуболу сахт хобидааст, – шарҳ медод дигаре. – Кӣ медонад, шояд нӯшоба доруи беҳушӣ доштааст…

Ва номардони бадрашку сиёҳдили осетин ҳангоми дар хона будан ё набудани Зара, – ин ҳам муаммо буд, – бо мушту ханҷар қасди куштан накарда, – аз сояи Сафар мурданивор меҳаросиданд! – балки ӯро дар ғафлату масти хоб ёфта, – хоб, ки додари марг аст, хоса хоби марди паҳлавон, – дар каташ симпеч кардаву болояш бензин пошида, оташ задаанд. Сафари дудила аз сӯзиши ҷисму ҷон наъракашон бо ҷаҳише бо бистару симкату тани сартобапо шӯълаи оташ рост мехезад ва ҷонталвоса сӯи дар мешитобад. Дар аз зарбаи пайкари сӯзони ӯ меафтад, паҳлударӣ ба симкат андармон, мисли чорчӯбае ба ин манзараи мудҳиш, берун мепарад. Ва дар саҳни ҳавлӣ, бо ҳар ҷунбишу ғирев, печутобу талвосаи пайкари сӯзон оташ афзунтару баландтар забона мезанад. Симкату симҳои печондаву тофта гудозону сурх, ҷисму ду дили ҷавонмарди ҷавонмардон шӯълазан, гӯё рақси сӯзу гудози воқеиро аз ишқу ҳавас намоиш медод. Саҳнаи мудҳиши сухтани пайкари инсони нерӯманд, чархидану ҷон кандани одами зинда дар панҷаи оташ…

То расидани оташнишонон хурду бузург лолу ҳайрону лоилоҷ, димоғҳо аз бӯйи ғализи гӯшту равғани сӯхтаи одам, чашмҳо ҳаросону ашкбор, чӣ кор карданашонро надонистанд. Ҷон ширин, пеш раванду даст расонанд, месӯзанд, об патоянд, оташ бештар забона мезанад.

– Гилем биёред, гилеми тар! – дод мезад касе.

– Бефоида аст, – гирди пайкари сӯзон тозон посух медод дигаре. – Нохалафон аз ҳад зиёд бензин пошидаанд…

То мошини оташнишон бо ҳангомаи доду фиғон ба он ҷо расид, ки пеши чашми мардум кулба хокистар шуд ва пайкари бузурги Сафар чун як кундаи сип-сиёҳи нимсӯзи каҷумаҷ саҳни ҳавлӣ зери обрез афтод, балки ӯ худро ба



https://bikhon.tj/

онҷо афканд. Ва пас аз об пошидан низ аз ҷо-ҷои пайкар дуд баромад. Гиряву фиғони ёрон ба фалак мепечид. Охир аз рӯву чашму абрӯвони зебо, буруту мӯйи базеб ва панҷаву бозувони рустамона ҷуз пӯсти сӯхтаву пурзахм, мисли ливик сиёҳу хунчакон осоре намонда буд.

– О ваҳшие, чи хел дилат шуд?

– Кинаву рашк инсонро аз ҳайвон бадтар мекунад, ба дев табдил медиҳад…

– Ин кору кирдори ягон ошиқи Зара аст. Харидору аз пасаш медавидагиҳо аз ҳад зиёд буданд…

– Барои як зан ҷавонмарда дар равғани худаш бирён карданд…

– Ин амал маънӣ дорад: маро сӯзондӣ, ту ҳам бисӯз…

– «Самаки айёр»-ро ба ёд биёред: бештари ҷангу ҷидоли шоҳон дар замони қадим аз дасисаи зан ё барои зан будааст.

– Зара набуд?

– Не… Худашро нишон надод.

– Э худозадае… Гоҳе бо шӯхӣ мегуфт: Сафар, қадамата дониста мон, аҷалат дар дасти ман аст…

– Гуфтанд, ки аввал ӯро даҳон баставу теғ дар гулӯ гузошта ба кучое бурдаанд…

– Сад дареғи Сафар… Дар синни 24 муфт, бенишон нобуд шуд…

– Сутуни дили мо буд… Э вой…

– Худо медонад, ки дар сад соли дигар ба ин пайкару шаклу шамоил, ба ин дилҳову гурда ҷавонмарде пайдо мешавад ё не?

– Паҳ, аҷаб нангу ғруруре дошт… Ҷонаш барои ҳар як тоҷик месӯхт.

– Дасткушоди бемисл буд. Чор сӯм мееёфт, раҳ ба раҳ шикамӣ ятимакони оворагардро сер мекард…

– Медонед, наваду се фоизи баданаш сӯхта буд. Лекин сиву ҳафт соат башиддат нафас кашиду бо лабу забони би-



https://bikhon.tj/

рён кам-кам гап зад. Ин ҳам табибонро дар ҳайрат гузошт, – мегуфт Кордча.

– Ягон васият кард?

– Васият неву хоҳиш… Гуфт, ки модари пираш бекасу танҳост. Тавонед гоҳ-гоҳ ба кампир мадад расонед… – Ашк магар гулӯи Кордчаро фишурд, ки сар ба зер афканду пичиррос зад: – Боз гуфт, ки ҳаргиз аз қавми бегона зан нагиред…

Пас аз сипарӣ шудани моҳҳо овозаи нав паҳн гашт: бо ҷурми даст доштан дар сӯхтани Сафар ба муҳлати дувоздаҳ сол Зараро ба зиндон фиристодаанд…

– Сазои кирдораш. Ба шарбат аз ҳад зиёд доруи беҳушӣ андохта… О бадрашке! Тарсидааст, ки Сафар дар деҳа зани дигар мегирад.

– Хонаи шайтон сӯзад. Бо туҳмату дасисаҳо Зараро девона кардаанд…

Ҳо, дар оташи рашку ҳасад сӯхтани Сафари дудила пурасрор монд. Вале Кордчаву ёронаш аз ин фоҷиаи гӯшношунид даҳон талху ҷигар доғ, то нафаси охирон мехостанд донанд, ки Зара дар ҳақиқат ба шавҳар хиёнат кард ё не? Агар бегуноҳ буд, чаро либоси мотам ба тан, рӯйканону мӯйканон он ҷо пайдо нашуду адлу дод нахост? Аввал аз ӯ на пай ёфтанду не ҳайдар. Ва достони ҷавонмардиҳои Сафари дудила чун тимсоли ҷасорату озодманишӣ, ҳақталошиву адлхоҳӣ то ҳанӯз дар ёдҳо монд...

– Оҳ, чи ҷавонмардоне аз дили софу сода, бо дасиса ва макру ҳиллаи нокасон ҷабру ҷафо мекашанд, – нолид касе.

Фил, пеши назараш пайкари сар то по сӯзону рақсони Сафар, чапаркат дар пушт, сар бардошт ва гиҷу гаранг дар дил аз худ пурсид:

– «Магар Зара ба Сафар хиёнат карда буд?»

25.XI.2013



https://bikhon.tj/

## ҒАМХӮРАК

*Ҳикоя*

Одам не, паранда аст: хурдакак, назарногир, сиёҳак. Худованд ҷисму ҷони ночиз, вале ғаму ташвиши беҳисобаш бахшид. Ва номаш низ гӯё бо худаш омадааст: ғамхӯрак. Не, ба вазни ҷисмаш парандагон зиёданд, лекин ҳарранга: гунҷишк, санговдавак, чилмангуштак, залич, булбул… Аммо хӯву хислат ва тарзи ҳаёти он парандагон ба ғамхӯрак шабоҳате надорад. Онҳо дар шохи гулу бутта ва дарахтон лона гузошта, аз субҳ то шом аз шикори дилхоҳ обу ғизои худ ва чӯҷаҳояшонро ба қавле шоҳона таъмин карда, сармаст аз рангу накҳати шукуфаҳо чаҳ-чаҳ мезананд. Вале ӯ аз рӯзу соате, ки аз тухм баромада чашм ба олами ҳастӣ мекушояд, сахраву сангҳои хурду бузурги соҳил ва рӯди хурӯшонро мебинаду садои мавҷҳоро мешунавад. Дунё барояш танҳо аз ҳифзи об иборат мешавад. Бомдод чун дигар ҳамҷинсон бедор шавад, аз роғи шаху сангпораҳои ҳамшафати рӯд бо наҷвое пурнишот чусту чолок худро ба соҳил афканда, болзанон ба камари шаххҳои соҳил нишаста, бо шӯру шавқ ба ҷараёни об менигарад. Посбонии об мероси азалии ӯст.

Ғамхӯрак дар соярӯшани субҳ чун мебинад, ки рӯд мисли дирӯза пуроб асту сангу сахраҳоро молишдиҳон шалфаи амвоҷаш байни дараҳо taнинандоз аст ва бо суруди гӯшнавози ҷовидонияш ҷорист, шоду сармаст ба гирдобе ғӯта зада, сипас болзанон аз соҳиле ба соҳиле гузашта эълом медорад: нағз! Қатрае кам нашудаст! Баъд болои рӯд поину боло парвоз карда зиракона ба чор тараф нигариста, аз пайи иҷрои вазифа мешавад, ки об бе камукост ба маҷрояш биравад.

Хуршед аз паси қуллаҳо намоён ва ҷойҳои пурсоя равшанистон мегарданд. Оламро ҳангомаи хониши мурғону



https://bikhon.tj/

чирчиракҳо пур мекунад. Ҳар яке овози худу ташвише дорад. Ғамхӯраку ҷуфташ низ гоҳ-гоҳ бо навбат ба чӯҷаҳояшон ғизо мебаранд. Нигоҳубини чӯҷаҳо қарзу вазифаи ҷонист. Нажод, насли солиму сазовор нишони ҳар ҷонзод, умеду ҳастӣ ва идомабахши амали онҳост. Бояд чӯҷаҳо солиму бақувват парронча‌к шаванду бо далериву зиракӣ ҳифзи обро мисли дигар ҳамҷинсон идома диҳанд.

Вақте шаху сангҳои соҳили рӯд аз нурҳои сӯзони хуршед битафсанд, ғамхӯрак аз беқарориву паропар сахт ташна мемонад, ба андозае, ки ҳалқаш хушк, минқораш боз мешаваду забонаш мисли барги бед меларзад. Дар ин ҳолат низ мурғак ба даҳон қатрае намегирад, ки обро кам накунад, лекин пай дар пай ба рӯд ғӯта зада ё аз боди серуни соярӯ нафас кашида, ба ин васила ташнагӣ мешиканад. Ва боз дар нишемангоҳаш – равоқи шахи соҳил нишаста, ба поину боло назар афканда, ҷив-ҷив садо медиҳад: ман ҳастам, об дуздида наметавонед.

Ҷонзодҳои соҳилро хуб мешиносад. Хислати обсофкунак ба муроди дилаш аст: чун ғукҳои худсар ба ҳавз ё гирдобе парида, обро гилолуд кунанд, ё аз борони ногаҳонӣ оби рӯд тира гардад, обсофкунакҳо аз куҷое пайдо шуда бо ташвишу чолокии ҳайратовар ба ин сӯву он сӯ шитофта, болои об мисли рассом хатҳо мекашанд ва ба ин дастур онро соф карда, пасон ба соҳил баромада дар қароргоҳи худ пинҳон мешаванд. Офарин ба ҷонфидоии обсофкунакҳо, ки ҳамеша ба софкории об омодаанд.

Вале ғамхӯрак ҳамеша ба санговдавакҳо, ки аз субҳи содиқ то шом лаб-лаби соҳил намоишкорона дум ҷунбонида аз санг ба санге меҷаҳанд, бо шубҳаву ташвиш менигарад. Дар назараш санговдавак ҳарису худкома аст. Ғайри соҳил сайргоҳе надорад. Мабодо ин мурғаки олуфтаи серҳаракат дар авҷи гармо нописандона нул ба рӯд бизанад, рӯзаш сиёҳ мешавад. Охир обро кам мекунад. Ин нағз не! Ана дар сари



https://bikhon.tj/

ин «гуноҳ» ғамхӯрак бо хашму ситеза ба санговдавак ҳамлавар мешавад. Ҷанги тан ба тан, оштинопазир. Парҳое аз зарби минқору нохуни чанголҳо мерезанд. Дигар майдон асту муҳориба. Эҳа, дар ин набард агар ғамхӯрак санговдавакро мағлуб созаду аз соҳил гурезонад, аз нишоти пирӯзӣ қад-қад парида болои шахаке нишаста, шаҳбозвор ба атроф менигарад. То ӯ зинда аст, кӣ метавонад як қатра оби ин ҷоро кам кунад? Оби софу зулол бояд аз кӯҳсорон ба водиҳо бирасад, одамонро шодоб гардонад, даштҳои синабирён, киштаҳову боғзорони ташнаро сарсабзу кони ганҷ гардонад. Вале ғамхӯрак ҳаргиз намедонад, ки сокинони соҳили рӯдҳои хурӯшон, соҳибони кушку бӯстонсаро аз талошу ҷонкоҳонии ӯ бехабар, ин неъмати ҷонбахш – обро дар шаҳру деҳот басо разилона чиркину исроф мекунанд. Нодонӣ, ҷаҳолат, куфрони неъмат. Дареғу дареғ…

29.05.2017



https://bikhon.tj/

## БУЛБУЛОНИ ШАҲР ВА ЗОҒ

*Ангора*

*Эҳдо ба Мирзо Шакурзода*

Бедор шудам. Шаби аввал дар макони бегона бароҳат хобида наметавонам. Соат ба вақти Душанбе аз панҷ гузаштааст, аммо ин ҷо субҳ медамад. Ба хотири нооромкардани ҳамроҳам нӯг-нӯги панҷа ба даҳлез баромадам. Теҳрон – шаҳри бузург, ки шаб кӯчаву хиёбонҳояш лабрези мошин, пиру барно ва ҳангомаву ғалоғула буд, ҳоло дар паси дуди ғафси осмони беҳудудаш ситораҳо пинҳон, зери пардаи тирафом ғунудааст. Аз даҳлез ба паҳнои ҷангалаки паси меҳмонсаро, ки то фарози баландӣ гӯё зери пероҳани сабз дар хоби ноз аст, назар афкандам – эҳа, аз ҳар канори дарахтзор ба гӯш савти ҳазор мерасад. Як, ду, се… Чи оламизебо, чи ҳадяи нодир! Дар Душанбе барои шунидани чаҳ-чаҳи булбул дараи Варзоб меравем. Вале ин ҷо дар дили шаҳри азим андалебон базм доранд. Ин ҳолату манзара азияти бехобиро рафъ сохт. Табиатро бо ҳама ҷонзодаш дар шаҳр дидан шодиовар нест? Ё ин мурғакони зарифтабъ дар роҳи сафар ба кухсорони хушобу ҳаво роҳгум зада, дар ин дарахтзори шаҳри ҳавояш ғализу нохуш макон гирифтаанд?

Лаҳза ба лаҳза аз сари шохсорон нағмаи андалебони шабзиндадор ба атроф шӯрангезтар паҳн мешавад. Парандаҳо – қосидони субҳи босафо ба гӯши нозанини сабзпӯши хуфта – ҷангалак ва инсонҳои бедор ба ҳар ранг суруди оромишу навозиш ва ҳушдор мехонанд. «Осуда бихоб, эй парии сабзпӯшу гулбасар, ки оғуши шохсоронат маъвои лонаву зодгоҳи чӯҷаҳои мост. Чашм бикшо аз хоби ғафлат, эй одами-



https://bikhon.tj/

зода ва аз ин ҳавои муаттару манзараи дилангез ҳаловат бубар. Фасли тарабу ишқ аст, бехабар намон…»

Баногоҳ қар-қари ноҷуру бадхашми зоғе гӯш харошид ва авҷи савти мурғаконро шикаст.

– «Эй ҳасуд, – менолам дар дил, – субҳи пок ва шаҳди хониши мурғон заҳрогин сохтӣ. Магар намедонӣ, ки дар ду олам рӯйи бахил сиёҳ аст? Ба нағмапардозии мурғони хушовоз халал нарасон, беҳунари дағал!»

Қар-қари зоғ хашмгину гӯшхароштар фазоро пур мекунад.

– «Зиндагӣ майдони мубориза аст. Ҷойи худро соҳиб бояд шуд…»

Ба боми биноҳои баланду паст, ҷодаву хиёбон ва гулгашту боғзорони Теҳроншаҳр пайёми хуршед – сапедаи бомдод бо атри гулу гиёҳи димоғпарвар бомаром доман мегустурад. Мурғакони саҳархез аз ин эҳдои баҳор хушдилу сармаст ба пешвози рӯзи нав пайи ҳам чашму болу пар мекушоянд ва бо нағмаҳои шукӯҳманди довудӣ ба зоғи бадкеш меситезанд.

– «Бас аст, эй хабиси бадовоз! Дигар садо набарор, ки ин биҳишти рӯйи заминро ҳарому дилгир мекунӣ…»

Зоғ гунг мешавад. Магар аз рашку беҳунарӣ шармид? Ҷангалак аз навозиши боди сайргар хамёза кашиду аз бозии гулу баргҳо фаттону дилҷӯтар шуд.

– «Кош вақт даст диҳад, – мегӯям дар дил, – ин ҷангалаки асрорангезро сайр кунем; ба мурғакони хушовои Теҳрон чашм ба чашм дуруд бигӯем ва ба онҳо пайёми сорҳои Душанберо расонем». Маҳз чаҳ-чаҳи сорҳо бомдодон ба ҳангомаи мурғони Душанбе шираву ҷозибае мебахшад… Ва боз аз он дар шигифт мемонам, ки дар ин шаҳри хеле бузурги пурдуду ғавғо мурғони нозуктабъ ҳам мезиянд ва бо замзамаи зариф ба одамону мавҷудоти атроф сано мехонанд. Куҷо раванд аз ин макон, ки чаману меҳанашон аст? Ё ин парандаҳо кучиву раҳгузар бошанд?



https://bikhon.tj/

Ба ҳуҷра медароям. Дигар ба чашмам хоб намеояд. Гурехт хоб. Нарм худро ба ташноб мекашам ва дар обшори ширгарм сару тан мешӯям. Ин ҳам ҳузуру кайфияте дорад…

Ҳамроҳам бедор шуд ва шикваи хастагии роҳу азияти камхобиро ба обхона бурд. Магар сафар ба мулки бегона бе азоби роҳ имкон дорад? Асрҳои пеш бобоёнамон пиёда, захми хори мағелон дар по, ё аспу шутурсавор ҳалқ аз ташнагӣ бирён, моҳҳо биёбону шаҳру рустоҳоро тай карда, ба зиёрати бузургон ё хонаи Худо мерасиданд. Ҳозир… Ҳамсафар пас аз обтанӣ бо ситоиши «оби ҷонона» баргашт ва ба соат нигариста гуфт, ки поин мефароем. Ӯ роҳнамост.

Мизу дастархони шведӣ. Тавону иштиҳо дорӣ, ранг-ранг ғизои боллазат бигиру бихӯр. Пас аз нонушта ҳаваси ҳавои тоза, тамошои чаману гулзор моро беруни меҳмонсаро мекашад. Эҳа, «Истиқлол» дар доман, балки таги чона (фук) ё димоғи кухи бузурги қуллаҳояш аз барф сарсафед ҷой дошта аст. Чаро пеш аз ин мусофират, ки борҳо меҳмони «Истиқлол» будам, ин мазараи зеборо надидаам? Кухи Албурз ифтихори ҳаким Фирдавсии бузург ва ҳуснбахши «Шоҳнома»-и безавол. Ораши номвар аз шохаҳои ханданги тановари ин кӯҳи бузург камону пайкон сохт ва адуро аз марзу буми диёр ронд.

«Аё Албурзи побарҷо, маро ту зинда хоҳӣ дошт», – овози марғуладору пурифтихори устод Лоиқро аз асри бист мешунавам. Вале ногоҳ зоғи алои ба назарам пиру хаста, шояд аз умри дароз бедимоғу дилтанг, болу пар ва минқораш гӯё аз хокаи зуғол чиркин, аз куҷое болафшон омада ба чамани сабз, тару озодаи саҳни меҳмонсаро нишаст. Зоғи танҳо бо кибру ғурур мисли ҳокими худсар яктаякта қадам ниҳод, сипас ба ҳамсафарам, ки байни ангуштон як ришта сигаретро андешаманд метобид, дурушту маломатомез нигарист.



https://bikhon.tj/

– «Ҳой, – бо ду-се қар-қараш гӯё ба ҳамсафарам гуфт зоғ, – дуду чанги ғализи ҳавои ин шаҳр бас нест, ки боз ту сигарет мекашӣ? Ҳавои тоза зарар дорад? Ҷонам аз бӯйи касифи дуди корхонаҳо ва нафту бензини мошинҳо ба лаб расидааст. Дод, сад дод!»

– Доим танҳост, – бо гӯшаи чашм ба зоғ нигариста дилсӯзона гуфт ҳамсафар ва афзуд: – Медонед-а, танҳоӣ бадбахтии сахт, фоҷиаи мудҳиш аст…

– «Зоғи гандапиру ҳокими гулу сабзазор, – гуфтам дар дил: – Чӣ лаззате мебарӣ аз ин тарзи зиндагӣ?»

Мошинҳои хидматӣ паси ҳам ба саҳни меҳмонсаро расиданд ва роҳбаладони хушлаҳҷа моро ба рафтан хонданд. Зоғ болои сабзазор якта-якта қадам ва болу пар зада, ҳайратмандона ба мо, ки кулбор сари кифт мешитофтем, нигаристу боз овози гӯшхарош баровард.

– «Паноҳатон ба Худо. Шумо меоеду меравед, ман чор фасли сол сокини ин маконам».

Шаҳри азим, ғулғулаи оби ҷӯйборон дар пои дарахтон, чаҳ-чаҳи мурғакон ва хандаву лафзи ширини ҷавонон, ҳатто қар-қари зоғ ҳам лаҳза ба лаҳза дар коми ғавғои ҳангомазои наклиётй девонавор дар ҳаракат ва дуди ғализи корхонаҳои пуриқтидор фурӯ мерафт. Оре, ситези оштинопазири зиндагӣ дар ҳар гӯшаи дунё ба ҳар тарзе ҳукми худро меронд…

22.05.2012



https://bikhon.tj/

## ЁДГОР, БАС!

*Ҳикоя*

Амаке доштам қадбаланд, хушсурат, шоффбурут; шонаҳояш паҳн, дасту панҷаҳояш калон, ангуштонаш дароз-дарози пурғурм, пӯсти кафҳояш коркӯфтаву шабеҳи чарм, рагҳои борику ғафси пушти дастонаш печ дар печи барҷаставу кабудфом, – гумон мекардам устоди варзиш аст. Не, вай милиса буд, милисаи қаторӣ. Дар роҳи бозгашт аз ҷанги Олмон ба зодгоҳаш – деҳаи дурдасти кӯҳистон нарафта, бо маслиҳати дӯсти ҳамсилоҳаш дар шаҳр мемонад ва милиса мешавад. Сарбози дар майдони ҷанг обутобёфта, нотарс. Ба ӯ гуфтанд, ки таъмини тартибу низом дар пойтахт, гирифтани алови чашми дузду кисабур ва авбошҳо ҳоло хеле зарур аст. Одамон аз кирдори бади нохалафон дар наклиёту бозор ба танг омадаанд.

Он солҳо пойтахтамон Сталинобод ном дошт ва мисли ҳозира ободу пуршукӯҳ набуд. Нав ҷо-ҷо биноҳои ду, се ва чорошёна, мактабу табобатхона ва дукону корхона месохтанд. Бобоҳоямон аз соҳили рӯди Варзоб бо ароба ва занбар сангу рег кашонда, роҳҳои мошингарду пиёдарав бунёд карда, зимистону баҳорон ниҳол ва гулбутта мешинонданд, ки кӯчаву хиёбонҳо пурсоя, зебо шаванд.

Амаки милиса ҳам аз кӯҳдоман як порча замин гирифт. Аз ин вай бисёр шод шуд. Охир дар таҳи дил орзуе дошт, ки ягон вақт дар ҷое бо дастони худ таҳкурсии чанд хонаро гузорад; хишт резаду деворҳоро бардорад. Аз ӯҳдаи хиштчинӣ ва андоваю пардози деворҳо мебарояд; пӯшондани хонаҳо ҳам осон. Вақти хидмати аскарӣ ин касбро омӯхтааст. Боз дӯстону ҳамкасбонаш ба вай мадад мерасонанд. Онҳо одамони бо дасту панҷа ва хайрхоҳанд. Лекин аз ҳама хубаш ин



https://bikhon.tj/

ки вай боз дар ҳавлияш бо дастони худ ниҳолҳои ҳархела: себу шафтолу, чормағзу олу, ангуру анор, бодому настаран ва гулҳои гуногун шинонда, боғаке бунёд мекунад. Ҳо, сохтани хона, сабзондани дарахт, ба дунё овардану нағз тарбия кардани фарзанд қарзи ҳар як мард аст.

Амаки шофбурути ман дар муддати як сол милисаи овозадори шаҳр шуд. Ҳар дуздаку авбош, бадрафтору коргурез, ки як бор ҷазову гӯштоби амаки милисаро дида бошад, аз сояи ӯ тарсида, худро мисли калламуш дар мушхона пинҳон мекард.

Амаки шофбурути ман аввал ба худсарону дилозорон, кисабурон, ки одамони барҷомондаву деҳотиёнро бо фиребу найранг ғорат мекарданд, бо сарзанишу таҳдид изову сазо, роҳи ҳалол зистанро нишон медод. Агар онҳо аз роҳи бад нагашта, дуюмбора ҳангоми гуноҳ ба даст меафтоданд, ҷазо медиданд, ҷазои сахт.

– Фашистро мо шармандаву мағлуб кардем, – мегуфт ба авбошон бо хашм ва меафзуд: – Ба роҳи рост одамвор наравед, хокатонро мебезем…

Амаки милиса дар баробари хона сохтану боғ бунёд кардан зан ҳам гирифту соҳиби фарзандон шуд. Эҳе, ҳавлиаш аз субҳ то шом мисли кӯдакистон аз бозиву хандаи бачаҳо пур буд. Ҳам амаки шофбурут, ҳам зани хушабрӯйи ӯ дилкушоду кӯдакдӯст, ки буданд, ҳавлияшон ба ҷойи бозии бачаҳо табдил ёфт. Кӯдакони ҳамсоя омада дар сояи дарахтон ба бозиҳои шавқовар: баҷошавакон, байтбараку тезгӯяк саргарм мешуданд. Ва ҳатман аз амаки шофбурутам, ки вақтҳои истироҳат дар таххона асбобҳои мусиқӣ: дутору рубоб ва ё наю ғижжак метарошид ва онҳоро дар бозор фурӯхта, зиндагияшро беҳтар менамуд, хоҳиш мекарданд, ки барояшон афсонае бигӯяд. Бисёр ҳунарманд буд амаки милиса. Дутору таблак менавохт ва таъкид мекард: «ба як мард чил ҳунар кам аст». Лекин тарзи афсонагӯйии ӯ аҷоибу диданбоб буд:



https://bikhon.tj/

чинҳои пешонияш ҳангоми нақл печутобхӯрон кам ё зиёд мешуданд; бурутҳои шофаш мисли ду ханҷар ба ҳаракат меомаданд. Чашмони бузургу шаффофаш гирдгардон, гӯшҳояш ҳам басо хандаовар меҷунбиданд. Амакам аввал барои ангехтани хоҳиши бачаҳо: «Не, ҳозир вақти афсонагӯйӣ надорам», мегуфт. Вале чун онҳо зиёд хоҳиш мекарданд, вай гӯё ночор косаи нимтарошидаи дуторро бо кačкорд болои кунда мегузошт ва чашм аз бачаҳо наканда, мӯйлабҳояшро бо ангуштон барзадаву тобида омодаи афсонагӯӣ мешуд. Ҳамин ки мо саропо гӯшу ҳуш шуда, ба ӯ менигаристем, хикоят мекард:

– Деҳаи мо, бачаҳо, кӯҳистон асту аз ин ҷо дури дур. Хонаҳо дар бағали кӯҳҳои барфпӯш, дар сари харсангҳои бузург, лаби дараҳо ҷой доранд. Роҳҳо он ҷо кушоду мумпӯш нестанд. Хурду калон пиёда ё аспу харсавор аз пайроҳаҳои пурпечутоб, аз байни дарахтону гулбуттаҳо гузашта, ба ҷое мераванд. Баҳорон дар деҳаи мо аз бӯйи хуши гулҳо ва хониши булбулону мурғон маст мешавӣ. Ҳама сабз, ҳама ҷо гулзор. Тобистону тирамоҳаш роҳати ҷон аст. Сад хел мева мепазад. Раҳ ба раҳ аз меваҳои дилхоҳ бо дасти худат чида, даҳон ширину шикам сер мекунӣ. Аммо зимистони деҳаи мо пурбарфу сард аст.

Пеш шабҳо мардуми деҳаи мо бо пилтачароғ ё шамъҳои худсохт хонаҳоро равшан мекарданд. Зиндагӣ душвор буд. Барфи бисёр меборад. Ана, ҳамин сармову барфи зиёд одамонро маҷбур мекунад, ки аз аввали баҳор ғами ҳезуму сӯзишвориро хӯранд. Чор-панҷ моҳ дар оғӯши барф зистан осон аст? Шабу рӯз бояд хонаат гарм бошад. Лекин мардуми деҳаи мо ҳезумро намехаранд, зеро боғу ҷангали фаровон доранд. Танҳо ғайрату ҳавсала лозим, ки арра, табару теша ва ресмону арғамчин бигириву ба ҷангал биравӣ. Он ҷо дарахт намебурӣ, зеро шоху навдаҳои хушкидаву аз бори вазнини барф рехта беҳисоб аст.



https://bikhon.tj/

– Дар як рӯзи аввали баҳор, – нақлашро идома медиҳад амаки милиса, – ҳамдеҳаи хоболуди мо Ёдгор аз таънаву танқидҳои зиёди занаш «ҳезум тамом шуд. Бо чӣ барои бачаҳо нону хӯрок пазам? То кай мисли суғур мехобӣ? Рафта аз ҷангалак як пуштора ҳезум биёрӣ, намешавад?» ба танг омада, ноилоҷ арғамчину тешаро гирифта, бо сари хам сӯйи ҷангал меравад. Вай аз алам ҳатто як бор ба осмон наменигарад, ки ҳаво соф аст ё пурабр. Ба ҷангал расам-нарасам, баногоҳ тундар заминро ларзондаасту чароғак ба ҳама ҷо гӯё оташ рехтааст. Аввал дона-дона, баъд бошаст борон рехтааст. Ёдгори хоболудро ба пешонӣ ва рӯву гарданаш расидани қатраҳои калон-калону сарди борон якбора ҳушёр карда. Ӯ ба осмон нигариста ҳуш аз сараш паридааст. Абрҳои сиёҳу хокистарранг осмонро пӯшондаанд. Атроф мисли шом торик. Раъду барқ пайи ҳам шиддат мегираду рехтани борону жола ҳам. Ёдгори хоболуд мисли харгӯш гурехта зуд ба таги калфе медарояд. Дар таги шаххҳои калон ковокиву ҷойҳои обнорас мавҷуданд, ки онро калф меноманд. Дар кӯҳистон, бачаҳо, калф мисли даҳлез ҳангоми боридани барфу борон ва жола сарпаноҳи беминнат аст. Одам дар зарурат метавонад ба калф даромада аз барфу борон раҳо ёбад, ҳатто оташ афрӯзаду гарм шавад. Лекин Ёдгори хоболуд имкони алов кардан наёфт. Фаромӯш кардааст, ки бо худ гӯгирд бигирад. Дидед, фаромӯшхотиривиу танбалӣ чӣ зарар дорад? Ёдгор ларзон-ларзон ночор теша дар оғӯш, болои арғамчини печ дар печаш нишаста, рехтани борону жоларо тамошокунон ба ғанаб рафтааст. Баъд, вай як замон чашм кушода оламро тамоман дигар хел мебинад. Кӯҳу дашт, дараву ҷангалҳо аз нури офтоб равшан. Абрҳои арғувонӣ аз сари ёлаву домони кӯҳҳо ба ҳар шаклу шамоил: шутурвор качу килеб, мисли бузу гусфандон паҳну парешон ба ҷониби дараҳо мераванд. Аз замин, аз бехи буттаҳо бухори тунук мехезад. Олам аз хонишу чаҳ-чаҳи паррандаго-



https://bikhon.tj/

ни ҳархела пур аст. Вале аз ҳама аҷибаш, бачаҳо, аз домани кӯҳи сабзтоби муқобил бо рангҳои аҷиби афсонавӣ Камони Рустам баромада, мисли нимдоираи азим аз болои теппаву дараҳо, галаи аспону бузу гӯсфандон, барраву бузғолаҳои машғули чаридан ва ҷангалаку марғзорон гузашта, ба пушти ёлае сар гузоштааст. «Ана тамошову мана тамошо! – дар дил нидо мекунад Ёдгор. – Агар занам маҷбур намекарду аз хона намебаромадам, ин манзараи афсонавиро ҳаргиз намедидам».

Баногоҳ гапи бибии афсонадонаш ба ёдаш омад, ки мегуфт:

– Ба ҳар ҷое Камони Рустам сар монад, он ҷо хазинаи тилло мавҷуд аст…

Ёдгор худ ба худ андешид: чи хел тозон ба пушти ёлаи сар мондаи Камони Рустам расаду бо чашми худ бинад, ки он ҷо тилои зиёд ҳаст ё не. Вай ҳушёртар шуда, чашмонашро калонтар кушода ба поён чашм давонд. Эҳа, олам зарҳалӣ метобад-ку. Ин манзара аз чӣ ба вуҷуд омадааст? Гӯё аз осмон баробари жолаву борон тило рехтааст. Ёдгор дурусттар нигарист ва дид, ки як пора замине, ки рӯяшро борони селу жола шустааст, дар шӯълаҳои хуршед медурахшад, шӯъла мезанад. Ин мӯъҷиза аз чӣ бошад? Ёдгор боз ба ёд овард, ки бибияш мегуфт:

– Кӯҳҳои мо пур аз ганҷанд. Мо болои тиллову нуқра қадам мемонем. Лекин ёфтани сарват осон не. Хайр, агар Худо диҳад, тилло аз пеши поят ҳам мебарояд…

– Тилло бошад? – аз худ пурсид Ёдгор ва аз чашмакзании чизҳои рӯйи замин чашм наканда, бо ҳаяҷон ҳамон тараф равон шуд. Ҳар қадар наздик мерафт, дурахшу ялтироси донаҳои регмонанд зиёдтар мешуданд. Зуд ба он ҷо расид ва хам шуда, як донаи зарди калонтарро бардошт ва пуфу поккунон онро зери дандон монда сахт газид. Бибияш мегуфт, ки тилло вазнин, лекин мулоим мешавад. Дар ҳақиқат нарм



https://bikhon.tj/

буд. Эҳе, тилло аст, тиллои холис! Яктаву дута не, беҳисоб… Тиллозор…

Ёдгор тешаву арғамчинро як сӯ партофт ва ҳарисона ба чидани тиллорезаҳои хурду бузург шурӯъ кард. «Ҳезум намегурезад, – мегуфт ӯ ба худ. – Фардо ё пасфардо боз омада ҳезум мебарам. Вале Худо ин қадар тиллои фаровона ҳар рӯз ба ту намедиҳад. Ёдгор, то ҷон дорӣ, тилло бичин, он қадар бичин, ки ба ҳафт пуштат расад. Бичин, то ягон донааш ба дигар кас намонад». Вай гоҳ-гоҳ бо ҳарос ба гирду атроф чашм медавонд, то донад, ки ғайри ӯ боз касе ин майдони пуртиллоро дидааст ё не. Ӯ ба ин тарафу он тараф давида, панҷа ба тиллорезаҳо мезад, баъзан онҳоро бо лой ба киса меандохт. Рафта-рафта авзояш, чашмонаш аз ёфтани ин хазинаи беҳисоб беҷо шуданд. Аз ларзиши дасту зону гоҳ-гоҳ пешпо хурда бо шикам меафтод. Лекин дарҳол бархеста, боз дудаста тиллореза мечид.

Ин ҳолат то қариби офтобнишин идома ёфт. Вай акнун дар обу арақ тар шуда буд. Охир баробари зиёд чидану ба кисаҳо андохтани тиллорезаҳо вазни худаш ҳам бештар мешуд ва ҳангоми бошаст по мондан то зону ба замини пурлой мегӯтид. Вай аз пурдоғу лой шудани сару либосаш парвое надошт. Чашмак задани донаҳои зарду дурахшон ҳушу ёдашро мебурд.

Ёдгор ба ҳолати хандаоваре гирифтор шуд. Ӯ мехост, ки дастонашро ба ду тараф ёзонда, замини пуртиллоро ба оғӯш кашаду фарёд занад:

– Ба касе намедиҳам! Худам инҳоро ёфтам.

Дар ин ҳолат овози аз тундар сахттар ӯро ба худ овард:

– Ёдгор, бас! Худатро дар таги бори тилло накуш, ки сарвати ҷамъкардаат насиби дигарон мешавад…



https://bikhon.tj/

Амакам мӯйлабҳои базебашро барзанон ҳикоятро ба охир мерасонд.

– Ана аз ҳамон вақт, бачаҳо, мардум ба он кӯҳ «Ёдгор, бас!» ном мондаанд, – мегуфт ӯ ва даме ба мо озмоишкорона нигариста мепурсид:

– Аз ин нақл чӣ фаҳмидед?

– Ҳарисӣ одати хуб нест! – баробар посух медодем мо.

– Офарин, ёфтед, – таҳсиномез мегуфт ӯ ва меафзуд: – Ҳарисии аз ҳад зиёд балои ҷон, боиси шармандагӣ мешавад…

5.09.2014



https://bikhon.tj/

## ДИЛИ БАЧА

*Ҳикоя*

Лаҳза ба лаҳза доман паҳн кардану ғафстар шудани сиёҳии шаб ба дили модар алов рехт. Моҳ шом хӯрдааст. Ӯ аз тирезаи ҷониби варзишгоҳ сар бароварда, бо овози баланд, – ҳарчанд мефаҳмид, ки ин амал носавоб асту ба шавҳараш нописанд, ва боз боиси озор ё нороҳат шудани ҳамсояҳо низ мешавад, – лоилоҷ писарашро ҷеғ зад:

– Шаҳзо-од! Ҳо Шаҳзо-од!

Ҷавобе нашунид. Шавҳараш, ки дар хонаи дигар саргарми мутолиа ва навиштан буд, шишаҳои айнакро бо лаби доман поккунок ба ҳуҷра омада, коҳишомез ғур-ғур кард:

– Мардумро безобита кардан хуб не, Ширин. Дидед, дар хонаҳои бинои рӯ ба рӯ якбора чароғҳо фурӯзон шуданд. Ин нишонаи эътироз аст.

Фурсати лаб кушодан нарасида мард боз пурсид:

– Вақти аз хона баромадан иҷозат гирифта буд?

– Бале. Таъкид кардам, ки дур нарав, овози ман набаромада баргард.

– Чӣ ҷавоб дод?

– «Хуб, модарҷон, хуб» гуфту тӯб дар даст паридапарида поин фуромад.

– Чаро ба ташвиш меафтӣ?

– Торикиро намебинед? – бедимоғу ранҷишомез пурсид модар ва худ ба худ гуфт: – Аз тундару чароғак, боридани борон ҳам нисфи рӯз бехабар мондед?

– Ҳа-а, – мард пешонӣ молид. Сипас айнак ба чашм ниҳода аз тиреза ба осмон назар афканда, бо пич-пиче базӯр шунаво узр пеш овард: – Ман ба кор ғӯтида, бехабар мондаам… Вақт чунон тез мегузарад, ки… Чашм мекушоӣ, ки



https://bikhon.tj/

субҳ дамидаст, аз кор сар мебардорӣ, ки осмон ситоразор аст. Шитоби вақту умр…

Ширин, дам ба дарун, ин шикваҳои ба назараш беҷои шавҳарро ношунида ангошт. Вале аз дил гузаронд: «Доим ҳолат ҳамин: ғайри варақ задану хондан, сиёҳ кардани варақҳо на гузаштани рӯзу на омадани шаба дидиву не таҳсилу рафтори фарзандҳоро. Побанди фикру кори худат…»

Зан хомӯшу хаёлӣ, чин бар ҷабин кафш пӯшиду аз дар баромад. Мард гиҷу гаранг, гӯшҳояш аз ғиҷирроси шикваомези ошиқумаъшуқи дар пур, даме ангушт ба лаб, дар даҳлез истод: аз паси ҳамсараш биравад ё не? Ногоҳ дар оинаи барқади девор чашмаш ба акси худ афтод. Ва панҷа ба мӯйи тунуки мошубиринҷ бурда онро ҳамвор кард, хастаҳол хамёза ҳам кашиду саросема дарро кушода, аз пас ба ҳамсараш амромез гуфт:

– Ба воҳима наафт… Меояд… Ба кӯҳ ё ҷангал нарафтаает-ку…

– «Чӣ хел ташвиш накашам? – хаёлан ба шавҳар посух дод зан ва дар дил нолид: – Ҳам беparвоӣ, ҳам гӯё аз дунё бехабар. Шаҳр ба фалокатхона табдил ёфтааст. Даста-даста ҷавонҳои бадрафтору дайду, майзадаву нашъаманд… Тавба, гӯё соҳиб надоранд… Сарвату дороии муфт одамонро худобехабар, беимон мекардааст… зану мард, духтару бача соҳиби мошин... Беэҳтиёт, девонавор мошин ҳай мекунанд. Аз зада маъюб кардан ё куштани одам ҳам биме надоранд. Мегуӣ сутуни дунё шудаанд… Парво накун будаст. Худат гуфтӣ-ку: Зани роҳрӯберо субҳидам, ҳангоми холии холӣ будани шоҳроҳ дар ҳолати мастӣ соҳибмансабе пеши чашми писараш бо мошин зада, номардона гурехтааст. Хок дар теппаи сарат, мансабдоре! Кош гардани худат мешикаст. Аз аввали шаб то саҳар мастиву ҳаромӣ кардиву касофатиат ба як модари бечора расид. Пайкари зани бадбахт лахт-лахту хуншор, писаракаш ҳайрону нолон… Чӣ хел ба воҳима наафтам? Ҳафтаи гузашта чанд



https://bikhon.tj/

кӯдак дар канал ғарқ шуд. Худо аз фалокат нигоҳ дорад. Ҳаваси бозиву тамошо кӯдака ба ҳарҷо мекашонад…. Худат, айнаки сиёҳ дар чашм аз телевизор гуфтӣ, ки баъзе занҳо мисли бузи бачапартоанд; кӯдак мезоянду ба кӯча сар медиҳанд, парвое надоранд, ки фарзанд ба об ғарқ мешавад ё дар оташ месӯзад. Чӣ хел ташвиш накашам?»

Модар асири гумонҳои нохуш, аз пеши пояш чашм наканда, бо пиёдароҳи аз нам-нами борон ҳанӯз тари байни биноҳои баландошёна ва шафати хурду бузург гузашта, ба шоҳроҳ расид ва нигоҳашро ба чапу рост афканд. Эҳа, ҳама ҷо чароғону нуристон, дар пиёдароҳ гӯё аз хурду калон одам рӯидаасту дар шоҳроҳ аз осмон мошин рехтааст. Мошинҳои ҳаррангаи хурду калон гӯё дар роҳи паҳнбар нағунҷида, бо нури хиракунандаи чашм ҳамдигарро дар назари ӯ фишор оварда, бар дода девонавор метозанд ва агар тавонанд, пасина бол бароварда парвоз карда аз болои мошини пешина мепарад. Аз ҳаракати пуршаст ва шӯру ғавғо шоҳроҳ девонаавзоъ метобад. Савдо дар авҷ аст: сари ҳар қадам зану марде бо фарзандон, писарону духтарон ҷуфт-ҷуфту гурӯҳ-гурӯҳ ҳазлу шӯхӣ ва суҳбаткунон дар даст яхмос ё гулу пуффакҳои ҳаршаклаву рангин сайр доранд. Баъзеҳо ҷо-ҷо ба курсиҳои паси мизи назди фаввораe нишаста, ҳам ғизо мехӯранду ҳам суруду мусиқӣ мешунаванд; бӯйи хуши сихкабобу сирко ба дуди мошинҳо омезиш ёфта, ба атроф паҳн мешавад. Лекин суръати девонавори мошинҳо, баногоҳ бонги гӯшхароши изтиробу хатар заданашон ӯро дучанд мушавваш сохт. Ба пиндори ӯ ронандаҳои ҷинси зан аз шофирҳои мард бебоктар, балки бераҳмонатар мошин медавонданд. На ғами ҷони худ мехӯрданду не аз дигарон.

Ширин бари пиёдароҳ, пеши гулбуттаи настарани аз нури фонус заҳирранг даме музтару ҳайрон истода, боз ба атроф чашм давонд. «Шаҳр шаб ба бозори маҳшар табдил



https://bikhon.tj/

меёфтааст, – гуфт ба худ ва иқрор кард: – Мо мисли мурғи қафасӣ аз хона намебароем. Тавба, дар пиёдароҳ одам, дар шоҳроҳ мошин мисли сафи мӯрчаҳо ҳаракат доранд. Неъмати тинҷиву оромӣ». Вай ҳайратзада ба чапу рост нигарист. Ба кадом тараф биравад? Аввал Кӯли ҷавонон, Наврӯзгоҳу Обшор ва Майдони парчамро аз назар гузаронад ё роҳи Боғи пойтахтро пеш гирад? Солҳои охир дар Душанбе боғу варзишгоҳ, ҷойҳои сайру тамошобоб зиёд шудаанд. Дидагиҳо таъриф мекунанду шавқу ҳаваси бачаҳоро меафзоянд. Чархофалаку мошинчасаворӣ, оббозиву ба ҳайкалчаҳои дар ҳаракати аспу гавазн, хирсу шер савор шудан орзуву ҳаваси бачаҳоро меангезад, онҳоро ба ҳар ҷо кашида мебарад. Кунҷкованд. Мехоҳанд, ки ҳама чизро бубинанду санҷанд, сипас ба дигарон худситоӣ кунанд. «Ман ҳам он ҷо будам. Эҳе, бисёр савор шудам… ба ҳар кадомаш…» Шаҳзод низ чанд карат ба забони ҳол омад. Ва аз падар хоҳиш кард, ки ӯро ягон рӯзи истироҳат ба сайри боғҳо барад. Падар ваъда дод, баумедаш кард, вале аз пуркорӣ аҳд иҷро нашуд… Акнун дар ин шаби шаҳри пурғавғо, ки одам дар пойи одам мепечад, вай чӣ хел ба он ҷойҳо раваду аз байни анбӯҳи одамон Шаҳзодро биёбад? Ё баргашта аз хона пул гираду бо мошини писари ҳамсоя, ки бо пули кирокашӣ рӯзи хонаводаро мегузаронад, ба ҷустуҷӯй биравад?

Модар лаҳзае гиҷу ҳайрон истод, сипас ба ҳоли зори худ талх хандид. Охир beштари умрро дар пойтахт бо шавҳари олимшавандааш дар иҷорашинӣ гузаронд, шаҳрнишин ҳисоб меёбад, лекин ҷуз роҳи мағозаву дармонгоҳ ва бозори маҳалла дигар ҷойҳоро намедонад. Аз рӯйи зарурат ҳатто рӯзона ба ягон гӯшаи шаҳр равад, дар дилаш биму тарс ҷо мегирад, ки вақти бозгашт роҳгум назанад. «Шаҳзод ба ҷойи дур нарафтааст, – худро таскин бахшид модар: – Дар дасташ тӯб дошт-ку…» Вай хотираҳояшро тагурӯ кард ва ба ёд овард, ки боре писараш шодона гуфта буд: «Дар поини



https://bikhon.tj/

маҳаллаи худамон, дар таххонаи бинои нави баландошёна ҷойи хуби компютербозӣ кушодаанд».

– Аз куҷо донистӣ? – тунд пурсид падар.

– Бачаҳои ҳамсоя, ҳамсинфонам дидаанд, – аз гуфта пушаймон, бечуръат посух дод Шаҳзод.

– Ба он ҷо қадам монданатро набинам! – таъкид кард падар ва афзуд: – Бачаҳои оворагард, бесоҳиб он ҷо вақт мегузаронанд. Бозӣ не, парон-парону бераҳмиро меомӯзанд.

– Намедонам, додо, – гуфт Шаҳзод, – лекин гуфтанд, ки бозиҳо пулакианд.

– Аз куҷо пул меёбанд? – аз болои китоб сар набардошта боз тундтар пурсид падар.

Шаҳбоз китф дарҳам кашид.

– Дуздӣ, кисабурӣ, – ба саволи худ посух дод падар.

– Худо накунад, – ҳаросон ба суҳбат шарик шуд модар ва Шаҳзодро ба канор кашидаву аз пешониаш бӯсида гуфт: – Ҷону ҷигари очаш ҳаргиз ба ин хел роҳҳои бад намеравад.

– Оянда инро нишон медиҳад. Эҳтиёт нисфи ҳаёт, гуфтаанд, Ширин, – ба суҳбат нукта гузошта буд падар.

Модар гирифтори сад фикру хаёл, сӯйи бинои баланд, ки тахминан ҷойи онро медонист, мерафту ба ёд меовард: дар деҳа низ гоҳ-гоҳ ғайб задани бачаҳо шомгоҳон падару модаронро ошуфта мекард. Аслан ба дили волидайн аз гум шудани фарзандон алов рехтан азалист. Фарзанд ҳар хеле бошад, пайванди хуну ҷон асту бояд ғамашро бихӯрӣ…Ва бибияш доим таъкид ҳам мекард: «Бачадорӣ ҳам осон нест. Ин гапа баъде, ки писарат кӯчаву бозоррав шавад, мефаҳмӣ. Ҳазору як андеша ба сарат меорад».

Дар як шоми торик, – он солҳо деҳа чароғи барқӣ надошт, – нопадид шудани писари ягонаи амаки Муҳиддин ҳамаро ба по хезонд. Не, вай баъди аз кори саҳро баргаштан, – оброни номдори колхоз буд, – аввал либосҳои дар обу арақ шӯрабастаашро иваз кард, дар оби нарми наҳр сару тан шусту кӯфти



https://bikhon.tj/

кору хастагӣ аз худ дур сохт ва сари хон нишаст. Аммо Шамсиддин набуд, ки бо саволу ҷавобҳои аҷоиб хушҳолаш созад. Амаки Муҳиддин ҳар лаҳза ба умед сӯйи дарвоза менигарист, ки ҳозир ё замони дигар ба ҳавлӣ ворид шудани зеби хона – писарашро бинад. Лекин пайдо нашуд Шамсиддин. Ба куҷо рафтанашро бибиву модараш ҳам надонистанд. Ба ташвиш афтод падар. Аввал ба хонаи ҳамсинфону ҳамсояҳо сар зад. «То нимрӯзӣ бо мо буд, баъд надидем», – посух доданд. Бо таҳлукаву хаёлҳои бад фонус гирифта роҳи кинохонаро, ки дар маркази деҳа буд, пеш гирифт. Ҷойи дӯстдоштаи бачаҳост кинохона. То охири намоиши филм сад андешаи азиятовар дар сар, ночор паси дар истод. «Албатта писарашро барои бе иҷозат ба тамошои кино омадан коҳиш медиҳад. Ҳамин бас. Аз ӯ ин хел умед надошт». Баногоҳ шӯру ғавғо дар толор поён ёфту дари дутабақаи кинохонаро кушоданд. Анбуҳи бачаҳои аз тамошо шоду масрур «Тарзан-Тарзан! Зӯр-Зӯр!» гӯён берун баромаданд. Ӯ фонус рӯ ба рӯи онҳо баланд бардошта пурсид:

– Шамсиддини мо ҳам ин ҷост?

– Не, не… Ӯ аз тарси шумо офтоб сари кӯҳ нарасида ба хона медавад.

– Нест дар хона. Куҷо рафта бошад?

– Намедонем…

Ин посухҳо умеди амаки Муҳиддинро барбод медоданд ва биму ҳарос ба дилаш ханҷол мезаданд. «Боз куҷоро бикобам? Шояд шӯхӣ мекунанд? Мабодо дар курсӣ хобидааст. Баъзан ҳангоми китобхонӣ якбора мехобид». Ӯ ба умед пилтаи фонус баланду рӯшантар карда, ба толор ворид шуда, ҳар як курсиро аз назар гузаронд. Аз Шамсиддин нишоне наёфт. Гурги ҳазору як гумони бад ба дилаш дандон мезад. Вақти девонагиву хунталабии Сурхоб аст. Ҳар баҳор як-ду кӯдака ба комаш фурӯ бурда нобуд мекунад… Не, Шамсиддин одати ба ҳар ҷо рафтан надошт… Дар пеши хонаашон наҳри пуроб ҷорист…



https://bikhon.tj/

Амаки Муҳиддин хаставу хашмгин ба хона баргашта, бар хилофи одат бо овози баланду ларзон, чашмони намнок моҷаро бардошт, ба сари ҳамсар ва хурду бузурги хонавода санги маломат борид: «Ғайри хӯрдану ғайбату хобидан парвое надоред. Бача куҷо рафт?.. Худо ба мо як писар дод… Тамоми дорой, умедамон Шамсиддин аст… Аз куҷо меёбедаш?»

– Нимрӯзӣ баъди хӯрокхӯрӣ китобу дафтар кушод, хеле хонду навишт…

– Баъд?!

– Гуфт, ки навбати бозӣ… О ҳеҷ гоҳ аз назди хона дур намерафт-ку, – гиряомез фаҳмонд ҳамсараш.

Дар авҷи моҷарову гуфтугӯ ҳамсоя – бобои Саидмӯъмин сурфида-сурфида ба ҳавлӣ ворид шуда пурсид:

– Тинҷ ҳастед? Одати ҷангу хархаша надоштед-ку.

– Шамсиддина гум кардем, – бо алам ва овози гирифта гуфт амаки Муҳиддин: – Дар суроғаш ҳама ҷоро ба як по гаштам. Нест! Дигар куҷоро биковем?

– Шамсиддин? Э хок дар сари пирие! – каф ба пешонӣ зада гуфт мӯйсафед ва хиҷолатманд афзуд: – Шамсиддин бо ман бузғолаковӣ рафта буд…

– Кай? Куҷо? – баробар пурсиданд аҳли хона.

– Бегоҳ… Вақти офтобшиношин. Тарафи кашари Чилла.

– О Худо, – нолид модар, – сагҳои одамхӯр дорад Чилла. Барои чӣ кӯдака бурдед?

– Ташвиш накашен. Ёвари Чилла танҳо буд. Хоҳиш кард, ки Шамсиддин имшаб ҳамроҳаш истад, қуввати дил… Айби ман, ки аз фаромӯшхотирӣ ин гапа ба шумо барвақт нарасондам. О бараву бузғолаҳотона ман ба ҳавлӣ даровардам…

– Рост?

– Наход ман дурӯғ бигӯям?

– Ай дар ришат садқае! Қариб дилкаф шудем, – гуфт модар ва беҳанг лаби суфа нишаст.



https://bikhon.tj/

– То ба чашми худам набинам, бовар намекунам, – ғурғур кард амаки Муҳиддин ва бо пирамард, ки сагҳои Чилла мешинохтандаш ва чанд бачамарди дигар фонусу машъалҳо ба даст, аз Дараи осиёб сӯйи кашар роҳ пеш гирифтанд. Аҷиб, он замон амаки Муҳиддину хонадонаш аз торикиву камодамии деҳа бим доштанд, имшаб ӯ аз шаҳри пурғавғову чароғистон, кӯчаҳои пурмошину тоифаҳои бадният ва дар рӯзи равшан раҳгум задан…

Дар шаҳр ҳолатҳои нохуш ва аҷиб зиёд рух медиҳанд…

Боре ҳамсояшон Шукур, марди газгӯшту қаддароз вақти говгум дар ҳолати мастӣ ба хандахариши занҳо гирифтор шуд. Онҳо, яъне ҷамъияти занҳои айбҷӯву фошгӯй, болои хараки таги тути ҳавлӣ нишаста, абраву астари касеро бо ғайбат метакиданд, ки Шукур, турхалтаи пур аз бодирингу помидорро алвонҷдиҳон – вай дар ҳар ҳолат бо дастовез ба хона бармегашт, – калавида-калавида наздик шуду аз ҳамсари худаш пурсид:

– Эй хола, садқаи зулфот, намегӯйӣ, ки роҳрави хонаи Шукур кадом аст?

Пеш аз посух хандаи занҳо атрофро пур кард.

– Хок дар теппаи сарате! – ханда ба лаб, пешонӣ пурчин ғурид зан ва бо истеҳзо пурсид: – Кӯр шудаӣ?

– Эй бева, ҳақорат накун, – қоматашро базӯр рост карда, дӯғ зад Шукур: – Хола гуфта дар бало мондам? Боз чӣ мехоҳӣ? Ё аз шатта серат кунам?

Коҳ-қоҳи занҳо дубора авҷи тоза гирифт. Ва «хола» лоилоҷ лаб ба ханда моил «гӯрсӯхтае» гуфту бархест ва рафта ба Шукур ҳампаҳлу шуда, мулоим, дар гӯшаш пичирос зад:

– Рафтем, ҷони хола… Ғамхори бачаҳо… Зеби хонаву маҳалла, қуввати дили мо… Дар хона ба тахтачӯби лаҳад ростат мекунам…

Ширин дар дил аз Худо илтиҷо мекард, ки Шаҳзодро дар ҷойи компютербозӣ биёбад. Аз ин бахт шоду сарфароз,



https://bikhon.tj/

назди бачаҳо ҷазову сазояш намедиҳад. Чӣ лозим пеши чашми дигарон кӯдакро сарпасту шармсор кардан? Вай аз куҷо донад, ки бо ин рафтор ба дилу сари модар чӣ қадар фикру хаёлҳои пуразият овард. Модар пеши назараш чеҳраи писар аз байни одамон мегузашт. Баногоҳ гӯё Худованд ба имдоди ӯ расид ва дар гардиши бино чашмаш ба Шаҳзод расид. Писарак шоду хандон, тӯби пурнақш дар сари панҷа, аз рӯ ба рӯяш меомад. Ӯ чунон саргарми чизеро ба ҳамроҳҳояш нақл кардан буд, ки касеро намедид. Модар дар ҷояш ҳайкалвор истод ва каф болои сина ниҳод. Тап-тапу бозии дил. «О Худо, писаракам бо пойи худаш омад. Сад шукр. Ҳм, «дили оча ба бача, дили бача ба кӯча» гуфтани пирон ҳамин аст. Чун Шаҳзод ба модар ҳампаҳлу шуд, вай гӯшашро не, банди дасташро оҳиста дошт. Шаҳзод сар бардошт ва хиҷолатманд пурсид:

– Шумо ба ташвиш афтодед?

– Ба хаёлшон роҳи хонаро гум мекунӣ, – истеҳзоомез гуфт бачае.

Модар ин кинояро гӯё нашунид. Вай писарашро ба канор кашида, аз пешониаш бӯсида пичирос зад:

– Қариб маро мекуштӣ. Талхакаф шудаме…

– Бозии зӯр шуд! Ғалаба кардем! – башорат дод Шаҳзод.

– Дар майдони худашон бозиро бохтанд, – ба суҳбат шарик шуд писараки дигар: – Ду тӯб аз зарби Шаҳзод ба дарвоза даромад! Мисли Роналдо, Месси голҳои аҷоиб зад.

– Модарҷон, дигар барои ман дар ташвиш наафтед. О ман дигар кӯдак нестам… Ҳамроҳи ошноҳоям…

Модар ноаён нафаси осуда кашид ва гулханда ба лаб, дар дил «шукри ҷонат» гуфт ва сару шонаҳои Шаҳзоду ошноҳояшро навозишкунон сӯйи хона баргашт.

18.05.2016



https://bikhon.tj/

## САЙРИ ВАРЗОБУ
## АЁДАТИ УСТОД БОҚӢ

*Эҳдо ба профессор Атахони Сайфулло*

Зиндаёд Лоиқ бо инсонҳои хушгил ва ёрони ҳамдил дар домани кӯҳсор ё сояи мушкбедҳои лаби рӯди Варзоб маҳфили унс оростанро дӯст медоштанд. Авҷи гармо, ба қавли худашон бо «ҷӯраҳои ҷамолакӣ» аз ҳавои дамгири Душанбе гурехта Варзоб рафтанд. Ҳар дам ғанимат. Ва дар ҷои хушманзара, орому осуда – болои кати сояи зарбедҳои лаби рӯд «хайма» зананд. Роҳати ҷон, манбаи илҳом. Насими сардакаки мавҷҳои пуршӯри Варзоб тани нимбараҳнаи онҳоро менавозад. Ҳолати гуворо, муҳити дилкашу озод. Пои луч болои реги гарми соҳил қадам задан ҳаловате мебахшид бинтиҳо. Гардиши ҷому нӯшбодҳо сар метафсонду хотираҳо меангехт ва забони ҳар якеро булбули гӯё мекард. Аз шавқи шеъру байтхонӣ, латифагӯйии пай дар пай, ҳазлу ёд овардани лаҳзаҳои ширин таноби рӯз кӯтоҳ мешуду болои хон аз табақи оши палову сихкабоб рангин. Баногоҳ касе олиҳимматии дӯсташро аз ҳад зиёд ситоид. Устод Лоиқ, ки болои харсанги лаби рӯд нишаста, пойҳои урёнашро гоҳ-гоҳ ба оби сардакак меғутонданд, хам шуда як кафшашро бардошта ба дӯстон намоиш дода ҳазломез гуфтанд:

– Ин хел кафшро дидаед? Камёб аст! Кобед ҳам намеёбед. Як дӯстам аз худи Ватани аслияш – Чехословакия ба ман фиристод. Ана кафши асили чехӣ. Тобистони сӯзон роҳати пост...

– Наход? – дӯстон ба кафшҳои хуштарҳи Лоиқ бо ҳавас чашм давонданд: - Аҷиб... Моли асил...



https://bikhon.tj/

– Ана ин хел дӯст кирои таъриф мекунад, - шоду мамнун суханашро идома дод Лоиқ. Вай ки аслан ба сару либос чандон эътибор намедод ва худситоӣ ҳам барояш бегона буд, он лаҳза ҳимати дӯсташ, нармиву сабукӣ ва роҳатбахшии кафшҳои чехиро хеле васф кард. Ҳамроҳон шоирро боз гирди дастархон хонданд ва барои ёрони содиқ, ҷонӣ ва боҳимату беғараз пайк бардошта, ба олами суҳбат фурӯ рафтанд.

Қиёми рӯз баногоҳ диданд, ки як кафши зебои Лоиқ болои мавҷҳои рӯди хурӯшон мисли заврақ алвонҷхӯрон шино дорад. Ҳаёҳу барпо шуд. Шоир бархеста лаб-лаби рӯди мавҷмаст бо нияти ба чанг овардани кафш чанде тохт, лекин бефоида... Силсилаи амвоҷ кафшро байни рӯд кашонд. Об мисли ях сард буду Лоиқ аз ҳунари шиноварӣ пиёда. Вай аз тӯъмаи рӯд шудани як пойи кафшаш бедимоғу хашмгин омада боз болои харсанг нишаст ва ба дӯстон, ки аз ин рӯйдод гоҳ механдиданду гоҳ афсӯс мехӯрданд, гила оғозид:

– Чашми бади шумо расид. Бо ҳасад менигаристед ба кафшҳо...

– Э не... Худатон кафшро намоиш дода, моро доғ-доғ кардед. Шояд чашми худатон расид.

– Медонед, кафш аз беэҳтиётӣ обӣ шуд. Ҳо, дарсҳои физикаро ба ёд биёред: нисфи рӯз об аз гармӣ медамад: дар шеърҳоятон «мадду ҷазр» мегӯед-ку... Дарёи дӯстдоратон хотир надида кафшро ба коми худ кашид...

– Лоиқшоҳ, ин ҳам як ғазали зебои дарё шуд. Ба ростӣ ҳеҷ кас мисли Шумо дараву рӯди Варзобро зиёду зебову ошиқона тараннум накардааст. «Ману дарё, ману дарё... Ду девона тани танҳо...» Барои имтиҳони меҳри бепоёнат дарё аз гармии рӯз бехуд шуд, нозу шӯхӣ кард...

Устод як попӯш дар даст, табассум дар лаб бо сари хам, андешаманд ҳазлҳои дӯстонро шунида баногоҳ он кафшашро байни дарё партофта, бедимоғ худ ба худ ғур-ғур кард:



https://bikhon.tj/

– Рав, ту ҳам шино бикун, ҷуфтатро биёв. Танҳо зиқ мешавӣ... Ришханди бахта бинед: ба дигарҳо аз худситоӣ фоида расад, ман аз таърифи кафшам обараҳна мондам...

Ин рафтори шоиронаи Лоиқ оташи ҳазлу шӯхиҳои дӯстонро аз нав афрухт.

– Ҳай-ҳай, хуб накардед, ҳайф шуд...

– Як кафшро ба сарам мезадам?

– Барои музей мемондед. Як нигораи аҷиб мешуд...

– Оре, беҳтарин нигораи рамзнок! Шумо гӯё бо як кафш олами шеърро саросар сайр кардаед...

– Шарҳаш чӣ? Ба мухлисон олам-олам завқ мебахшид.

– Ҳар чизе муфт омад, ройгон рафт, - ба суханҳои нешдору тамасхӯромези дӯстон вай нуқта гузошт: - Халос шудам. Бебозгашт рафт.

Аҳли нишаст саргарми муҳокимаи «нозу шӯхии» ноҷом Варзобрӯд ва кафшҳои нозанини муфт аз даст рафтаи Лоиқ, баногоҳ боз диданд, ки саге дар даҳон як кафши оббурда овезон, лаб-лаби соҳил давдавон меояд. Эҳа, ин магар саҳнаи афсонавӣ нест? Рӯзу лаҳзаи аҷиб. Ин ҳолатро кӣ интизор буд? Онҳо сархушона бо фарёду даводав ва таҳдиду сангпартоӣ кафш аз даҳони саги мискин афтонданд ва онро оварда ба соҳибаш супориданд.

– Моли ҳалол гум намешавад, - мегуфт яке: - Худат доим мегӯӣ-ку: бачаи барӯзиям.

– Як кафш бори вазнин буд? Чаро партофтияш? – ӯро сазо медод дигаре.

– Ҳа-а, устод, ин саг коре кард, ки ҷои сад кори дигарро гирифт.

– Рост, - гуфтаи мусоҳибро тасдиқ кард Лоиқ ва афзуд: - Аз куҷо медонистам, ки саги ноошно аз ёри хасакӣ вафодортар аст.

Дӯстон ба сухани таҳдори шоир қоҳ-қоҳ хандиданд. Ва Лоиқ акнун аз он ки кафши дуюмро бо дасти худ ба коми



https://bikhon.tj/

дарё партофта буд, пушаймону асабӣ бо ришханд худро сазо дод:

– «Қаҳри дарвеш ба зарари дарвеш» гуфтаанд. Чаро саросема шудам? О ман бачаи берӯзӣ набудам-ку... Дар номади кор одам бо дасти худ ба худаш зарар мерасондааст. Акнун инашро чӣ кор бикунам?

– Чун хотира нигоҳ доред. Ёдгорӣ аз даҳони саг бо мадади дӯстон, - ҳазломез неш зад яке. – Оянда пайшиносони ҷавон кафши дуюматонро аз поёноб ёфта биёранд, паҳлуяш мегузоред. ...

Дӯстон аз «тӯҳфа»-и сагу «корнамоӣ»-и худашон хушдилу Лоиқ бедимоғ. Вай меандешид, ки дар ин аҳвол бе попӯшӣ чӣ хел хона меравад? Одамон ӯро пойи урён бинанд, чӣ фикр мекунанд? Боз гапу ғайбатҳои нав. Баногоҳ ӯ кафши саг овардаро тунд байни дарё афканда, баланд гуфт:

– Сари танҳо ба кӣ лозим? Аз хандаву истеҳзои инҳо чӣ фоида? Ту ҳам раву ҷуфтатро биёв...

Ҳамин тавр дӯстон саргарми баҳсу ҳазлкашӣ, аз ғуруби хуршед дар сари қуллаҳо бехабар монданд. Шом фаро расиду дар хомӯшии байни кӯҳҳо «ғазал»-и азалии Варзобрӯд авҷи тоза ёфт. Ҳангоми бозгашт касе гуфт, ки дирӯз устод Боқӣ Раҳимзода баъди ҷарроҳии чашм аз Маскав баргаштаанд. Сари қадам даромада аҳволашона пурсем, шод мешаванд.

– Пешниҳоди хуб. Ҳатман меравем. Дуои устодро гирифтан ғанимат аст.

– Кайҳо пазмони дидору суҳбаташон шудаам. Лекин ман пои урён чӣ хел хонаи устод равам? – ошуфтаҳол пурсид Лоиқ ва ба ҳоли худ хандид: - Ба болои ҳама гапҳои росту дурӯғ ҳаминаш намерасид...

– Парво накунед. Шаб аст. Устод Боқӣ, ки чашмонашонро ҷарроҳӣ карда бошанд, пойлучии шуморо чӣ хел мебинанд?



https://bikhon.tj/

– Дуруст! Кӣ ба пои лучи Лоиқшоҳ менигарад? Ҳама мафтуни сару ҳунаранд...

– Бале, шеърҳои нағз аз ҳамин сар баромадаанд... Аз дил низ...

– Лекин айбҷӯ ба по менигараду дӯст ба сар, - бо қоҳ-қоҳ гуфтанд Лоиқ.

– Садқаи дилу саратон шавем. Дили бузург дорӣ, мағзу ҳунари беҳамто... О ин ҷо бо пойи урён истодан чӣ фоида? Биё, ба мошин мешинему меравем ба зиёрати устод Боқӣ. Аз он ҷо боз ба мошин мешинему меравем хона ба хона...

– Рост... Худо раззоқ аст.

Устод Лоиқ аз хоҳиши дӯстон сар напечид, - дигар бе онҳо куҷо ҳам равад? – ва меҳмонони азизу нохонда шомгоҳ ба ҳавлии чароғони устод Боқӣ ворид шуданд. Пазироии булаҷаби ғайричашмдошт пеш омад. Хурду бузург аз ташрифи меҳмонони нохонда мамнун. Устод Боқӣ либоси раҳ-раҳи шинам ба тан, тоқии чоргули чустӣ ба сар, айнаки сазфом ба чашм, чеҳраи офтобиаш нурбор, лабонаш пуртабассум, аз хона баромада, дар саҳни ҳавлии озодаву пургул ҳар якеро падарвор ба оғӯш кашид ва худашон пеш даромада онҳоро ба кати гӯшаи боғ ҳидоят кард. Ҳолпурсӣ акнун авҷ мегирифт, ки болои хони ҳамеша кушодаро нозу неъмат, нӯшокиву газзакҳои беҳтарин оро дод. Суҳбати саршор аз лутфу зарофати устод Боқӣ чун ҳамеша аз дидаву шунида шира басту шогирдонро мафтун кард. Танҳо Лоиқ чун дар болои хор ноҳинҷору хомӯш менишаст ва мекушид, пойҳои урёну хоколудашро тарзе пинҳон бикунад, ки ба чашми устод Боқӣ ва аҳли хонадонашон наафтанд. Ва дам ба дам ӯ ба ишораи чашм аз дӯстон хоҳиш мекард, ки зуд бархезанд.

Аз устод Боқӣ рухсат хостанд.

– Як дами дигар, тақсирҳо. Куҷо мешитобед? Ташнаи дидору суҳбататон шудаам. – бархеста гуфтанд устод ва афзуданд: - Ман давида-давида ба ҳамин рӯз расидам... Ав-



https://bikhon.tj/

вал иҷозат диҳед, ки як сари қадам ба ҷое, ки шоҳон пиёда мераванд, рафта биоям...

– Борон шарар мешавад – чӣ?

– Напурсед... Худатон аҳли фаҳмед, медонед-ку. Лоиқшоҳ, ба шумо чӣ шуд? Чаро хомӯшед? Ба худатон монанд нестед, тақсир. Ё боз ягон «корнамоӣ» кардед?

Фурсате пас устод Боқӣ бо ҳамсарашон Соробону баргаштанд ва ба меҳмонон хушомадед гуфтанд. Бархестанд. Ҳолати нобоби Лоиқро худаш медонисту бас. Вай худро ба сояи дӯстон кашида, ноаён аз ҳавлӣ баромадан мехост.

Ҳамсари устод Боқӣ бо чеҳраи кушоду лабони пуртабассум коғазпечеро кушод ва як ҷуфт кафши навро бо ҷӯробҳо пеши Лоиқ ниҳоду нарм гуфт:

– Тӯҳфа, барои шумо, Лоиқшоҳ...

– Ваҳ, пойҳои лучи маро чӣ хел дидед?

– Лоиқшоҳ, пӯшед, насиб кунад, - бо шакарханд гуфтанд устод Боқӣ ва афзуданд: - Ман ҳусни ҷинсҳои латифу пойӣ лучи шогирдонамро дарҳол мебинам...

Мавҷи хандаи осмонкафон ҳавлиро пур кард.

10.01.2009



https://bikhon.tj/

## ВУЛФ ПЕТРОВИЧ

*Ба ёди Бӯстони ҷавонмарг*

Рӯзноманигори боғайрат ва ҷавонмарди беҳамто шодравон Бӯстон Шукурӣ, ки падараш Достон Шукуров умре мусаҳҳеҳи маҷаллаи «Садои Шарқ» буд, чанде вазифаи раиси идораи Хазинаи адабиёти Иттифоқи нависандагонро ба дӯш дошт. Боре Бӯстон бо Абдураҳмон Абдуманнонов – муовини аввали Раиси Иттифоқи нависандагон, бо сафари хидматӣ шаҳри Маскав рафтанд. Абдураҳмон чун ҳамеша як-як ба аёдату дидорбинии дӯстону устодони масковияш меравад ва албатта, Бӯстонро бо худ мебарад. Зимни ташриф ба чунин як меҳмонӣ дар роҳ Бӯстонро меогоҳонад:

– Дар хонаашон саг доранд, саги калони бадвоҳима. Ту натарс, сагашон аҳл аст, намегазад, лекин шояд шӯхиву бозӣ бикунад.

– Чӣ хел?

– Аз дар ки даромадед, шояд пойҳоятонро бибӯяд ё ба қадатон рост хезад.

– Воҳ! Аккос ҳам мезанад?

– Агар хушаш ояд… Дар ин ҳолат номашро бигирӣ, навозишаш бикунӣ, тамом, ошноят мешавад.

– Чӣ ном дорад сагаш? – бо ҳаяҷон ва биму ҳарос мепурсад Бӯстон.

– Вулф. Вулф-Вулф бигӯӣ, ором мегирад.

Чун аз дар ворид шуданд, баробари пиру кампир саги палангнамои бузургҷусса пешвозашон гирифт, кунҷковона ба онҳо нигарист ва як-ду маротиба ав-ав ҳам кард. Абдураҳмон сари сагро силакунон ҳамроҳашро ба мизбонон шиносонд ва ному насаби онҳоро ба Бӯстон ёдрас кард.



https://bikhon.tj/

Пас аз ҳолпурсӣ гирди хони зиёфат нишастанд ва суҳбати гарму ҳазлу шӯхӣ, ёди рӯзҳои гузашта шира баст. Азизи хонадон Вулфи пиру фаҳул мисли нозир гоҳе ба давра наздик мешуд ва ба хӯришҳои болои миз ҳарисона чашм дӯхта, лабу лунҷи овезонашро лесида Бӯстонро безобита мекард. Саги барзангӣ, чашмонаш дар назари Бӯстон хунгирифтаву хашмгин, аз гармии ҳавои манзил бедимоғ, гоҳе даҳонашро калон кушода, хамёза ҳам мекашид ва дандонҳои нӯгтезу муқтадирашро гӯё намоиш медод. Дар ин маврид ба дили Бӯстон боз биму ҳарос панҷа мезад, ки зуд аз саг рӯ тофта нигоҳ дигар сӯ мегурезонд. Вале Абдураҳмон аз вазъи ноороми ҳамроҳаш бехабару бепарво, саргарми суҳбату қадаҳгардонӣ. Ниҳоят меҳмонон бархестанд. Бӯстон аз ин дар таги дил шод, ки оқибат аз таъқибу нигоҳи саг мераҳад, дар даҳлез борониашро пӯшида, банди кафшҳояшро баста, акнун қомат бардошт, ки саг бо як ҳаракати нарм рӯ ба рӯяш хеста, ду даст сари шонаҳои ӯ ниҳода, даҳони воз, забони сурхи овезон, дандонҳои аррамонандаш ба фуки меҳмон расам-нарасам, ба вай чашмаки ман чашмаки ту кард. Эҳе, ҷон аз тани Бӯстон напариду бас. Вай бо талвоса номи сагу насаби пирамард ба забон оварда дод зад:

– Вулф Петрович! Вулф Петрович!

– Вулф-Вулф, шӯхӣ бас! – амр кард пиразан ва афзуд: – Натарсед, ин саги мо танҳо бо меҳмони дӯстдоштааш ин хел муносибат мекунад…

Ба Абдураҳмон, ки ҳазлкаши гузарост, худо дод. Акнун барои дилхушӣ қатори дигар дӯстон боз як қаҳрамони нав пайдо кард. Минбаъд Бӯстонро дидан замон Вулф мегӯяд ва он манзараи ғалатӣ пеши чашмонаш ҷилвагар шуда механдаду механдад. Ва Бӯстони хиҷолатзада бо ташвиш ба атроф нигариста, (мабодо ин ҳолатро боз касе бубинад!) шояд тамоми умр аз ин Вулфи зормонда бори гарони тамасхуру қимобӣ мекашад. Оре, аз Абдураҳмон ба осонӣ раҳидан мушкил. Бӯстон



https://bikhon.tj/

инро нағз медонад. Чӣ бояд кард, ки вай сирро фош насозад? Бӯстон ҳангоми бозгашт ба Абдураҳмон таваллоомез гуфт:

– Устод, зиёфат медиҳам, зиёфати зӯр… Чӣ хеле хоҳед. Фақат ҳамин чизро ба касе нагӯед…

– Ин чизро не, Вулфро…

– Э монед, илтимос…

– Душанбе равем, маслиҳат мекунем…

Баъди бозгашт ин «савғотӣ ё бозёфт»-и аҷиб дар дили Абдураҳмон нағунҷид, ки нағунҷид ва ӯ онро бо шарти ниҳон доштан ба ману Гулназар «тӯҳфа» кард. Шод гаштем. Дар он рӯзҳои пурҳодисаву ғамзо ин хел василаи дилхуширо аз куҷо меёбӣ. Ва чун Бӯстон пайдо шуд, бо табассуми роздор, албатта гарму самимӣ аз аҷоиботи дидаву шунидаҳояш дар Маскав пурсидем.

– Устод Абдураҳмонро дидед? – ташвишомез пурсид Бӯстон.

– Не…

– Нағз-нағз… – қоҳ-қоҳ хандида гуфт ӯ ва номаълум роҳи дафтари Абдураҳмонро пеш гирифт. Чанде пас Абдураҳмон хушҳолона мужда расонд:

– Фардо Бӯстон ош меорад, бо равғани зағир, коняку арақ ҳам. Хоҳиш мекунам, ҳангоми зиёфат сир бой надиҳед, ки сахт меранҷад.

Рӯзҳои ноороми пурғавғо. Дар майдонҳо одам меҷӯшад ва баландгӯякҳо гӯш кар мекарданд. Авзои ҳама ноҷӯр. Дар ин ҳолати хастагиву дилтангӣ гирди табақи ош даме сар ба сар нишастану суҳбат оростан ҳам ғанимат... Дар дафтари Гулназар, ки дар кунҷи аз ҳама хилвати Иттифоқ ҷой дошт, мунтазири ҳамин лаҳзаи гуворо, чашм ба дар нишастаем... Баногоҳ Бӯстони чорпаҳлӯ, чолоку серҳаракат, чашмонаш рахшону лабонаш пуртабассум, бо дастархону халта ворид шуд. Ва дар як лаҳза бо дасту панҷаҳои гиро дастархон кушод. Бӯи хуши зира ва ошу равғани зағир ба иштиҳо нохун



https://bikhon.tj/

зад. Болои хонро табақи пурош, атрофаш ҷо-ҷо сабзавот, турбу чака ва бодирингу помидори шӯр ҳусн бахшиданд. Пиёлаҳо низ пуру холӣ мешуданд. Нӯшбод ба саломатии Бӯстону хонуми меҳрубонаш, ки оши хоса пухтааст, нӯшбод барои хуб анҷом ёфтани сафари аҷиб.

– Лекин сабаби зиёфатро нафаҳмидем, – кунҷковона луқма мепартоям ман.

– Э харбуза хӯред шумо, коратон ба полез чӣ? – чеҳрааш арғувонӣ бо қоҳ-қоҳ бебокона мегӯяд Бӯстон.

– Донистан беҳтар буд, – бо табассум маро тарафдорӣ мекунад Гулназар.

– Монед-е, ин сирри махфӣ… – аз ин кунҷковии мо ниго҆ ва чеҳраи Бӯстон якбора ҷиддӣ мешавад. – Устод Абдураҳмон, маслиҳат чӣ буд? Қавл дода будед-ку…

– Ман чизе нагуфтаам, – зиракона ба Бӯстон чашм медӯзад Абдураҳмон.

– Хайр, як чиз гӯед, – хоҳиш кард Бӯстон.

– Бо қадаҳ?

– Албатта!

Абдураҳмон, ҷом дар даст, оромона бархест ва гуфт:

– Барои Вулф Петрович!

Қоҳ-қоҳ дафтари Гулназарро ларзонд. Бӯстон аз ҷояш боло ҷаҳид ва музтарибҳол, балки маъсумона ба мо нигарист ва пурсид:

– Ғайри шумо ин қиссаро боз кӣ медонад?

– Ҳеҷ кас.

– Рост?

– Бале…

– Гапи мард якта! Ба ҳар кадоматон алоҳида-алоҳида зиёфат медиҳам, ба шарте, ки ин гапа назди дигарон нагӯед…



https://bikhon.tj/

## МИСТЕР
*Қисса*

Омад-омади сапедадам, ҳанӯз нағмаи пурҳангома наоғозидани мурғон бедор шуд. Зери лаб бо зикри Худо «ният ба кори хайр» гуфту нарму бесадо худро аз бистар берун кашонд, то ҳамсару фарзандонро нороҳат насозад. Хоби саҳар барои кӯдакон мисли асал ширини ширин аст. Даврони наврасӣ субҳгоҳон борҳо коҳиши модар, таънаву маломати падар низ мешунид, вале худро кару масти хоб вонамуда, сару гӯш ба дили болишт мепахшиду кӯдаквор ғум-ғум карда, лаб мемакид, ки ба ӯ раҳмашон ояду ба ҳоли худ гузорандаш. Он лаҳзаҳо аз хоби ноз маҳрум шудан дар хаёли Ниёз озору ҷазои сахттарин менамуд.

– Хоболуде! Бо ин аҳвол оянда ин бача нони хӯрдан намеёбад, – норизо ғур-ғур мекард падар ва пас аз чанд лаҳза садои пову овозаш аз остони дарвоза ба гӯш мерасид: – Бинен, ҳамсолҳош аз адир пуштораву харакӣ бо коҳу алаф бармегарданду ин ландаҳур масти хоб аст.

– Нозбардории худат хоболуду коргурезаш кард, – мешунид посухи таънаомези модарро: – Намондӣ, ки аз бинӣ боло гапаш бизанем, намондӣ, ки даст ба оби хунук бизанад «Якта аст. Монаш ҳаловат барад». Ноздона шуд. Дигар аз худат гила бикун…

– Ғами беҳуда нахурен, – аз болои суфаи таги ток падару модарашро таскин мебахшад бибӣ: – дар синни ӯ худатон ҳамин хел буден. Сояи давлати шумо хоболудаш кардааст. Эҳе, бори зиндагӣ ба гарданаш афтад, чунон ҳушёр, чунон бало шавад, ки… Он вақт хоб ба ёдаш намерасад. Ин гапа дар гӯш ҳалқа созед: зиндагӣ фили фаҳула мисли кайк чусту чолок мекунад…



https://bikhon.tj/

Солҳои беғамиву кӯдакӣ, наврасиву ҷавонӣ ноаён мисли хобу хаёл ва оби равон гузаштанд. На бибӣ монд, на падару модари ғамхор. Ҳама пасопеш ба дунёи равшану пайвандон падруд гуфтанд ва дар теппаи мазори деҳ ба хоби абад рафтанд; биҳишти хотираҳо дар ёд монд. Дигар ӯ – Ниёз гоҳе орзу кунад ҳам, онҳоро дар хобаш намебинад. Замона низ якбора дигар шуду ташвишу даву този одамон бештар. Аз осмон баногоҳ офати талхиву шӯрӣ рехт. Бори рӯзгор, ёфтани нону таъмини аҳли хонадон ба сару либос касбу кори бисёриҳоро дигар кард. На танҳо ҷавонмардон, балки занону духтарон ҳам аз нобасомонӣ ба таҳлука афтоданд ва ба хотири кори пурдаромад роҳи мамлакату шаҳрҳои дуру бегонаро пеш гирифтанд; ҳавливу хонаҳои пурдабдаба пайи ҳам аз ҷӯшу хурӯши омаду рафт, нишоти зиндагӣ ва суруду тарона маҳрум, ба пирони дардманду барҷомондаву ҳайрон ва кӯдаку наврасони сарсон монда, хомушу дилгир шуданд. Манзили пур аз нолишу дард ба кӣ лозим? Оре, ба болои ташвишҳои дилхароши охирзамон ғами ҷудоии фарзандону пайвандон, азоби ҷонгудози раҳпоӣ ва чашми чор ба дару дарвоза бар дӯши бобову бибӣ, падару модарони пиронсол афтод: дар мулкҳои сарди бегона чӣ ҳол дошта бошанд? Оё дар зиндагӣ боз рӯйи гарми ҳамдигарро мебинанд?

Рассом буд Ниёз ва рӯзгорашро аз рӯйи ривоҷи ҳунар нарм пеш мебурд. Не, гомҳои аввали роҳи эҷодӣ барояш осон набуд. Нописандӣ, ҳасудӣ, пешиподиҳии «бузургон» хиҷилу дилхунаш мекард. Мусавварахои бо ҳазор шавқу орзу кашидаи ӯ ва баъзе ҷавононро камбору нокиро ё хилофи ғояи замон шуморида, ба намоишҳо роҳ надода, дилсарду асабияшон мекарданд. Мубориза байни андешаи куҳнаву нав дар майдони ҳунар; шикастани ҳавасу руҳи эҷодӣ. Аслан ин дарди азалист. Ҷову ном ёфтан бо роҳу равишҳои тоза ҳамеша аз ҳунарманд ирода ва сабру заҳмати сангин мехоҳад! Аммо бори ранҷиш ва шикваю шикоят бо сархушӣ



https://bikhon.tj/

аз шароб сабук кардан дар ин роҳ нокомӣ пеш меораду пушаймонӣ. Ин ҳақиқатро баъд дарк кард. Фаҳмид, ки бо рангҳои ҷолиб офаридани қаҳрамонҳои армонӣ, манзараҳои нотакрор ҳам раҳоӣ аз бебарорӣ асту ҳам посухи сазовор ба каҷнигоҳон. Гузаштанд мушкилиҳо. Баъд корфармоён даъваташ карда, наққошӣ ва ороиши толори тарабхона ё бинои навбунёдро ба ӯ ё ҷамъи ҳамкасбон месупориданд. Майдони нишон додани ҳунар, сарчашмаи ёфтани маош. Аз ин зиёд чӣ лозим? Лекин ба касофати гирудорҳои мудҳиш ҳунарманд аз чашму даҳон афтод, ҳунар касод шуд. Вай дасту дилаш сард, қуттӣ ва лӯлаи рангҳо, коғазу матоъ, тахтаи рангомезӣ, мӯқаламҳою лавҳи наққошиаш музтару ҳайрон монданд. Не, ӯ ба қавле аз бекорӣ кадукорӣ кард: чанд лавҳа кашид бо рангҳои тираву андуҳзо. Ҳолат ҳамин тавр буд: гӯё аз зери ҳар қадам балое мехест ва аз фалак гӯё шабу рӯз ғаму дард мерехт. Боди наҳси хусумату носозӣ, ҷангу хунрезӣ кайфияти шодиву нишот ва орзуву ормонҳоро руфту бурд. Касе ба ин дараҷа пеш омадани рӯзҳои сиёҳу авҷ гирифтани хусумату разолатро чашмдор набуд. Сиёҳдилон, ҳасудону ҷоҳталабон аз ҳар сангару тӯдаи «озодиву адолатхоҳ» дар пойтахти ободу гулпӯш ва шаҳру деҳот тухми низоъ пошиданд. Фитна авҷ гирифту хуни ноҳақ рехт. Баъзе ҳамкасбонаш аз ин ҳолат озурдаву ноумед шуда, ноилоҷ чанд намунаи асарҳои бо ишқу орзу ва хуни ҷигар офаридаашонро бо худ гирифта, қисмеро барои хотира ба дӯстон бахшида, яке аз паси зану фарзанд, дигаре бо даъвати хусуру хушдоман ё пайвандон бо дили шикаставу ҳасрат, – магар осон аст аз зодгоҳ ё шаҳре, ки дар он таҳсилу эҷод кардаӣ, ишқ варзидаиву ҳамсафари умр ёфта, хонаи бахту умед бунёд намудаӣ, кӯдакдор шудаӣ, шириниву лаззати ҳаёт чашидаӣ, дар авҷи хубии умру ҳунар аз ҷабри кирдори тудаҳои низоъангезу ҷудоиандоз дил биканӣ? – зиёфати дарду алам дода, на аз мастӣ, бештар аз аламу ғазаб ашк



https://bikhon.tj/

рехта бикӯчӣ? Ниёз мисли дигар мусаввирони, ба қавле хуни нофашон дар ин хок рехта аз гиребонгирӣ, ба сари ҳамдигар санги маломат шикастану маҳалбозиҳои шармовар, – дар дил барои муттаҳиду худшинос кардани мардум чи орзуе доштанду чӣ даҳшате пеш омад? – чун аз зарбаи мудҳиши ногаҳонӣ пакару карахт, дасту дилаш аз кору зиндагӣ сард, хаёливу роҳгум дар Душанбе истод. Куҷо равад? Киса холӣ, дил халтаи ғам. Билфарзе имкони молиявӣ низ медошт, бо зану фарзандон бо кадом рӯ худро ба мулки бегона мерасонд ва сарпаноҳу коре меёфт? Аз зодгоҳи ба гирдоби балоҳо ғутида, аз мардуми парешонҳолу ба дарду ғам оғуштааш гурезад?! Аз ин сӯхтор ва тафбоди харобиовари рӯзгор руҳу мағзаш озурда ва рангҳояш хушк шудаанд. Лавҳи наққошӣ ва хурмачаи муқаламдон, ки аз пиразани кӯзагари деҳаи Файзоба бо чанд кӯзаву офтобаи хурду бузург гирифта буд, дар устохонаи худсохти кунҷи ҳавлӣ зери чангу хоки ҳодисаҳо зору ҳайрон монданд. Ниёз ҳангоми сафари, ба таъбире эҷодӣ ба Файзобод, ситоиши устоҳои табақтарошу пиразани кӯзагарро шунида, роҳи деҳаи Файзобаро пеш гирифт. Ва бо кампираки кӯзагар дар коргоҳаш ошно шуд. Дастҳои пиразан то оринҷ ва ҷо-ҷои андому пироҳанаш гилолуд, пеши лойхона ҷунбуҷӯл дошт. Вай лойи сурхранги кулолро мешӯриду мушт мезад ва ба пош хурдани чарахсаҳо эътибор намедод. Ва чун шарфаи пои ӯ – меҳмони нохондаи ришдорро шунид, нимрӯя ҷонибаш нигаристу бо чеҳраи шукуфон, лекин пирона бархеста, домони пероҳан такида нарм овоз баровард:

– Биё, бачаи ҷун, биё. Хуш омадӣ…

– Салом, модарҷон, монда набошӣ… Сад узр, ки меҳмони нохонда шудам.

– Садқаи қадамҳот. Ҳозир дастома бишӯям. Чашмам роҳ медид… дилам гувоҳӣ дод, ки касе аз дар медарояд, – гуфт пиразан ва сӯйи новадон рафтанӣ шуд.



https://bikhon.tj/

– Хоҳиш мекунам, ки кортона давом диҳед. Ман фақат орзуи ҳамин лаҳзаро дидан доштам. Нияти холис… Иҷозат медиҳед, ки як-ду акс бигирам? – пурсид Ниёз.

– Бо ҳамин аҳвол? – кампираки газгӯшти гандумгун, қоматхамида, рӯ, ҳалқаи чашмон, пешониаш пури хати ожанг, ангуштони пӯсту устухон ва пуррагу пайяш чанг, лабонаш ба ханда моилу даҳони камдандонаш нимво, ноҳинҷору ҳайрон ба ӯ нигаристу пурсид: – Барои «Хорпуштак»?

– Э не… Шумову ҳунаратон зебандаи беҳтарин рӯзномаву маҷаллаҳост, – ин лаҳзаи зеборо пайи ҳам акс бардошта гуфт Ниёз.

Дар ҳамвории шафати пиразан кӯзаву офтоба, косаву хурма ва ягон-ягон чахдегу хумҳои хурду калон, ки нақшу нигорҳои асрорангез доштанд, гӯё барои тамошо гузошта шуда буданд. Чанд қадам дуртар дар подомани теппаи паҳлуи ҳавлӣ аз равзане шабеҳи тануpи деворӣ гоҳе дуди ғафс каппа-каппа баромада, дар панҷаи бод парешон мешуд. «Хумдон», – аз дил гузаронд Ниёз. Пиразан зарфҳои аз кулол сохтаашро барои пухтан болои чӯбу чахс қабат ба қабат ниҳода оташ гиронда буд. Нигоҳи пурмеҳри аз ин манзараи мӯъҷизаосо нурафшони Ниёз аз чеҳраву пайкари пиразан лағжида, даме болои зарфҳои сафолӣ то хумдон сайр кард. Аз ҳавлӣ зану чанд кӯдак ба гуфтугӯи ӯ ва пиразан менигаристанд. Ниёз «манзараи нотакрор, асари зебои тасвирӣ», – гуфт дар дил ва назди зарфҳо рафту сари по нишаста, кӯзаеро болои панҷа бардошта, ин тарафу он тараф гардонда, бо ҳавас тамошокунон ба он нохун ҳам зад. Сафоли кӯза овози хуш баровард.

Пиразан аз таваҷҷуҳи меҳмон ба зарфҳои сохтааш хушнуд, гуфт:

– Бачаи чун, одамҳо дигар ин чизҳои хокира намеписанданд. Зарфҳои оҳанӣ мегиранд… Ҳунари бобоӣ ки ҳаст, ман то ҷон дорам, кулолгарӣ мекунам. Барои шод кардани



https://bikhon.tj/

рӯҳи гузаштаҳо, барои худаму набераҳо… Рӯзе ягон зарф насозам, шаб хобам намебарад. Ҳо, ҳафт пушти мо кулолгар буданд… Ин замон ҷавонҳора аз ҳунарҳои қадима бегона кард.

Дили Ниёз гум зад аз меҳру садоқати пиразан ба ҳунари аҷдодӣ. Ва хурмаву чанд кӯзаву офтобаеро барои хотира ҷудо карда пурсид:

– Чанд сум диҳам?

– Бепул бубар… Кулолу об фаровон. Боз месозам, – бо шакарханд гуфт пиразан.

– Э не, инҳо қиматанд, очаҷон. Меваи заҳмат, – гуфт Ниёз ва чанд сум ба кафи пиразан ниҳод: – Сафедии даст…

– Лозим набуд… Сафол нарх дорад?

– Бебаҳоянд инҳо. Попӯшӣ ё либосворӣ мегиред. Узр, ки дасти холӣ омадам. Насиб бошад боз ба зиёрат меоям…

– Маро ёд бикунӣ, Худо ёдат мекунад. Болои суфа гузаред. Як пиёла чой, як коса дӯғ, як пора нон…

– Навбати дигар…

Дар рафу токчаҳои устохона қатори дигар асбобҳои мисиву чӯбии қадима он кӯзаву офтобаҳои сафолӣ ҷой доранд. Аммо дар ин рӯзҳои сахту рӯзгори мушкил ҳамсараш Гулбарг ҳангоми ба миён омадани гапи бепулӣ ва боз аз кадом шиносу ҳамсоя пурсидани қарз бедимоғ, ҳатто бо кароҳат ба дару тиреза, деворҳои назарногири бо панҷакаш андовида, – нақши ангуштони Ниёз бармало дар он намоёнанд, – назар афканда, ғур-ғур мекунад:

– Ғайри суратҳои каҷу маҷ, зарфҳои сафоливу мисии лабшикаставу шикофу пачақи устохонаи пур аз тури тортанак дар бисотат чӣ дорӣ? То кай бағали бачаҳоро бо ваъдаҳои дурӯғ пур кунем? Худфиребӣ! «Гап сари харидор аст. Яке ба пойи худ меояду доро мешавем. Эҳе, он вақт, Қандаки ман, бурути маро табар намебураду ту якбора аз сар то по дар зару зевар меғутӣ…» – сухани ӯро истеҳзо-



https://bikhon.tj/

омез Гулбарг ба рӯяш кашида меафзуд: – Ба кӣ лозиманд? Кадом гарангу содалавҳ омада сурат мехарад? Ҳм, бузак-бузак, намур, ки баҳор мерасад… Чор-панҷ сол баъд, Худо ба рӯзҳои нек бирасем, сандуқи ҷиҳози арӯсии духтарамона бо суратҳои кашидаи падараш пур мекунем.

– Агар домоди хушзавқу ба қадри ҳунар мерасидагӣ пайдо шавад, – гапро ба ҳазл кашид Ниёз, лекин дамаш ба дарун афтоду чун ҳамеша аввал пешонӣ, баъд пушти сар хорид; чашмонаш аз ноҳинҷорӣ нимпӯш, талх хандид.

Оғози зиндагии бузург, – ӯ зан гирифтану барпо кардани ҳаёти оилавиро ҳамин хел меномид, – чун Гулбаргро ба Душанбе оварду ба кулбаи тангу рутубатнок ва пурхоку чанги иҷора ворид шуданд, ҳам аз ҳуҷуми саги занҷирбанди соҳиби манзил, ҳам аз бӯву таф рӯзи равшан дар чашми арӯс тор гашт. «Чӣ орзу дошту ба куҷо афтод?» Ниёз халтаву бастаи курпаву курпачаҳоро шафати чорчӯбаҳои хурду калон гузошта, барои нарму хуш кардани табъи арӯс ба таърифи касбаш – наққошӣ, оянда аз маблағи фурӯши асарҳо сарватманд шуданашон пардохт. Аммо Гулбарг бо писханд гапи ӯро бурид:

– Ба як бузургаш шинос карда будӣ. Дар назди Филармония… Устодат…

– Ҳа, Асрор… Аминҷонов. Дидӣ, чи асари олиҷаноберо бо кайфияту ҷӯшу хурӯш, як олами зебои саҳнаи гӯё зинда аз сангчаҳои ҳаррангаи табиӣ дар бари девор барои наслҳои оянда офаридааст. Номи асараш «Шашмақом».

– Дидам-дидам… О Худо, ришу мӯйи сараш мисли ҷангали Мозандарон… Сару либосҳояш ғиҷим, ношуста... Тасмаҳои кандаи попушҳояша дидӣ? Бо сими алюминӣ духтагӣ… Бо ҳамин аҳвол дар пойтахт бепарво мегардад…

– Қандак, дилбохтаи касбу ҳунар агар ороиши зоҳиру пур кардани шикамро аз ёд набарорад, ба қуллаи мақсуд намерасад. Асрор аз пайи сару либоси озодаву кайфу сафо ме-



https://bikhon.tj/

гашт, ин хел асар офарида наметавонист, – гуфт Ниёз: – Вай фидоӣ аст, ошиқи ҳунар. Бо шогирдон халтаҳо дар китф, пиёда қад-қади даҳҳо руду байни дараҳо гашта, тона-тона санг гирд овард, «Шашмақом»-ро бо ин шукӯҳу азамат офарид, ки насли имрӯз бинаду мероси мусиқии қадимаашро фаромӯш накунад, – гуфт Ниёз ва пас аз каме хомӯшӣ афзуд: – Мушоҳида кардаӣ? Аз шаҳр берун бисёр истгоҳу чашмаҳо бо ҳамин тарз ороиш ёфтаанд. Ҳамаи ин хидмати усто Асрор аст. Мисли қаландар мезияд, лекин зебоӣ меофарад, зебоӣ!..

– Бачаи хола, аз пайи устодат нарав, ки нонгадо мешавӣ, – гуфт Гулбарг.

– Қандак, Асрор бепул нест. Доим ӯ моро зиёфат медиҳад, – гуфт Ниёз, – лекин ба карру фарр одат накардааст…

– Зану фарзанд дорад?

– Ҳо… Се маротиба оиладор шудааст. Занҳояш аз миллатҳои гуногун буданд.

– Сабабаша донистӣ? – пурсид Гулбарг ва истеҳзоомез посух дод: – Дар сари зани маҳаллӣ хар лагад задааст, ки бо ин хел марди дарвешнамо умраша барбод диҳад?

– Фикрат нодуруст, Қандак, – норозиёна гуфт Ниёз: – Рассомҳоро бо чашми каҷ набин.

Минбаъд низ Гулбарг чун бо оҳу воҳ аз иҷорахонаи номувофиқу зиндагии бад шиква меоғозид, Ниёз қаламу асари хомнавис як сӯ ниҳода, паҳлуи ӯ меомад ва ангуштони ранголудаашро бо ҳам молида мегуфт:

– Дар зулфот ҷонам, Қандак. Сабр, камтари дигар. Рӯзе дар кӯчаи мо ҳам ид мешавад.

– Кай? Ба дилам зад. Ҷонам ба лаб расид. Безор шудам, – менолид Гулбарг: – Метарсам, ки баногоҳ дар роҳ ба ягон хеш ё шинос рӯ ба рӯ ояму аз рӯйи дил, тарсида-тарсида «марҳамат, меҳмони мо шавен» бигӯям.



https://bikhon.tj/

– Медонам, Қандак... Ноилоҷӣ. Мебинӣ-ку: даст дар зери санг аст, – ғур-ғур кард Ниёз: – Мегузарад…

– Ҳарду бари рӯи дурӯғгӯ сиёҳ, ин гапа аз мӯйи сарам зиёд шунидам.

– Ваъда доданд… Чанд асарро мехаранд. Ба наздикӣ ҷойи кор пайдо мешавад. Ороиши тарабхона.

– О Худо, ваъда дар нули зоғ, зоғ зинда бошад, – бо писханди ошкоро нолид Гулбарг: – Бо қанд гуфтан кай даҳон ширин шудааст?

Хомӯшӣ ба миён омад. Ниёз гунг шуду Гулбарг хаёлӣ. Вай дари танги кулбаро башаст кушода берун баромад; даме асаб ором карду баргашта худ ба худ гуфт:

– Боз хостгорҳои гурсӯхта таъриф карда буданд, ки касбу кораш нодир аст. Аз ин хел домод ҳафт пуштатон меболад…

– Аслан гапашон ҷон дорад, – оҳиста, лекин бо шакарханд овоз баровард Ниёз: – Қадри зарро заргар медонад… Бадбахтона харидорони ҳунари мо дар Тоҷикистон каманд. Ҳама дар фикри шикам… Лекин асарҳои Леонардо да Винчи, Рафоэл, Пикассо, Миколанджело, Ван Гог, Айвазовскийро дар Ғарбу Аврупо бо ҳазорон ҳазору миллионҳо доллар мехаранд.

– Ягон рассоми тоҷика номбар накардӣ-ку, – неш зад Гулбарг ва пурсид: – Ҷойи ҳамон бозору харидорон куҷост? Ниёза намешиносанд, аз шароити зиндагиаш бехабаранд? Роҳа нишон бидеҳ… Ман ин суратҳои рӯву покаҷи чорчӯбаҳоро тори сар бардошта онҷо барам? – аз дарду алам чеҳрааш арғувонӣ, моҷароангез пурсид Гулбарг: – Ҳамин ҳам зиндагӣ шуд? Хара ин ҷо бандӣ, намеистад…

Ниёз боз лол монд ва бо баҳонаи тамокукашӣ берун баромад. Вале гӯшҳояш аз гилаву маломатҳои тунди Гулбарг раҳо наёфтанд, зеро ҷойи дур рафтан набуд, паси дар меистод.



https://bikhon.tj/

– Ба хонаи дигар қаҳтӣ расида буд? – аз худ мепурсид Гулбарг: – Ба кулбаи як пирурус оварда бандиям кардӣ, ҳамбому ҳамдевори хукхона... Ё қур-қуру чағ-чағ, бӯву тафи хуку хукбачаҳо ба гӯшу димоғат мисли чаҳ-чаҳи булбулу бӯйи гул мерасад? – Гулбарг даме хомӯш монда, буғзи гулӯ фурӯ дод, сипас чашмонаш намнок, наҷвояш аранге шунида шуд: – Сари сахтат Гулбарге! – худро сазо дод: – Дуои бади кӣ гирифтат, ки аз диёри хушҳаво, боғу роғ, гулу сабза, макони чашмасору обшор омада ба ин дӯзах афтодӣ?!

Ниёз аз шикваю ашкрезии арӯсаш карахту ҳайрон, гоҳ панҷа ба пешониву пушти сар бурда, чи гуфтанашро надонист. Ин ба Гулбарг имкон дод, ки бештар моҷароҷӯёна дил холӣ кунад.

– Ё ҳангоми ҷангу занозании хукҳо ҷунбидани шифту болои дастархон рехтани хоку чанга намебинӣ? Ин ҳолата хушру бикаш, ки деҳа фиристаму падару модарам донанд, ки Гулбаргашон бо домоди таърифӣ чӣ хел зиндагӣ дорад.

Ниёз гӯё дар даҳон об дошт. Лаб накушод. Ин ба оташи аламҳои Гулбарг яхоб рехт. Вай хомӯшу хаёлӣ рафта лаби чапаркат нишаст ва нармтар гуфт:

– Ту мардӣ. Сумка сари кифт, бо ҳар баҳона аз ин ҷо баромада меравӣ… Ман мемонаму хукҳо… Саги занҷирбанди одамхӯр. Беимон сагаша қасдан назди ҳоҷатхона бастааст.

– Мебинам… Гуфтам-ку: аз ноилоҷӣ, – ноҳинҷору шармзада пичиррос зад Ниёз.

Марди хона муштум дар даст, аз даҳлези рӯ ба рӯ баромад ва даме бо нӯги ангуштони дасти дигар мӯйлабҳои аз дуди тамоку заб-зардашро молидаву барзанон ба токи хавоза, хушаҳои овезон ва донаҳои ангур, ки нав ранги гулобӣ бароварда, дар нури офтоб чашмак мезананд, нигарист. Ҳар рӯз чун ба саҳни ҳавлӣ барояд, ҳамин зайл ба вусъати хавоза назар афканда, гӯё хӯшаву донаҳои ангурро мешуморад: ҳосили хуб, ҳама дар ҷояш. Бипазанд, шароб омода мекунад.



https://bikhon.tj/

Он вақт ҳавлӣ, ҳатто кулбаи онҳоро низ аз ангури дар тағораву бушкаҳои чӯбӣ куфтаву махлути гандида бӯву хомӯшак пахш мекунад. Ин барои Гулбарг дарди сару балои дигар мешавад; беҳаловативу парто-парто пеш меорад. Аммо Ниёз бепарво мегӯяд: «Аз ҳад зиёд нозук нашав, Қандак, азоб мекашӣ».

– Аз ин зиёд боз азоб аст? – бо хашм мепурсад Гулбарг.

Ниёз дам назада бо сари хам меистад, вале баъд дар чидани хӯшаҳо ва фишурдани ангур дар зарфҳо ба пирамард мадад мерасонад. Онҳо ангурро бо донаҳои пӯсидаву хоку хасаш мекӯбанду меҷафанд ва шираашро бо пудинаву райҳон ва чизе омехта, ба шишаҳои калони даҳонкушод мерезанду ҷойи бехавф, дар сояи хавоза мегузоранд. Сипас пирамад ҳар рӯз борҳо шишаҳоро «салом» медиҳад ва тамокукашон наздашон сари по истода, ҷӯшидани оби ангурро тамошокунон лаззат мебарад. Баъди борҳо софкорӣ кардани моеи шишаҳо, ба қавли Ниёз чун шароб пухт, мӯйсафед ба ивази ёрӣ ӯро ба чошнигирӣ мехонад. Дар ин рӯз такудави кампир ҳам меафзояд. Ӯ мизаки саҳни ҳавлиро борҳо тоза кардаву рӯяш дастархон густурда, онро бо хлебу қандина, паниру ҳасиб, помидору бодиринги шӯр, себу дусе хӯша ангур ороста, обгинаи пуршаробро байнаш мегузорад. Мӯйсафед, ки беқарору ҳарисона ба анвои дастархон менигарист, саросема ба истаконҳо шароби арғувонӣ мерезад, ки қул-қулашро Гулбарг низ мешунавад ва қадаҳашро бардошта, бурутҳояшро барзанон лаҳзаяке бо ҳавас ба он нигариста, ба лаб бурда якбора ба ҳалқаш холӣ мекунад. Ӯ аз ранг, бӯву лаззати гуворо шоду қаноатманд, сар ҷунбондаву даҳонашро мазза дода, мӯйлабҳои шароболудашро бо дастрӯмол поккунон Ниёзу пиразанро ба чошнигирӣ ҳидоят мекунад. Эҳе, базми пур ва дар ҳалқҳо холӣ шудани истаконҳо меафзояду чеҳраҳо арғувонӣ, забонҳо булбули гӯё мешаванд. Ситоиши ҳунари шаробсозии пирамард, ҷаранг-



https://bikhon.tj/

ҷаранги истаконҳо, нӯшидан, хандаву бо иштиҳо хӯрдан. Чун пирамард бо садои дар гӯши Гулбарг дурушт сурудхонӣ оғозад ва кампир низ ба ӯ ҳамовоз шавад, Ниёз бо баҳонае худро ҷониби кулба кашида, Гулбаргро паси тиреза дида мепурсад:

– Қандак, тамошо кардӣ?

– Зуд гурехтӣ… Бояд то охир бо бибиву бобот ҷони худоӣ мегуфтӣ.

– Сурудошона намедонам… Дидӣ, чӣ хел зебо маишат мекунанд.

– Хоки даҳан, заҳри баданашон шавад!

– Шаҳд, нӯши ҷонашон бигӯ… – бо ханда хоҳишомез мегӯяд Ниёз ва худро болои чапаркат мепартояд.

Мӯсафеди газгӯшти болобаланд, ки худро аз казакҳои Дон меномид, ба курсии назди буттаи гули садбарг нишаст ва бо нӯги чӯби гӯгирд сурохи муштумашро аз дудаи часпак поккунон, – ин машғулияти доимияш буд, – аз таги соябони кулоҳи куҳнаи рангбохта кунҷковона ҷониби кулбаи онҳо назар афканд. Шояд овози баланди Гулбаргро моҷаро пиндошт. Ду пиракӣ – зану шавҳар чунон ором мезиянд, ки баъзан гумон мекунӣ дар ҳавлӣ вуҷуд надоранд. Пиразан рӯзе як-ду маротиба, саҳар ё бегоҳ бо ароба бозори Шоҳмансур, ки хона дар шафати он ҷой дошт, мерафт ва онро аз пасмондаи сабзавоту меваҷот: караму лаблабу, сабзиву себ, пӯсти тарбузу харбуза пур карда кашон-кашон меовард. Чун занҷири дар садо медод, аз ҷакидану ғавғои саг ҳавлӣ пур мешуду ҷон мегирифт. Пирамард, муштум дар даст, ба пешвози завҷааш баромада дастаи аробаро аз дасти ӯ мегирифту теладиҳон пеши хукхона мебурд. Пасон халтаҳоро дар паси тавора холӣ карда, дари хукхона мекушоду пиразан ҳаққи мурғҳоро ба кунҷе пошида, парандаҳои гуруснаву беқарорро аз катак сар медод. Эҳе, бо қур-қуру чиғ-чиғ



https://bikhon.tj/

хуку хукбачаҳо ва қуд-қуду ҷик-ҷик мурғону чӯҷаҳо берун баромада ба хӯрданиҳо дармеафтоданд. Пирамард дарҳол ба сигарети нӯги муштум оташ медоду аз даҳону бинӣ капа-капа дуд бароварда, аз тамошои ин манзара ва дороияш ҳаловат мебурд… Вай ҳоло мӯйлабҳои аз дуди тамоку заб-зардашро молидаву палмосида, ба току баргҳои болои хавоза ва хӯшаҳо чашм давонд.

– Аз орзуву хаёлҳои ширин, бачаи хола, чунон раҳгум задаӣ, ки хонаи ин бобот омада, ҳамсояи хукҳо шудаӣ, – бо имои чашм ба мӯйсафед ишора карда, оҳиста гуфт Гулбарг.

– Рост, – тасдиқ кард Ниёз: – Лекин, Қандак, зиндагӣ бе орзуву ҳавас маъно надорад…

– Медонӣ, бачаи хола, аз сарам тангаву тилло резӣ ҳам ман аз ин хел зиндагӣ безорам. Оҳ, ба дилам задасте! Пойтахт, Душанбе. «Овозаат дар олам, зуволаат чени…», – Мебахшӣ, ин матали раҳматии бобом ёдам омад, – бо хандаи дардолуд гуфт Гулбарг ва афзуд: – Дидам ҷойҳои овозадораша: боғу кӯчаҳои пургул, озода, театру базмҳои суруду рақс. Бас аст, меравам.

– Куҷо?

– Ҳамон деҳаи кӯҳистон, хонаи падару модарам. Обу ҳавои тоза, меҳру чеҳраи кушоди мардум аз дунё беҳ…

Ниёз ба ҳайкал, балки ба шабаҳи суратҳои андому нигоҳашон пуррозу андешаманд кашидаи худаш, ки дар як бари девор овезон буданд, табдил ёфт. Сипас бо панҷа пешонии арақшорашро молида, аранге овоз баровард:

– Қандак, якбора пӯстина чаппа напӯш: ду-се рӯзи дигар тоқат бикун…

– Оҳе, чашмам ба донаҳои турушаки ангуру дави токҳо афтад, дилам гум мезанаду даҳонам об мекушояд, – мавзӯи суҳбат дигар сӯ тобид Гулбарг ва бо шакарханд афзуд: – Дастат ба барги ток расад, ҷони кампиру мусафед мебарояд…



https://bikhon.tj/

– Э Қандак, дар бозор ҳама чиз ғазал мехонад, чӣ биёрам? – аз мех халтаро гирифта пурсид Ниёз ва майли баромадан кард.

– Себи мисли чукриву торон хушобу турушак, олучаву чакка…

– Фаҳмидам… садқаи зулфот, – аз берун овоз дод Ниёз: – О ин гапа барвақттар бояд мегуфтӣ. Мекӯчем.

– Аз ин бобову бибит дил канданат мушкил.

– Не, гап якта!

– Ба куҷо?

– Маҳаллаи Куҳдоман, – Ниёз баргашта ба кулба сар даровард: – Эҳе, аз онҷо шаҳр мисли кафи даст метовад. Кофта-кофта ёфтам.

– Боз хонаи ягон урус?

– Не, ҳавлии як пиразани дарвозӣ. Чунон хушлаҳҷаву шӯх аст, ки… Зиқ намешавӣ.

– Ҳамсояҳош чӣ? Бибиям мегуфт, ки хона нагир, ҳамсоя бигир…

– Ҳама таҳҷоиянд. Ҳар рӯз гаҳворабандону зиёфатхӯрӣ ё моҷароҳое мисли бузи харакӣ… Театр дар ҳавои кушод…

– О Худо! Воҳима накун, аз қур-қуру бӯву тафи хукхона бираҳем, садқаи ҷанҷолҳошон мешам, – гуфт Гулбарг ва оҳиста афзуд: – Метарсидам…

– Аз чӣ?

– О ин ҷо соҳиби кӯдак шавем, кӣ аз дарамон медарояд? Шармандагӣ…

– Фаҳмидам, Қандак. Албатта мекӯчем! – аз байни ғавғои пурхашми саг Гулбарг овози шавҳарашро шунид: – Ҳозир бармегардам.

Кӯчбандӣ оғоз ёфт. Ниёз чапаркатро чортаҳ сохт. Гулбарг ҳадаҳа чодари гулдӯзии арӯсӣ аз бари девор гирифт ва онро бо курпаву курпачаҳо ва болишту либосҳо болои рӯҷо ниҳоду баст; чойнику пиёла ва косаву чизҳои шишаги-



https://bikhon.tj/

ву сафолиро дар қуттиҳо, дегу кафлез ва примусро дар халтае ҷо карданд. Наққошиҳои хурду бузургро Ниёз ба тарзи дилхоҳ коғазу ресмонпеч кард. Пирамард муштум дар даст, аз пасаш ҳамсараш нохост ба кулба ворид шуданд ва фаршу сақф, чор деворро бодиққат аз назар гузаронданд: мабодо ягон чизашонро иҷорашинҳо гирифта бошанд. Ниёз пули иҷораву сарфи баркро ба пирамард супорид ва ба онҳо барои меҳрубониҳояшон арзи сипос намуд.

– Хона доданд? – пурсид мӯйсафед ва муштум ба лаб ниҳод.

– Ҳа, навбат расид. Медиҳанд, аз қоқи нав, – аз дурӯғгӯйии худ талх хандида посух дод Ниёз.

– Табрик! – дасти ӯро фишурд пиракӣ: – Бахтат хандид. Ба ягон иҷорашин ин хел зуд хона намедоданд. Рӯзи бӯрёкӯбон фаромӯшамон накун. Ҳа, шиносҳои бехона дошта бошӣ, фирист…

– Беҳисобанд. То соҳиби хона шуданашон думи шутур ба замин мерасад…

Мошини ваъдагӣ омад. Ҳангоми аз ҳавлӣ баровардани баставу халтаҳо Гулбарг оҳи сабук кашид, вале саг гӯё ганҷу сарватро мебурда бошанд, бо хашм аккосзанон ба онҳо ҳамла меовард. Пирамард мӯйлабҳои дудзадаашро молишдиҳон аз даҳону бинӣ дуд баровардa, аз ҷасорати вафодораш бо ифтихор ҳаловат мебурд. Посбони беҳамто...

Дили Гулбарг аз шодӣ гӯё табл мезад: аз бӯву тафи хукҳову ҳамлаи саги занҷирбанд раҳид. Вале чун зани миёнаумри чеҳракушодро пеши дарвозаи назарногир дид, хурсандиаш дучанд афзуд. Куртаи ҳарири майдагул ва докаи оҳарии гирди сар печ дар печу як лабаш аз пешобағал болои китф партофта, гӯшворҳою шадаи марҷони одӣ, чашмони ҳалқа-ҳалқа, абруҳои пайвандӣ ва мӯйҳои нуқрафомаш рӯи гирду ҷо-ҷо ожангдори ӯро пурнуру дилкаш сохтаанд. Сару либос ва



https://bikhon.tj/

кафшҳои нимдошт ба синну солаш шинаму мувофиқ. Ин ба Гулбарг писанд афтод. Мисли тарзи либоспӯшии бибиву модараш. Хоксорона.

Вай онҳоро монанди хеш ё шиноси дерин пешвоз гирифту ба ҳавлӣ даровард.

– Биёен, ҷонои ширин. Аз саҳар роҳ мепоям. Хуш омаден. Ҳавлӣ бо шумо зеботар мешавад…

– Гулбарг, ин кас холаи Бунафша аст, – соҳибхонаро шиносонд Ниёз.

– Садқаи холам, – Гулбарг дасти навозиш ба сару шонаи зан расонд: – Садқаи забони ширинаш. Сад шукре! Гӯё аз зиндон раҳидам. Дилам торс намекафиду бас. Дар хонаи касе, ки забонаша надонӣ, то кай мисли гунг мешинӣ?

– Одамои хуб буданд, – луқма партофт Ниёз.

– Бобову бибият? Шишаҳо ё худшон? – неш зад Гулбарг.

– Ҳам ину ҳам он, – бо ханда посух дод Ниёз ва афзуд: – Хола, ки ёфтӣ, булбули гӯё шудӣ.

– Хаёлам, ки модарама дидам. Дар номаш ҷонам. Ба Худо, ки аз меҳри худӣ дилат мекушояд.

Холаи Бунафша аз рӯйи маслиҳати пешакӣ ҳуҷраи зисти онҳоро нишон дод, то чизҳояшонро он ҷо гузоранд ва такрори ба такрор аз омаданашон изҳори хурсандӣ мекард.

Муҳити ором, ҳавлии озода ба Гулбарг писанд афтод. Вай худро чун дар хонаи падар ҳис карду ҳар бомдод аз хоб бархеста, ба ҳавлӣ об пошида то сари кӯча онро меруфт. Бунафша пас аз адои намоз чун ба ҳавлӣ мебаромад, каф ба пешонӣ соябон карда, чор тарафро тамошокунон таҳсиномез мегуфт:

– Дар қадаму дастакот ҷонам, Гулбарге! Ҳавлира оина кардаӣ. Ҷони хола, ту одами дуҷон, ин хел корҳои вазнина накун. Худо чашмата осон рӯшан кунад, баъд ихтиёрат.

– Ҳеҷ гап не, холаҷон, – сари рухсораҳояш аз шарм мисли лолабарг сурхӣ давида, – охир кампир ҳомила будани ӯро пай бурдааст. – Хумории ҳавлирӯбӣ шуда будам. Дар



https://bikhon.tj/

деҳаи мо пеш аз баромадани офтоб ҳавлира то сари кӯча об зада намеруфтем, мардум таъна мезаданд…

– Ин расми қадима аст, ҷони хола. Одам дар гирдоби ташвишҳои шаҳру байни қавмҳои ҳархела оҳиста-оҳиста бисёр одатҳои хуба фаромӯш мекунад, – оҳкашон меафзуд пиразан.

Иҷорашинҳо ба пиразан мисли писару духтар унс гирифтанд. Гулбарг пухтупазро бо камоли майл иҷро мекард ва нону ғизоро бе хола намехӯрд. Боз ҳангоми ҷомашӯӣ ба неву нестони вай нигоҳ накарда, либосҳои холаро низ ба тағора меандохт.

– Худам шуста метавонам, – хиҷолатманду эътирозомез мегуфт Бунафша: – А духтар, холата аз ҳад зиёд нозук накун…

– Медонам… Ин як хизмати фарзандӣ…

Ниёз ҳангоми аз кор баргаштан сари қадам аз мағоза ё бозор харидану овардани маҳсулоти хӯрокворӣ, рӯзҳои истироҳат таъмири шикасту рехти бом ва дару девори хонаро пазируфт; ҷо-ҷо ба деворҳо гул ҳам партофт.

– Бачаҷон, чашми бад кӯр, садқаи ҳунарат шавам. Ба ин некиат чӣ ҷавоб диҳам? Ҳавлӣ, дару девори холата тамошобоб кардӣ. Росташ, ки боми хонаҳо пас аз сари раҳматӣ шавҳарам таъмира надида буд. Вақти барфу борон мечакид, – миннатдорӣ изҳор кард Бунафша: – Ба хонаи бемардинаи ман омада дар азоб монден.

– Ин азоб не, роҳати ҷон аст, холаҷон, – посух дод Ниёз ва бо шакарханд афзуд: – Айб намешавад, ки мо ин ҷо бошему хонаҳо вақти барфу борон бичаканд. Баъд ҳаракату ҷумбидан ба мард фоида дорад. Варзиш, воситаи хуби фарбеҳ нашудан…

– Ай ҷунои ширин, баъд аз ин тарбияву нозбардории шумо ман фарбеҳ шуда, аз дарвозаву дар нағунчам, мардум намеханданд? – посух дод пиразан: – Бихӯру бихоб… Не, ин ҳам айб асту ҳам аз рӯи инсоф не…



https://bikhon.tj/

Таъмири шикасту рехти бому дару деворҳо, ороишу тозагии ҳавлӣ ба чашми баъзе ҳамсояҳо хорвор халид ё рашку ҳавасашонро овард, ки ба ин ё он баҳона омада, ҳазломез мегуфтанд:

– Ҳузури ҷонат, Бунафшае! Дар кадом мазор дуо кардӣ, ки Худо якбора ду дастёри беминнатат дод? Мисли мӯрча мудом меҷунбанд. Эҳа, ҳавлӣ не, аҷоибхона шудааст. Дигар назарат мо чӣ, абри осмона намегирад…

– Туф-туф… Чашми бад кӯр. Духтар надоштам, Гулбарг ба ҷойи духтарам. Ниёз ба ҷои Ғазои гуреза писарам шуд. Сад шукр, – посух медод Бунафша ва андешаманд меафзуд: – Одами танҳову мурда якест. Дилам танг, ба ҳамсуҳбат зор мешудам, ки бе даъват ба хонаҳотон сар мезадам… Дигар дари дилу ҳавлӣ кушода. Биёен, қадамо болои дида…

Пас аз сипарӣ шудани ду-се моҳ ва суҳбату ҳамнишинӣ, он гоҳе, ки ба қавли пиразанҳо, шиками Гулбарг ба нӯги бинӣ расида, рӯзу соати зоиданро интизор буд, меҳри соҳибхонаву иҷорашинҳо аз дида ба дил ҷо гирифт, холаи Бунафша ба ӯ бештар роз мегуфтагӣ шуд:

– Сари танҳо зистан духтарам, дарди вазнин аст, – боре арзи ҳол кард пиразан ва бо алам афзуд: – Хонаи бачадор бозор, хонаи бебача мазор, мегуфтанд. Ба дару девор ғами дил нагӯӣ, – ва бо заҳрханд шарҳ дод: – Аз гуфтан чӣ фоида? Не, баъзан ба танг омада, худ ба худ гила мекунам: «Тақдири бадат дар гӯр, Бунафшае. Кӯдаки бо сад умед зоидаву калон кардаат мард шуд. Лекин модару ҳавлира партофта, аз думи зану фарзанд рафт Россияву фаромӯшат кард».

– Не, дили писар аз санг ҳам бошад, модараша фаромӯш намекунад, – ба ғами пиразан шарик шуда дилсӯзона гуфт Гулбарг: – Як рӯз албатта бармегардад.

– Кошки гуфти худат шавад… Худо инсофаш диҳаду омада хонаи падараша соҳибӣ кунад, гулу дарахтора об



https://bikhon.tj/

диҳад, дигар дар дилам армон намемонад… Занша аз аскарӣ овард. Духтари зебо, хушмуомила, батамиз. Лекин дилаш дар шаҳри мо нафуромад. Бо кӯдакош рафту бача аз пасаш. Зору ҳайрон мондам.

– Писартон байни обу оташ мондааст, – пичиррос зад Гулбарг.

– Рост… Сарнавишт. Якта аст. Дигарҳоша Худо доду гирифт… Болои сар мегардондему дар сояи гул мепарваридем.

Хомӯшӣ ба миён омад, хомӯшии вазнин. Гулбарг лол монд; чӣ зайл ба Бунафша таскин бахшиданро намедонист. Боз садои пиразан миёни хомӯширо шикаст:

– Ҳамсояҳо баъзан аз пушти девор гилагузорима шунида, таъна мезананд: «Беваи Бунафша аз танҳоӣ васвосӣ шудаст»... Ҳм, чӣ ҷавобшон медиҳӣ? Сӯзиши дили озурдара худаш медонаду Худо. Матали қадимие ҳам ҳаст: «Ба буттае, ки оташ афтодаст, сӯхтанаша худаш медонад».

Бунафша гоҳе шавҳари раҳматиашро ба ёд меовард:

– Нармтабиат буд. Ҳаргиз аз даҳонаш сухани бад намебаромад. Коҳишаш ҳамин буд: «Гапи бисёр, як хара бор». Ҳарду коргари заводи хишт будем. Ман фаррош, ӯ хиштпаз. Ҳардуямон ҳам бекас, тарбиятдидаи ятимхона, фарзанди Ҳукумат… Яке ситораҳомон ба ҳам мувофиқ омаду оила барпо кардем, – дар лабони камхуни ӯ табассумаке гул мекунад: – Ҳм, саҳар бар ба бар, ҳазлу шӯхикунон меарфтем завод. Ҳамсояҳо бо ҳар ранг, яке пичингомез, дигаре бо ҳавас, моро Лайливу Маҷнун меномиданд. Ман корама зуд буд карда, бармегаштам хона… Мардам, ки пас аз кор шалпар ба ҳавлӣ медаромад, оби гарми шустушӯ, дастрӯмолу либосҳои тоза, хӯроку дастархон тайёр буд. Лаззату ширинии зиндагира эҳтироми зану шавҳар зиёд мекунад. Оилае, ки ҳамин неъмата дошта бошад, нони хушк дар назараш баракабоб менамояд.



https://bikhon.tj/

Баъзан Ниёз сумка ба кифт ҳамоил, хайрухушкунон аз ҳавлӣ баромаданӣ мешуд, ки Гулбарг ҳазломез мегуфт:

– Бачаи хола, боз нагӯӣ, ки огоҳ накардӣ: пиёзу картошка, гушту равған кам монд. Бо халтаҳои холӣ баргардӣ, аз худат гила бикун.

– Фаҳмидам, Қандак, – аз пеши дарвоза бо шакарханд посух медод Ниёз ва панҷа ба пешонӣ бурда меафзуд: – Иҷрои супориш воҷиб аст.

Чун Ниёз мерафт, Бунафша бо табассум нарм-нарм қадамзанон назди Гулбарг меомад ва лаби кат амонат нишаста мегуфт:

– Хоҳ бовар бикунӣ, хоҳ не, ман овардани пиёзу картошкара ба раҳматии бобот бо сурудхонӣ мефаҳмондам.

– Рост? – Гулбарг ҳайратзада ба ӯ менигарад: – Чӣ хел?

Чеҳраи нуронии Бунафша аз хушҳолӣ мешукуфад. Ӯ сӯйи дарвоза чашм давонда, шояд пеши назараш сурати шавҳари раҳматиаш падидор, замзама мекунад:

*Ай лумб-лумби лумб,*
*Ай бум-буми бумб,*
*Картошка биёр,*
*Авқоти нимрӯзит пазум.*

Қоҳ-қоҳи Гулбарг ҳавлиро пур мекунад, ба лабони холаи Бунафша низ ханда медавад.

– Бобом чӣ мегуфт? – бо шавқ мепурсад Гулбарг.

– «Ҷонта маст кунаде! Ҳозир аз дилам гузашт, ки суруд мехонӣ. Фаҳмидам. Ҳамсояҳора безобита кардӣ», – посух дод кампир ва бо авзои ғамолуд афзуд: – Бақувват буд. Аз паси зан рафтани бача дилашро шикаст, аз по афтондаш. Аз бача инхел умед надоштем. Дарду ғами дил обу адо кардаш…



https://bikhon.tj/

Чашми Гулбарг, ба қавли холаи Бунафша равшан шуд. Дар зоишгоҳи якуми шаҳр нахустфарзанд ба дунё омад. Писар. Эҳе, шодии Ниёз дар олам нагунҷиду болу пар баровард. Ӯ гулдастае сари як даст, дар дасти дигар халта, аз саҳни таваллудхона бо овози баланди пурҳаяҷон Гулбаргро ҷеғ зад:

– Қандак! Ҳе, Қандак!

Гулбарг бо нӯги ангуштон гиребони хилъат дошта, аз тиреза сар баровардa шармзада, аммо бо итоб гуфт:

– Ай рӯм сафеде. Ҳуш дорӣ, бачаи хола? Атроф пури одам. Айба намедонӣ?

– Табрик, Қандак!

– Ба шумо ҳам.

– Дар ин рӯзу соат айбгирӣ раво нест. Бин, – Ниёз ба атроф чашм давонд, – ҳама шоданд. Ниник, шербача чӣ хел аст?

– Нағз… ҳозир дидамаш.

– Ба кӣ монанд аст?

– Ба ҳардумон, – Гулбарг хандид ва ишора кард, ки Ниёз гапзаниро бас кунад.

– Хуб, фаҳмидам, Қандак. Ана ин гулҳо, – Ниёз дастаи гулро болои сар алвонҷ дод, – аз худат, халтаи қандина барои дояҳо…

Холаи Бунафша ҳар рӯз пиёдаву савора наберабинӣ меомаду барои духтархонди зочаш ғизоҳои ширу тухмдор оварда таъкид мекард:

– Гармогарм бихӯр, духтарҷон. Ҳам зуд қуввату мадор мегирӣ, ҳам шират барои набераҷонам зиёд мешавад.

Ҳангоми аз зоишгоҳ баровардани навзод ба назари Гулбарг ҳангомае барпо шуд. Вай чун соле пеш сабук, либосҳои нав ба тан, ранги рӯяш каме коҳида, аммо чеҳрахандону болидарӯҳ аз паси дояҳо, ки тифли парпеч дар оғӯш доштанд, ба даҳлез баромад. Ниёз боз бо гулдаста, холаи Бунафша бо шодиву сурур ба истиқболаш шитофтанд. Дояи



https://bikhon.tj/

хушгуфтору ситорагарм навзод болои дасти Ниёз ниҳод ва бо табассуми ширин гуфт:

– Гулписар муборак шавад!

– Ташаккур. Рӯяшро кушоед, ки бинамаш.

– Бе рӯбинак? Масти хоб аст паҳлавон, – доя хандид: – Танаш бедард, қадамаш нек, додару хоҳардор шавад. Эҳтиёт кунед, ки шамол нахӯрад.

– Нигоҳубни набера вазифаи бибист. Кам-кам таҷриба дорам. – қадаме пеш ниҳода гуфт Бунафша: – Ниёз, ба ман бидеҳаш. Метарсам, ки аз хурсандӣ кӯдака меафтонӣ. – Ӯ тифлакро нарм бардошт ва аз пешониаш бӯсида пичиррос зад: – Дар рӯву бӯйи бача ҷонаме…

Мошини ошнои Ниёз онҳоро зуд ба манзил расонд. Чун аз дарвоза даромаданд, холаи Бунафша тифлак болои дасти Гулбарг ниҳод ва хоҳиш кард, ки даме дар ҳавлӣ истанд. Сипас гӯё болу пар бароварда ҳадаҳа рафта, аз раф коғазпечеро гирифта кушод ва дар даҳлез – пеши дари ҳуҷра пойандоз густурд.

– Набераҷона аз болои пойандози сафед гузаронед, ки роҳаш дар зиндагӣ сафед бошад. Ана ин табақи қанду қурс барои кӯдакҳост. Эҳа, ҳозир бохабар шаванд, ки ниника овардем, пайи ҳам ширинкомагирӣ меоянд.

– Эй Худо, – аз меҳрубонии модаронаи Бунафша ҳам шоду ҳам хиҷолатманд пичиррос мезад Гулбарг.

Вориди ҳуҷра шуданд. Эҳа, ҳама ҷо оинавор тозаву озода. Чашми Гулбарг ба алвончаки ороставу пероста бархӯрду шодиомез гуфт:

– Оҳо, нағз-нағз…

– Ба алвончак гузоред. Оҳиста. Бедор нашавад, – гуфт Ниёз ва таъриф кард: – Беҳтаринаша ёфтам. Як бор ҷунбонедаш, то саҳар алвонҷ мехӯрад.

– Ин алвончака кай овардӣ, ки ман надидам? – пурсид Бунафша ва афзуд: – Роҳати ҷони худатону кӯдак. Лекин



https://bikhon.tj/

чаро бедор нашавад? Бедораш мекунам, ки дод бизанаду дасту почак. Хона аз овозаш пур шавад, ҷон гирад... Парпечҳояшро мекушоям. Мабодо тар карда бошад.

Навзод ҳангоми кушодани латтаҳои печ дар печ ҷунбид, ба пешонияш чинҳо давид ва лабонашро лесида-лесида гиря оғозид.

– Нафорид? О дар овозаш ҷоname! Эй Ниёз, бубин, абруҳош мисли қошҳои ту пайвандӣ аст, – гуфт бо ҳаяҷон Бунафша.

Ниёз кафҳояшро ба ҳам совида гирди онҳо чархида таъкид кард:

– Бо нохунҳо рӯяшро нахарошад!

– Ҳа, дилат месӯзад-а? Фарзанд ана ҳамин хел ширин аст. Офарини холаат намегӯйӣ, ки писар – лахти ҷигараш чанд сол боз дар мулки ғарибӣ мегардаду ба овозаш зорам, – нолишомез гуфт Бунафша ва тифлакро ба латтаҳои нав печонда ба алвонҷак ниҳода огоҳонд: – Лекин гаҳвора мегирам, гаҳвораи зебои бобоӣ. Худам мегирам. Аз чӯби бед, сабукак... Не нагӯед. Ҳар оила бояд гаҳворае дошта бошад. Нишона, ёдгорӣ... Дастбандаку побандак, рӯкашу пуштакӣ, лату путаш тайёр аст. Гаҳворабандона дар гаҳвораи бобоӣ чунон хушрӯ мегузаронем, ки армонам шиканад... О бачаи бемеҳре, – Бунафша ба писари ғарибаш гила кард; – очата ба хоки сиёҳ яксон кардӣ...

Гаҳвора овард холаи Бунафша, гаҳворае, ки ҳазору як нақш дошт. Гуфт, ки аз гаҳворатароши овозадор, устои дасташ сабук гирифтааст. Гаҳвораро худаш оро дод, ба дастааш ҳар хел зангӯлаву муҳраҳои рангини чашм овехт. Ҳангоми ҷунбонидани гаҳвора садоҳои хуши хобовар ба гӯши кӯдак мерасаду вақти бедор шуда чашм кушоданаш рангҳои дилкашро мебинад, бо ангуштон бо онҳо бозӣ ҳам мекунад.

Гаҳворабандон ба муроди дили Бунафша бо олам-олам шодиву нишот гузашт. Аз деҳа омадани падару модари



https://bikhon.tj/

Гулбарг ташриф овард ва пайвандони Ниёз базмро ҳусну шукуҳи бештар бахшид. Пиразан пеш аз омадани меҳмонҳо испанд дуд доду «балоҳо дур, чашми бад кӯр» гуфт. Пайвандону занҳои ҳамсоя, дӯстони Ниёз бо ҳамсарҳояшон бо шӯхиву рақс базмро тафсонданд. Атрофи гаҳвора, даҳлез низ аз туҳфаву бозичаҳо пур шуд. Лекин ҳангоми номгузорӣ баҳс бархест. Ниёз бо шавқ гуфт, ки номи писараш бо худаш омадааст. Монӣ. Дар дил орзу доштам, ки писардор шаваму номашро Монӣ монам.

– Э ин чӣ хел ном? – эътирозомез пурсид Гулбарг.

– Одамҳо айбу масхара намекунанд? – гуфт Бунафша, – Ба номи дигар қаҳтӣ расидааст? Монӣ-понӣ…

– Монӣ номи пири рассомон аст, хола, – бо ифтихор гуфт Ниёз: – Мардум номҳои қадимаамонро фаромӯш кардааст. Мо ин номро ба писарҷон гузорем, баъд мебинед: дигарҳо бе пурсиш бо ҳазор орзуву ҳавас ба писару набераҳояшон Монӣ ном мегузоранд. Кӯчаҳо пури Монии хурду бузург мешавад.

–Ихтиёр дорӣ. Кош гуфти худат шавад… Аввал Худо умри дарозу тани сиҳаташ диҳад. Баъд номи зебову бамаънӣ ҳусни одам аст…

Зиндагии Ниёз рангу таровати тоза гирифт, кори эҷодӣ, кашидани асарҳои нав авҷи тоза ёфт. Дар ҳар асараш шабаҳи Гулбарги андешаманду Монии шоду дар гаҳвора масти хоб, ё бо зочаҳо ва зангӯлаву муҳраҳои чашм саргарми бозӣ, Бунафшаи нуронии чашм ба роҳи фарзанд чор дар паси қаҳрамонҳои армонӣ тасвир мееёфт. Фалсафаи зиндагии инсон: орзуи падару модари ҷавон, дунёи беғаму поки кӯдак, сарнавишти модари пири танҳову дар ҳасрати дидори фарзанд. Писар, ки шаҳргард, сангдилу бегона шуд, модар дарун-дарун месӯзаду хуни дил мехӯрад.

Номи Ниёз чун мусаввири ҷавони умедбахшу тозаҷӯ дар мақолаҳои олимони ҳунаршинос пайи ҳам зикр мееёфт; чанд



https://bikhon.tj/

асарашро барои Осорхонаи давлатӣ хариданд ва боз барои ширкат ба намоишгоҳҳои байналмилалии наққошони ҷавон ба Маскаву шаҳрҳои дигар даъваташ карданд. Ошноӣ бо рассомони беҳтарини ҳамсолу дидани салиқаи ҳунари онҳо, тамошои нигористонҳои машҳури таърихӣ чашми ӯро ба олами ҳунар васеътар кушод ва ба орзуву ормонҳои эҷодияш болу пари қавитар бахшид. Кушоиши кор, барор аз пайи барор – ба Омӯзишгоҳи рассомӣ, ки худ шогирду дастпарвари он буд, омӯзгораш пазируфтанд ва боз ба ороиши даҳлезу бинои театр ҷалбаш карданд. Маошу музди кор кироӣ шуд. Пули ҳалол, ба қавле мисли об ба новаи осиёб меомад. Пасандоз афзуд. Нияти хона хариданро ба Бунафша гуфт. Ранҷид хола.

– Аз ин хона чӣ бадӣ дидед? – пурсид ӯ.

– Ин хонаи хубу бобаракат аст, – гуфт Ниёз ва шӯхиомез афзуд: – вале хонаи мо нест, холаҷон. Имрӯз ё пагоҳ писаратон бо зану фарзандон аз дар дароянд, мо чӣ кор мекунем?

– Э дила кушод гир. Ниёз, – гуфт Бунафша. – Ту ҳам ба ҷойи писарам. Ман ба шумо дил бастам. Мисли гӯшту нохун аз шумо ҷудоӣ надорам. Мани сарсахта партофта куҷо меравед?

– Мо шуморо, холаҷон, ҳаргиз танҳо намегузорем, – Ниёз рафта рӯ ба рӯи пиразан истод: – Шумо ба мо модару ба Монӣ бибӣ шудаед. Лекин хона харидан зарур…

– Ниёз, зиндаву мурдаи ман дар гардани шумост, – гулӯи Бунафша аз гиреҳи ғиҷоваи андӯҳ танг шуд, ки овозаш хирӣ баромаду ба ҳалқаи чашмонаш ашк давид. – Нисфи хонаро бигир, Ниёз. Нисфаш барои бачаи гуреза меистад. Омад, хуб, наомад, ба шумо насиб кунад. Васият менависам.

Ниёз дар ҳолати нобоб монд, бо панҷа пешонӣ молиду паси сар хорид, сипас гуфт:



https://bikhon.tj/

– Нарх монед. Дар шоҳидии ҳамсояҳо… Холисанлиллоҳ мехарам, бо ҳуҷҷату муҳру имзо. Мо ҳам ба шумо одат кардаем…

Ба гуфте корро Худо рост овард ва то масъалаи хариди хонаву дуруст кардани хату чак ҳал шуд, ки Нозгул таваллуд ёфт. Ниёз ба ҳар ҷое сафар мекард, хоҳ якмоҳа, хоҳ думоҳа, бо хотири ҷамъу дили пур мерафт, ки холаи Бунафша ҳамроҳи ғамхору қуввати дили зану фарзандонаш аст. Солҳо чун оби равон ноайён мегузаштанд ва ба хонаводаи Ниёз шодӣ пайи шодӣ насиб гашт. Боз соҳиби меҳмони нав шуданд.

– Ном наковед, – огоҳонид Ниёз Гулбаргу холаи Бунафшаро.

– Ай, холаш садқае! Номаш намемонем? – пурсид Бунафша.

– Номи ин шербача ҳам бо худаш омадааст. Беҳзод!

– Як номҳои коғазпече кофта меёбӣ, ки…

– Орзуи нек ними давлат аст, хола, – гуфт Ниёз ва афзуд: – Кошки ин тифлак мисли Беҳзоди бузург наққоши номдор шавад…

Аслан рассоми хуб буд Ниёз. Инро худаш не, ҳамкасбони дар ҳунар номвар, муҳаққиқони сахтгири санъати тасвирӣ мегуфтанд. Писараки деҳотӣ, аз кадом зовияи кӯҳистон омада, ба омӯзиши касби наққошӣ камар баст ва афтодаву бархеста дар кашидани манзараву чеҳраи инсон бо ҷилои рангҳои пурасрор андак-андак ба ҳунари тасвирӣ тозагиҳое ворид карда тавонист. Аммо дар гирудорҳои мудҳиш ҳунар аз даҳон афтод, касод шуд. «Руҳафтода нашавед, – таъкид мекарданд пирони санъати тасвирӣ: – ин аҷинабодаки гузарост. Имтиҳони ирода аст. Сабру устувориро аз даст надиҳед». Бо вуҷуди ин, қуттиву лӯлаи рангҳо, тахтаи рангомезӣ, мӯқаламҳои ҳархелаву лавҳи наққошӣ дар устохона



https://bikhon.tj/

мисли худаш ҳайрон монданд. Не, ҳангоми дилшикастагӣ ва гиҷиву гарангӣ чанд сурату манзара кашид бо рангҳои тираву андӯҳзо. Чӣ чора? Зиндагӣ талх шуд. Ноорomӣ ва рӯзгори сиёҳ пеш омад. Дигар аз зери ҳар қадам фалокате мехезад ва аз осмон гӯё шабу рӯз дарду бало мерезад. Дар ин маврид, ки хотир парешону табъ хира ва дил ғамхона аст, – сарзамин, давлату миллат ба хатари парокандагӣ гирифтор шуд, – аз рӯйи равияҳои пешин тасвири саҳнаҳои пурсурур, базму сурнайнавозӣ, рақсу доиразанӣ зишту хандаовар буд. Ҳакамони ҳунаршинос пас аз тамошои асарҳои наваш аввал таъриф карданд, «ҳақиқати зиндагӣ, фоҷиа. Дар хазинаат бигзор» гуфтанд. Сипас ҳушдораш доданд: «Ба риши қозӣ инхел бозӣ накун, ки дар бало мемонӣ…» Бе маломати онҳо низ медонист, ки ин асарҳо харидор намеёбанд ва манбаи таъмини зиндагӣ намешаванд, лекин хотира, дарду алами сӯзони диланд.

Ҳамсояе парешонҳолии ӯро дида ҳазломез гуфт:

– Эй Ниёз, ин хел ришу мӯйи дароз дар ин замон ба гадоҳо мезебад.

– Барои чӣ?

– Бо ин хел сурати раҳмовар дар кӯчаву бозор садақа металабанд.

– Худо ба он рӯз нарасонад. Ба рассом, ошно, ришмонӣ айб нест… Касби мо хор шуд, – нолид ӯ.

– То кай бекор меистӣ?

– Чӣ кор кунам?

– Замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз, гуфтаанд. Қувват, пойи равон, дасту панҷа, чашми биному гӯши шунаво дорӣ-ку…

– Хайр?

– Биё, бо мо аробакаш шав. Шарм надор. Дар зарурат раво бувад, мегӯянд.

Ниёз ба андеша рафт: пешонӣ молиду пушти сар хорид.



https://bikhon.tj/

– Як оҳангсози калонсол, харобу резаустухонро шаб дидам, ки бо мошинаш мусофир мекашонд. Ту ҳам ӯро мешиносӣ, – овози ҳамсоя Ниёзро ба худ овард: – Бо меҳнати ҳалол нони беминнат меёбад. Ин аз дилтангу асабӣ дар кунҷи хона нишастан хуб аст.

Ниёз ҳанӯз лолу карахт ҳайкалвор меистод.

– Ман ҳам касбу кори хуб доштам, – боз овози ҳамсоя ба гӯшаш рехт: – Лекин хоки корхонаро бехтанду даршро бастанд. Манбаи зиндагии даҳҳо оила буд. Ба чанд пули пучак харидандаш. Шахсӣ шуд. Чӣ кор кунем? – ҳамсоя оҳ кашид: – Лекин дунё ба умед, гуфтаанд. Як ними моҳ торик, нисфаш равшан аст, бародар.

– Ҳм, аробакашӣ, – ғурунгид Ниёз: – Пешниҳоди аҷиб…

– Касбест, ки бе даводаву пеши роҳбаре сар хам кардан ба кор мечаспӣ…

Ниёз дудила ба ҳамсоя нигарист ва сиёҳу сафед нагуфт.

– Худо чангу ғубори носозиҳора зуд аз байн бардораду ба рӯзҳои нек расем, боз аз пайи касбу кори худамон мешавем, – суҳбатро ба анҷом расонд ҳамсоя ва рафт.

Ниёз ба андеша фурӯ рафт. Шикасту рехти ногаҳонӣ, нокомиву талхии зиндагӣ, камёфт шудани нону хӯроквορӣ ҳамаро ба гирдоби таҳлука кашид, хаёлӣ кард. Одамон роҳҳои гуногуни раҳидан аз ин ҳолати нохушро меҷустанд; бояд пул ё музде ёфт, ки аҳли хонаро аз вартаи тарсу ҳароси нодорӣ ва гуруснагӣ бираҳонанд. Нӯги забони хурду бузург баҷову ноҷо якбора калимаҳои «корчаллон»-у «бизнес» ва «бизнесмен» мечархид. Ва фиребгарӣ, ғорат, дуздӣ, рекету бадахлоқӣ ба ҳар рангу сурат авҷ гирифт. Ҳар кас ба умед даст ба амале мезад.

Дирӯз дӯсти орзупарвараш, ки худро ҳазломез чаллармусулмон меномад, – падараш самарқандӣ, модараш ру-



https://bikhon.tj/

стабор аст, – дучархасавор омад. Ибтидо, чун ҳамеша саросема ва ҳаяҷонзада таъриф кард, ки дар ин замон дучарха беҳтарин нақлиёт аст; бе пул ва бе сарфи сӯзишворӣ ба ҳар ҷое хоҳам, мерасонад. Ниёз ӯро барои хароби қадбаланд будан, муҷаррад зистану парешонгӯӣ ва рафторҳои булаҷабаш Дон Кихот меномид. Вай низ гирифтори килку коғазу сухан аст ва бо овози баланд мегӯяд: «Ягон вақт ҳатман шоҳкори охирзамонро меофарад!» Ана ҳамин Дон Кихот дар авҷи бесарусомонӣ ба нашри китобҳои дар назараш нодиру камёфт ба забони русӣ даст зад ва дороияшро ба чопи ҳазорҳо нусха асари бозоргир сарф карду эълом дошт:

– Ҳисоб бикун, ки ман миллионер шудам! Китобҳоро бо поезд ба шаҳрҳои Россия мефиристам. Ошноҳои китобфурӯш ёфтам. Талабгорони китоб беҳисоб.

Ниёз нобоварона ба ӯ нигарист.

– Агар миллионер шавам, чанд асаратро мехарам. Бо нархи қиммат. Бароят беҳтарин шароит муҳайё мекунам, ки шоҳкорҳоятро бинависӣ, – суханашро идома дод Дон Кихот: – Таги пул мемонам. Бовар намекунӣ?

– Не, – шубҳаашро ба забон овард Ниёз.

– Чаро?

– Агар ягон муъҷиза ба амал наояд, аз қадим шиками китобнавису китобфурӯш нони сериро надидааст…

– Э не… Ту ки деҳотӣ ҳастӣ, ақлат ба кори савдо, тоб додани молу пул намерасад, – норозиёна гуфт Дон Кихот ва худситоӣ кард: – О ман бачаи Самарақандам. Хоҳам аз лой ҳалво месозам…

Аз бизнеси китоб кори Дон Кихот барор нагирифт. «Дӯстон»-и нави корчаллонаш китобҳоро бо қатора муфт бурданд. Интизор шуду интизор. Як тин ҳам ба суратҳисобаш ворид нагардид. Умедҳояш барбод рафту оҳу воҳаш аз муфлис шудан ба фалак печид…



https://bikhon.tj/

Дирӯз Дон Кихот баногоҳ аз дарвоза даромада дучарха ба такяи девор гузошта, арақҳои пешониашро поккунон хитоб кард:

– Маро табрик бикун!

– Ба чӣ? Дар ин замон чизи табрикбоб пайдо мешавад? – пурсид Ниёз.

Дон Кихот болидарух пас аз салом ҷавоб дод:

– Медонӣ, Худо аз як тараф гирад, аз ҷониби дигар медодааст... Ҳа, бахт аз пеш баромад. Ана ман гуфта…

– Чӣ? Кай? – бо оҳанге, ки нобовариву ҳайрат дошт, пурсид Ниёз.

– Чизи бизнес мекардагӣ, – гуфт Дон Кихот ва шарҳ дод: – Чор-панҷ моҳ пеш. То барор гирифтани савдо сирро фош накардам. Аз серкорӣ вақти сархорӣ надоштам. Сababи дер омаданам ҳамин… Чӣ лозим пеш аз базм доира задан? Медонӣ чист?

Ниёз кифт дарҳам кашид.

– Гурба! Зоташ маҳаллӣ, лекин одӣ не, – Дон Кихот қоҳқоҳ хандид ва кафҳояшро ба ҳам молида шарҳ дод: – Як чашмаш кабуд, чашми дигараш сабз. Мӯъҷиза! Ин хел ҳам мешудааст. Падарсӯхта дар равоқи тирезаи роҳрав нишаста сӯям менигарист. – «Худо дод», – гуфтам дар дил ва пишпиш гӯён бомеҳр сӯяш равам, ҳаросида ба поин ҷаҳиду гурехт. Бало занаде. Аввал ҳайрон, баъд асабӣ ҳам шудам. Аз даст рафт! Лекин ба худам гуфтам: «Мулло-ака, ана бизнес. Аз паяш шав». Ба дукони гӯштфурӯшӣ рафтам. Медонӣ чӣ харидам? Каме шикамбаву чарбу. Модари раҳматиям гурбапараст буд. Агар эътирозу коҳиши падар пеши роҳашро намегирифт, хонаро бо бӯйи шикамбаву моҳӣ чунон бо гурбаҳо пур мекард, ки ба мо ҷо намемонд. Таҷрибаи рому моил кардан. Гурбаҳои хурду калони ҳарранга доштем… Бӯйи шикамбаву моҳӣ пишаки гуруснаро маст мекунад, сӯяш мекашад… Хонаи ман дар қабати якум ҷой дорад. «Дастар-



https://bikhon.tj/

хон»-и зиёфатро, ошно, дар балкон оростаму интизори «меҳмон» шудам. Падарсӯхта зуд не, пас аз ду-се соат duздвор дар рафи балкон пайдо шуд. Даме ба чор тараф зиракона нигарист. Фаҳмид, ки оромӣ, бехавфу хатар аст, ба поин ҷаҳиду кебида-кебида пеши лаълӣ омада, як чашм пешу як чашм пас ҳарисона, – эҳа, он ҳолатро медидӣ, кайф мекардӣ. Асари нотакрор! – шикамба хӯрду чарбу. – Ошат шавад, гуфтам, бихӯр. Ту ром, сокини ин хона шавӣ, бас. Балкон азони ту…

Пагоҳаш моҳӣ овардам. Оҳо, гурба барои моҳӣ ҷон медиҳад. Ана ҳамин тавр мазахӯраку ромаш кардам. Дигар пиш-пиш гӯям, мияв-миявкунон давида сари зону ё болои кифтам мебарояд. Модина! Ба ман ҳаминаш лозим буд. Фарбеҳ шуду ошиқ. Домодро худаш ёфт. Интизорӣ. Кай мезояд? Як саҳар винг-винги гурбачаҳоро шунидам. Зоидааст! Чорто. Дутояш ба худаш монанд. Нағз. Ошно, баъди дастрӯяк шуданашон гурбачаҳоро ба қуттие андохта бозор бурдам, – Дон Кихот даме ба Ниёзи хомӯшу хаёлӣ озмоишкорона чашм давонд ва пурсид:

– Бовар намекунӣ? Ту дар кунҷи хона бисёр нашину як бор рафта он бозорро бубин. Бозори паранда, сагу пишак, хазандафурӯшӣ. Дур нест, дар Яккачанор. Эҳа, он ҷо ба як одамҳое рӯбарӯву шинос мешавӣ, ки… Ҳама кабку хурӯсбоз, сагу пишакпараст… Барои рассом кони мавзӯъ, интихоби чеҳра.

– Хуб, баъд чӣ кор кардӣ? – бедимоғ пурсид Ниёз.

– Аввал инро ба ту гӯям, – бо шавқ ҳикояташро давом дод Дон Кихот: – Ранги чашми гурбачаҳои ман ҳамаро мафтун кард! Фурӯхтамшон. Сари бод, бо нархи аз тахминам хеле зиёд. Ана бизнес! Хоҳишмандон рақами телефонамро гирифта, пайваста занг мезананд. «Гурбаат зоид, маро аз ёд набарор, – мегӯяд яке: – Ба набераҷонам ваъда додаам. Беҳтарин тӯҳфа! Пули нағз медиҳам…»



https://bikhon.tj/

– Фермер шудам, бигӯ, – боз гапи Дон Кихотро бурид Ниёз ва ба либосҳои ӯ нигарист. Ҷо-ҷо мӯйи гурба доштанд.

– Насли дуюмаш ҳам ба савдо рафт! – бо шавқ гуфт Дон Кихот: – Чашм нарасад, бизнес равнақ дорад. Мегуфтам-ку: ба кордон кор осон…

Ниёз пешонӣ молиду паси сар хорид ва аз дил гузаронд: «девонаи ба кори худ ҳушёр».

Ниёз дилу бедилон бо ҳидояти ҳамсоя аробаи куҳнае ёфт. Аслан қолиби ароба буд он: даста дошту соғуи занг-зада. Боз кофта-кофта ду чархи куҳна пайдо карду ба он часпонд. Сипас бо ёрии ошноҳо аз тунукаву оҳанпора ба ҷойи соғуи хурд бағоче сохт, ки чанд халта борро ғунҷонад. Дар рангу бор кардан ҳунараш мадад расонд. Чунон ороишаш дод, ки ҳамсоя бо ҳавас гуфт: «Барои аробаат талошак мешавад…» Ришу мӯйи сар паст карду кулоҳи паҳнгӯша харид, ки ношинос намояд. Чун бо ин шаклу шамоил аробаро тела дода аз ҳавлӣ мебаромад, Гулбарг аввал хандид, пасон бо овози ларзону чашмони ашкбор пичиррос зад: «Эй Худо, ба чӣ рӯз расидем?» Холаи Бунафша дуояш дод: «Кушоиши кор. Замони дар як ҷо даст болои даст монда истодан нест. Ба як мард чил ҳунар кам аст». Вале сари ҳар қадам аз суоли кунҷковон нараҳид. «А бача, аробакаш шудӣ?» Аз ин пурсишу посухи якранг ҷойи гурез набуд. Не, баъд одат кард. «Замони аробакашӣ расид, ошно. Пайдо кардани рӯзии бачаҳо дигар дар чархидани чархи ароба аст, – мегуфт ба худ ва кулоҳ то болои абрӯҳо хамонда, гӯё бо нӯги бинӣ ба роҳ хат кашида, миён дутаҳ, дар обу арақ тар, аробаи вазнинро ба пеш тела медод. Ҳеҷ боке не. Бо заҳмату ҷонкоҳонӣ ҳам бошад, роҳи ёфтани нонпулӣ пайдо шуд. Вале дар ин аҳвол низ болои сӯхта намакоб, аз нописандӣ, тамасхур ва заҳри забону таҳқир раҳо наёфт. Одамҳои одиву нодор не, баъзе ҷавонҳои навкисаву сиёҳмаст, касони аз ёфтани



https://bikhon.tj/

савлати муфт пуркарру фарр ба подоши хизмат неш мезананд.

– Мистер!

Ниёз соле пеш ба ин хитоб эътибор надод. Ба ӯ чӣ дахл дорад? Ва бо латтаи намнок тоза кардани хоку чанги бағоҷи аробаро идома дод. Бордон дилкаш бошад, нағз. Одамон хӯрокворӣ, гӯшту анвои меваю сабзавотро бе гумони бад ба он мегузоранд.

– Эй Мистер! – баногоҳ панҷае сари шонааш расид.

Қоматашро бардошт ва нимрӯя баргашта бо табассум ба соҳиби даст нигарист. Ҷавоне гандумгуну ҷингиламӯй, куртаи сафеди остинкӯтоҳ, шими ҷинс ба тан, ришаш каме расида, ба чашм айнаки сиёҳ, дар кунҷи лаб сигарет, нигоҳаш барқпош бо писханд ба ӯ дида дӯхт. Ниёз хандид.

– Чӣ механдӣ? – тунд пурсид ӯ.

– Ман куҷову мистер куҷо?

– Эҳа, худат аз мистер ҳам болоӣ. Лорд, лорди англисро ба як нул мезанӣ. Ман гуфтам, бовар бикун.

– Маънии калимаи мистер ҷаноб аст, – хиҷолатманд шарҳ дод Ниёз.

– Мистер, медонам. Халтаҳоро бардор!

Атрофиён хандиданд, аз хашму алам ӯ хост, ки муште обдор бехи гӯши олуфтасатанг шинонад. Андешаи ғавғову кашокаш, гирудори милисаҳо, тамошои бепул дар бозор… Оҳо, Худо бигӯ, ки корат ба милиса наафтад. Тангаи охиронатро кашида мегирад, бадному қарздор мешавӣ, баъд мераҳӣ. Не, худро ба даст гирифт ӯ ва хомӯширо авлотар донист. Вай фамид, ки ҷавони худнамо сархуш аст. Аз масту девона ба нармӣ раҳидан беҳ… Не, ҷавон ҳитамматбаландӣ нишон дод. Ҳаққашро нағз пардохт. Вале номаш аз ҳамон лаҳза Мистер шуд. Рафта-рафта дар муҳити оилаву Кӯҳдоман ё зимни дидани ҳамкасбон номи аслияш садо медоду бас.



https://bikhon.tj/

– Ниёз, чӣ ҳол дорӣ?

– Қатори мардум, беруни хок рӯз кӯр карда мегардем…

– Ниёз, ту пухтаву дурандешӣ, – ба суҳбат шарик мешавад дигаре: – Шукрона кун, ки роҳи зиндагира ёфтӣ. Коракат нағз, кордат болои равған. Ҳар бегоҳ ба хона дасти холӣ намеравӣ-ку. Нон, мева…

– Ҳа, дар ин айём таскини дил шукрона аст, бародар, – андешаманд посух медиҳад Ниёз ва бо шакарханд меафзояд: – Худо роҳат, пулу сарвата ба дигарҳо лоиқ донисту шукронаро ба ману худат. Ҳар лаҳза шукр мегӯям…

Баъзан дар саҳни бозори Шоҳмансур – паҳлуи рафи нонфурӯшҳо, димоғаш аз бӯйи нону кулча ва фатирҳои гарм муаттар, гӯшҳояш аз шӯру ғавғо ва ё шаҳрошуби савдогарон пур, – эҳа, моли худро чунон меситоянд, ки, – аз ноомади кор хаста, гиҷу бедимоғ ба дастаи поядори ароба нишаста, кулоҳ болои чашмон хамонда, мехоҳад мижаҳояшро пушонаду ба ғанаби ширин равад. Баногоҳ садои дағал чун тир гӯшашро мехарошад.

– Мистер! Шаб кӯҳ кандаӣ? Бихез, борхалтаҳоро зуд то пеши мошин бубар.

Ӯ чашм мекушояд ва мебинад, ки олуфтаи хушлибос, вале кали хунукрӯ як даст дар миён, дастрӯмол дар дасти дигар, арақҳои пешонӣ ва сарашро поккунон назди ӯ истода менолад: - Пул додан як балову бардоштани бор балои дигар аст. Бичунб, Мистер! Дер кунам, хуҷаин хомохом мехӯрад.

– Хуб, ҳозир, шеф, – гуфт ӯ ва ҳадаҳа баставу халтаҳоро бо тартиб ба бордон ниҳод ва аз дил гузаронд: «Хайрият, ки як корфармо бо пои худаш омад, бенаво намонд…» Гоҳе барои як мизоҷ ё гапи ночиз байни аробакашҳо гап гурехта, ба кашокашу дилсиёҳӣ табдил меёбад. Сустии асаб, ҳирс, талвоса... Дар ин маврид мардони солор таъкид мекунанд: «Худатона дар чашми мардум расвою шарманда накунед.



https://bikhon.tj/

Насибахӯр насиба мехӯраду аблаҳ ғами беҳуда»: – Шеф, шумо пеш-пеш равед, ман аз пас меоям.

– Боз нагурезӣ…

– Шеф, ин гапа нагӯ, – овозаш ранҷишомез баромад: – Чӣ, ман ба дузд монандам? Нишони хонаатро бидеҳ, борро бе каму кост бурда мерасонам…

– Ин хатар дорад… Ба худат бовар кардан мумкин, Мистер, лекин ба занак не… Ба ин сиккаву сурат, дасту панҷае, ки ту дорӣ, бешак дилашро мебарӣ. Чунон булҳавас аст, ки…

– Шеф, масхара накун, – ханда ба лаб, аз хиҷолату шарм дар хаёлаш сурх шуду арақшор, пичиррос зад Мистер ва аробаро аз оброҳа гузаронда афзуд: – Барои мо ин аҳволу ришханди зиндагӣ сад тозиёна аст. Росташ, ки дар ин замон як зан ҳам бори гарон менамояд.

– Сарватманд шавӣ, ин ақидаро фаромӯш мекунӣ. Ҳм, ба мани гаранг офарин намегӯйӣ? – пурсид бепарво Шеф: – Дар деҳа зану хонаи пурбача, ин ҷо аз се-чор қавму миллат зану фарзанд... Оилаи интернатсионалӣ. Мо, эшонзодаҳо, Мистер, аз бобоҳомон васият дорем: бояд насла зиёд кунем… Лекин ҳамаашон хӯранда… даҳон воз, ба умеди кисаи ман.

– Сад таҳсин, ки дар поят рост меистӣ, – ғур-ғур мекунад Мистер: – Пайрави содиқи ҳазрати Пайғамбарамон будай…

– Саидзодаем! – худситоӣ кард кал: – Эшонзодаи пок…

– Занҳоят якдигарро бинанд, рӯхароширу мӯканӣ намекунанд?

– Не, апаву хоҳар баринанд, – бо ифтихор посух дод кал ва афзуд: – Сиёсат зӯр аст, Мистер, сиёсат. Алови чашмашона гирифтагиям…

Мистер кифт дарҳам кашида худ ба худ ғур-ғур мекунад:

– Ин афсона менамояд. Худо қувват диҳад…

– Мистер, дар ин замон гоҳ-гоҳ ҳазлу шӯхӣ накунӣ, дилат торс мекафад, – бо овози нарм суханашро идома дод Шеф



https://bikhon.tj/

ва аз ҷӯйбор гузашта, бағоҷи мошинашро кушод: – Борҳоро хушрӯ бигзор…

– Ҳозир одами ҳазлбардор ҳам кам аст, Шеф, – халтаҳоро паҳлуи ҳам ниҳода гуфт Мистер ва бо ришханд афзуд: – Баъзеҳо бо сояи худ ҷанг мекунанд…

– Рост, – тасдиқ кард Шеф: – пул дода ҷанг мехаранд, бигӯ. Лекин аробаи ту аз мошини ман тозатар будааст… Зани зиёд доштан дарди сар аст. Расидан замон моҷаро мебардорад, ки боз ягон чаккафурӯши каҷзулфа ёфтӣ… Айб накун…

– Ай не… Хурӯс ки шудӣ, Шеф, аз қуд-қуди мокиёнҳо натарс, – ҳазломез гуфт Мистер ва чанд сӯмеро, ки ӯ ба кафаш ниҳод, ба киса андохту пас гашт. Ва аз байни издиҳом «ароба-ароба» гӯён печутобхӯрон бо эҳтиёт гузашта, – мабодо чархи ароба ба либоси касе бирасад, зери таънаву маломат мемонад, – худро сазо дод, ки чаро аробакаш шуд. Вале чун корфармои дигар – марди чорпаҳлу аз пеш баромаду хитоб кард: «Салом, Мистер! Туро мекофтам. Нағз ҳастӣ? Борро зуд бубар, ки зери гап мемонам», дилаш равшан шуд. Лекин боз ширинзабонии корфармо ӯро дар ҳолати нобоб гузошт.

– Мистер, – гуфт ӯ, – ту шоҳи аробакашҳоӣ.

– Шеф, ин гапа бо овози баланд нагӯед, – хоҳиш кард кард ӯ.

– Чаро?

– Аз рашку ҳасад одам гирифтори сад бало мешавад.

– Воҳ, ин ҷо ҳам рашку бахилӣ вуҷуд дорад?

– Эҳа, ҷойи бе рашку ҳасад, Шеф, шояд дар гӯристон бошад. Дар ҳама ҷо гадо душмани гадост, – аробаро аз дарвоза бароварда гуфт Мистер ва пурсид: – Ба кадом тараф?

– Аз паси ман, – посух дод соҳиби овоз ва қадам тез кард: – Боақлона гап мезанӣ, Мистер. Агар сару либоси озода,



https://bikhon.tj/

галстуку курсии мансаб медоштӣ, зердастон пешат сад ранг мерақсиданд...

– Эҳе, ин ҷо, Шеф, ба ҳар наҳангу муштзӯре рӯ ба рӯ мешавӣ, ки роҳатро гум мекунӣ.

– Ғорат мекунанд?

– Бебаркаш, рӯйрост. Риштаи зиёдеро дар танат бинанд, кашида мегиранд. Надиҳӣ, рӯзат сиёҳ мешавад, бо ҳар баҳона пешпо медиҳанд.

– Даромад чӣ хел? – сигарет ба лаб ниҳода пурсид мард.

– Ҳар хел… Рӯзи бобарор чор танга меёбиву бо дастовез ба хона меравӣ. Рӯзи бебарор ду ангушт дар бинӣ.

– Корфармоҳо муздатро бе каму кост медиҳанд? – пурсид мард ва сигареташро оташ дод.

– Ин ба ҳиммату инсофи корфармо вобаста аст, – аробаро бо азоб ба баландӣ тела дода, нолишомез посух медиҳад Мистер ва сараш паст меафзояд: – Хасисро гадову аробакаш мешиносад, Шеф, – ба лаби ӯ ханда медавад: – Лекин аробакаш гадову муфтхӯр нест. Хизмат мерасонад… Росташ, ки, – бо оҳанги дигар суханашро давом дод ӯ: – одамони одиву нодор дасткушодтаранд. Аммо аз навкисаҳои пулмаст ҳаққи ҳалолро гирифтан мушкил. Бо неши забону дилсиёҳӣ заҳри баданат карда, баъд гӯё аз киса не, аз мағзи ҷонаш нисфи ҳақатро бароварда медиҳад.

– Об дар ҷойи сахт меистад, Мистер, – гуфт мард ва пасмондаи сигареташро ба қуттӣ партофта афзуд: – Пулёбӣ ҳам осон нест. Пул коғаз аст, лекин аз падару модар ҳам ширин…

– Аробакашӣ чӣ? – ранҷиомез пурсид Мистер: – Ҳм, одам аз рӯзи хуш аробакаш мешавад? Пул чирки даст асту назди бузургии падару модар ҳеҷ…

Шуру ғавғои даромадгоҳи бозор гӯё овози онҳоро фурӯ бурд. Не, ҳарду даме муҳри хомӯшӣ ба лаб заданд.

– Мистер, ҳамааш мегузарад, – овози хиҷолатманди мард



https://bikhon.tj/

таскиномез ба гӯшаш расид: – Зиндагӣ ба майдони муборизаи сахт табдил ёфт. Ба пеш, барори кор!

– Ташаккур! Ана ин гапи дигар…

Ниёз вақте аз хоб чашм кушод, ки ба қавле сиёҳии шаб ҳанӯз бо зуъмӣ ба сафедии камрангу тунук талош меваразиду ҳукм меронд ва дар он ҳолат риштаи сиёҳро аз сафед фарқ кардан мушкил буд. Аз як ҷониб саҳархезӣ барояш одат шуда бошад, аз сӯйи дигар таъкиди пайвастаи пири аробакашҳо Аҳмади риш дар гӯшаш нишаста, андешаи аз дигар ҳампешаҳо пештар ба бозор расиданро дар дилаш қавӣ карда буд.

– Саҳархезӣ, додаро, – дина ҳангоми нонхӯрӣ гуфт ӯ, – баракати беҳисоб дорад: кушоиши кор, фаровонии ризқ аст. Пас аз таҳорату иборат бомдод аз хона ба нияти нек мебароӣ. Кӯчаҳо холӣ, шаҳр хилват, рӯйи ношустаеву чиркинеро надида, моҷарову ғур-ғури раҳгузару шофиреро нашунида, бо асаби ором мерасӣ то бозор. Нафас рост накардаӣ, ки корафтодаҳо сӯят медаванд. «Ошно, халтаи орд ё биринҷ, ана ин чизҳои маро то истгоҳ ё назди мошин бубар». Ҳам савоб мегирӣ, ҳам музд. Маротибае пеш аз дигарон биоеду бинед, ки барои аробаву хизмат чӣ хел байни корафтодаҳо талошу баҳс сар мезанад. Бахтат омад кунад, якбора чизҳои харидаи ду-се каса берун мебарорӣ. Эҳе, ҳаво гарму бозор пуродам нашуда, музди якрӯзаро соҳиб мешавӣ…

Ҳа, бо орзуи барори кор бархест ва дасту рӯ шуст. Садое ба гӯшаш намерасид. «Дар бозор чой мехӯрам, – гуфт ба худ: – Нони гарму ангури ҷавзи роҳатӣ, самбӯса…» Ва акнун панҷа ба даста расонида буд, ки овози хоболуду пурмаломат, балки тамасхуромези Гулбарг дили хомӯширо харошиду гӯши ӯро пур кард.

– Ҳасани аробакаш, бачаҳо мактабравиро бас карданд.

Ниёз дар кафшкан мисли ҳайкал карахт шуд, музтар монд: сараш хам, шонаҳои афгору каме дардмандаш шабеҳи



https://bikhon.tj/

боли захмии уқобе фурӯ рехтанд. Ниҳоят ҳайкал ҷон гирифта, бо панҷа пешонӣ ва гулӯяшро молид. Суханҳое дар қафаси синааш мисли мурғи нимбисмил тапиданду ҷумбиданд, вале дар гулӯяш кӯргиреҳ заданд. Забонаш хориду хун дар сараш ҷӯшид, аммо ба ҷойи овоз шабеҳи каси кару гунг оҳи сӯзони пурдард баровард; аз пурсиши сабаб ҳаросид. Не, вай сабабро нағз медонад. Имсол барои бачаҳо сару либоси нав ва ҳатто китобдону асбобҳои хониш харида натавонист. Ду-се моҳ пеш саҳар байни ӯ ва Гулбарг дар хусуси нодорӣ гуфтугӯе оғоз ёфта ба таънаву сарзаниш печида буд. Гулбарг сар аз бистар набардошта, эҳтимол чашм ҳам накушода, ҷойи чой ва дами гарм ба ин «мужда» назди бачаҳо сурху сафедаш кард.

– Бачаи хола, одамҳое, ки базӯр нони хӯрдан меёфтанд, соҳиби ҳама чиз шуданд, – гуфт ӯ: – Дар дили шаҳр хона гирифтанд. Мебинӣ, ки мошину қолин ё чизҳои нав мехаранд.

– Мо, шукри Худо, бехона нестем, Қандак, – сухани ӯро бурид Ниёз.

– Аз холаи Бунафша миннатдорем. Як ба атроф нигар: марду зан ҳар моҳ рафта аз Хитой, Покистону Эрон, Маскову Қазоқистон мол меоранд.

– Бигӯ, туро ҳам баранд… Болу пар баровардаӣ, Қандак, – бо ришханд гуфт Ниёз ва сар аз болои косаи ширчой набардошта ғурид: – Дилат сайри ҷаҳон мехоҳад?

– Эй бачаи хола, вақте чашму рӯву мӯ доштам, дар як хукхона зиндониям кардӣ, намондӣ, ки ба берун по гузорам, – гила кард Гулбарг: – О ман ҳам мактаба бо баҳои хубу аъло хатм карда будам. Номаи камол доштам…

– Қандак, метарсидам, ки дар шаҳр роҳгум мезанӣ ё кадом нохалафе медуздадат…

– Баҳона наков… Мехондам, чӣ зарар дошт? Соҳиби ягон касб мешудам, дар ин рӯзҳои мушкил ҷойи кор меёфтам…



https://bikhon.tj/

– Кӯтоҳӣ аз ман гузашт, Қандак, – иқрор кард Ниёз ва нарм афзуд: – Он замон аз нияти хондан чаро ҳарфе назадӣ?

– Дар хукхона кай хондан ба ёдам мерасид? – бо ханда посух дод Гулбарг ва ин гуфтугӯ бо ҳамин анҷом ёфт. Аммо алҳол боз овози Гулбарг таъқибаш кард: – Боз нагӯӣ, ки хабар накардӣ. Бачаҳо мактабравира бас карданд. О пул доштем-ку. Ё пулҳоро гум кардӣ?

– Бигӯ, ки баҳона накованд. Мактаб нарафтан ба зарари худашон, – оҳиста шабеҳи пич-пич посух дод Ниёз, то овозашро ҳамсояе нашунавад. Падари раҳматияш дар ҳолатҳои тангдастӣ ба модараш таъкид мекард: «Сири хонара ҳаргиз дағдағаву овоза накун. Девор муш дораду муш гӯш. Дар хона чизе набошад, се-чор сангчара ба дег андозу бо кафлес чунон бикоб, ки ҳамсояҳо шунида гумон кунанд, ки хӯрок мепазӣ».

– Аз ин чӣ фоида? Сангчаҳои дег шиками бачара сер мекунанд? – бо ситеза мепурсид модар.

– Эй сода, Худо меҳрубон аст, – ӯро таскин мебахшид падар: – Кам ё зиёд ризқи одама мерасонад. Лекин дӯсту душман надонад, ки фалонӣ аз нодорӣ дар хоки хунук афтодааст, беҳтар аст».

– Ҳафтае боз бо ваъдаҳои дурӯғ умедворашон кардӣ, – аз пас овози пурмаломати Гулбаргро шунид Ниёз: – Бегоҳ боз ду даст дар бинӣ наоӣ…

Вай посух доданро зарур нашумурд, балки дам ба дарун, аз дил гузаронд: «Бачаҳо лучу гурусна нестанд. Ман ҳам мехоҳам, ки онҳо мисли дигарон бо сару либоси нав мактаб раванд. Гап сари пул аст. Ёфтани пули зормонда осон не».

Ниёз мехост, ки аз пули пасандоз ба фарзандонаш пеш аз оғози таҳсил сару либосу попӯшӣ бихарад. Барои Монӣ ва Нозгул кайҳо метавонист ҳама чизро бигирад. Андешид, ки онҳо аз шодӣ қад-қад бипаранду Беҳзод лабу лунҷаш овезон, зор-зор бигиряд, обу нони ҳама захр мешавад. Ба



https://bikhon.tj/

кӯдак чӣ хел мефаҳмонӣ, ки пул нарасид, андаке сабр кун, барои ту хубтарашро мегирем…

– Худашон хуш карда бигиранд, нағз мешавад, – гуфт Гулбарг: – Эҳе, аз чизҳои харидаи мо сад камбудӣ ёфта ғавғо мебардоранд…

Бачаҳоро бояд бозори «Корвон» бибаранд, ки аз дукону мағозаҳои ин фурӯшгоҳи мисли занбурхона сермағал ва пуродам, – саг соҳибашро намеёбад, – сару либоси дилхоҳ бигиранд. Ҷонкоҳониву талоши ӯ танҳо барои роҳату рӯзи хуш дидани фарзандҳост.

Чанд моҳ пеш Гулбарг низ бо мадади холаи Бунафша кор ёфт: роҳрӯб шуд.

– Айб намешавад? – пурсид Ниёз.

– Не, аз одами бекор Худо безор аст, – шӯхиомез гуфт Бунафша ва афзуд: – Аз меҳнати ҳалол пул гирифтан баракату роҳат дорад. Мӯрчамадад… Фарзандҳо мактабхон; харҷу хароҷот ҳар моҳ зиёд мешавад.

Зиндагӣ ба ҳар сурат беташвиш пеш мерафт. Лекин рӯзе писари амакаш Фозил баногоҳ дар бозор аз пеш баромад ва мисли кӯри асоёфта шод шуда, ӯро ба оғӯш кашид. Аҳволашро пурсиду машғулияташро.

– Зиндагӣ маҷбур кард, ки аробакаш шавам, – шармгинона иқрор кард Ниёз.

– Аз ҳама кори беминнати равғанинро худат ёфтаӣ. Офарин! – ситоид ӯро Фозил ва рӯзҳои дигар пайваста ба дидорбинии ӯ омада, бо ҷӯшу хурӯш аз хешиву дар як хона зистан, аз як дастархон нон хӯрдану зери як кӯрпа хобиданашон ҳикоят мекард.

– Раҳматии модарат, – мегуфт Фозил, – маро мисли фарзандонаш дӯст медошт. Косаи ширро аввал пеши ман мегузошт. Сару либосу танамро қатори шумо мешуст. Дар ёдат ҳаст? Намегузошт, ки ба рӯям пашша бишинад. Эҳа, то зинда буд, касе ба рӯям каҷ наменигарист.



https://bikhon.tj/

Ёди модар, хонаи падару айёми кӯдакӣ Ниёзро афсун кард. Ӯ дар дил мегуфт: «Хайрият, Фозил бамеҳр шудааст: қадршинос, посдори некиву намак. Солҳои наврасиашон бадхӯ буд. Ва борҳо аз рӯйи кирдорҳои бадаш Ниёз бо хашм ӯро сазо медод: «Ҳаромӣ!»

Субҳе Фозил бо авзои парешон, балки чун муши ниммурда дар ҳолати раҳмовар назди Ниёз ҳозир шуд ва бо чашмони намгирифта қарз пурсид. Ниёз музтар монд; бо ангушт пешонӣ молиду пушти сар хорид. Фозил бо ҳазору як қасам чун мори сиёҳ гӯё ба гарданаш печид, ки печид. Гуфт, ки ҳафтаи оянда дар ҳамин рӯзу соат пулро барзиёд оварда месупорад. Ниёз байни обу оташ монд.

– Пули зиёд надорам, – оҳиста фаҳмонд: – Ман аз дарди бепулӣ кори сиёҳ мекунам.

– Чанде бошад… Ҷонама бихар…

Ниёз боз андешид, ки агар ба Фозил пул надиҳад, вай рафта дар деҳа овоза паҳн мекунад, ки дар ҳолати сахтӣ ҳатто қарз надод. Бадномӣ, шармандагӣ.

– Таҳсил наздик. Бояд барои бачаҳо либосу асбобҳои хониш бигирам, – таъкид кард ӯ.

– Медонам, медонам… Фаҳмидам, акаи қиёматӣ, – гардани ӯро ба оғӯш кашид Фозил: – Ба зану фарзандон қасам. Хонаи касе ҳаром, ки ҳафтаи дигар дар ҳамин рӯзу соат қарза наорад… Лафзи одам – ҳалол. Боз чӣ қасам бихӯрам?

Ва Ниёз маблағеро, ки дошт, бо дасти адаб оварда ба Фозил супорид ва раво низ надонист, бипурсад: чӣ мушкилоте дорад? Кунчковӣ хуб не. Ва дилаш аз нуре равшан шуд, ки ба имдоди писари амак дар лаҳзаи тангдастӣ расид. Аммо Фозил рафту рафт. Баъд Ниёз шунид, ки ин нутфаи шайтон фиребгари гузаро будасту вай бехабар. Шиносу бегонаҳои гумроҳ мисли Ниёз ба доми найрангаш афтода, хонахароб, дилхун шуда, аз алам Разилаш ном ниҳодаанд. Ҳайфи номи Фозил, ҳайфи умеду орзуи пири



https://bikhon.tj/

номгузор. «О рубоҳе! О ҳаромие!» – шабу рӯз дар дил менолид Ниёз ва сирро ба куртаи бадан ҳам ифшо намекард. Ӯро аз кучо ёбаду чазояш диҳад. Разил аз қарзхоҳон гурехта Росия рафтааст. Эҳа, ба Гулбарг ин роз ошкор шавад, дуди оҳаш ба фалак дакка мехӯрад ва аз алам барои содалавҳӣ ӯро беҳисоб сазо медиҳад. Сазовор аст. Наволаи даҳони фарзандон, чор суми бо чонкоҳониву хуни дил ёфтаашро гӯё афсуну чодуяш карда бошад, муфт ба маккори беимон дод…

Аз лаҳзае, ки фиреби Разилро фаҳмид, Ниёз чун таҳқиршуда дарун-дарун сӯхт ва аз шарм, – вай худро гунаҳгор мешумурд, – лаб таги дандон, хомӯширо пеша кард. Чеҳраш тира, бедимоғу асабӣ. Кораш низ беравнақ гашт. Барои гапу муомилаи дупула бо мизочону ҳамкасбон тундӣ карду мочаро бардошт.

– Мистер, ба ту чӣ чин расид? Пулмаст шудаӣ, ё ягон балои дигар дорӣ? Худата ба даст гир, додар. Дигар шудаӣ… – ҳушдораш дод Аҳмади риш – пири аробакашҳо.

Дилаш аз дарду алам лабрез буд, вале дам назад. Худкардаро даво чист? Вовайлои пинҳонӣ, гуфтаанд. Ёрон аз кучо донанд, ки дасти касифу кирдори ночавонмардонаи амакбачаи наҳс баракати корашро дуздид, ӯро парешонҳол, девонаавзо кард. Ва инак дар саҳари мардон чӣ орзу дошту чӣ фалокате пеш омад? Ё ягон ношустарӯйи бадчашм аз сари деворе сӯяш кач нигарист? Бибияш мегуфт, ки захми чашми баъзе одам санга мекафонад. Гирифтори қаҳру ранчиш, – суханҳои Гулбарг чун хор ба дилаш халид, – аробаро аз нишебии шафати гӯристон тозонд ва чун бошаст дар гардиш тобаш дод, як чарх канда шуда, качмокачак рафту рафт ва худро ба чуйи пуроб афканд. Бағочи ароба якпаҳлу афтод ва чанд метр роҳро харошиду истод. «Эй зормондае! – дар дил нолид ӯ: – Ноомади кор, бебарориро бин. Чӣ лозим буд аробаро давондан? Ана ҳосили қаҳру ситеза».



https://bikhon.tj/

Дастаи ароба аз кафҳояш раҳо ёфт. Даме ҳайрон рост истод. Ду ҳафта пеш бо нияти зиёдтар пул ёфтан боғочро васеътар карда, ба он ду чархи «Москвич» гузошт, ки бештар бор ғунҷонаду бор бардорад. Хашмгин ба атроф чашм давонд. Торикӣ ранг мебохт, балки фирор мекард. Ва баробари бо нармӣ доман густурдани пардаи сафедфоми субҳ аз дуру наздик дуруди гӯшнавози мурғон паҳн мешуд. Суроби занҳои фаррошро ягон-ягон дар шоҳроҳ дид. Онҳоро аз камзӯлҳои кутоҳостини коргарӣ ва ҷорӯбҳои дастадарозашон шинохт. Ба хотири ризқу пайдо кардани нон пеш аз парандагон аз хоб мехезанд ва барои аз коғазпораву хошоку партобҳо руфта тоза кардани роҳу пиёдаравҳои қитъаи худ мешитобанд.

– Аз истодан чӣ суд? – асабӣ аз худ пурсид Мистер ва ёдаш омад, ки боз каме таъхир бикунад, Гулбарг ҷорӯб сари даст ҳозир ё замони дигар ин ҷо мерасад ва ӯро дар ин ҳолат дида хандасораш мекунад. Бо азоб аробаи якчархаро аз роҳ дур, байни хору хаси лаби наҳр кашонд. «Ҷойи чашмпаноҳ, касе намебинад», – гуфт ба худ ва поайфзор кашида дар боғоҷ гузошт, кулоҳ низ. Сипас почаҳои шимашро бар зад, – куртааш остинкутоҳ буд, – ва аз рӯйи тахмин ба ҷойи афтодаи чарх ба наҳр даромад. Оби сарди чиркин гӯё пӯсти гармакаки пойҳояшро газиду сад неш зад. «О зормондае!» – хитоб кард дар дил ва бо эҳтиёт соп-сопкунон бо ҷараёни об боло рафту поин омад. Бенатиҷа. Чарх куҷо ғайб зад? Метарсид, ки шишаҳои шикаста, теғи симонт, сангу неши сим ё оҳанпораҳои зиёди ба обрав партофта кафу банди по ва панҷаи дастонашро мебуранд. Одамони худсару бетартиб ин хел чизҳои зарароварро ба обрав бешумор партофтаанд. Онҳо кай парво доранд, ки аз ин кирдорашон атроф ифлос мешавад ё касе зарар мебинад... Баногоҳ дар ҷойҳои аз селбориш обкандаву мисли танур жарф якбора пойҳояш фурӯ мерафту об то рону хиштак расида, шимашро тар ме-



https://bikhon.tj/

кард. Аз ин парво надошт, меандешид, ки нурҳои офтоб зуд беминнат мехушконанд…

Бо қомати хамида, ҳам бо панҷаҳои дасту ҳам бо кафи пойҳо чархро ваҷаб ба ваҷаб ҷуст. Наёфт. Куҷо шуд? Пеши чашмаш дар соярушан каҷукилеб тоб хӯрд ва аз болои хасу хор парида, ба обраҳа афтода буд чарх. Ё ягон ҷину аҷинаи бахил онро аз обраҳа бароварду ҷое пинҳон кард? «Нобакор! Ба ту чӣ мерасад аз овораву саргардон кардани ман?» – байни шав-шуви оби тираю чиркин, ки аз бошаст бархӯрдан ба соқҳояш меафзуд, арбадаомез гуфт Мистер. Бибии раҳматиаш ҳамин хел одат дошт. Ягон чиз, масалан сӯзан, ангуштпона ё айнакашро гум мекард ва аз ҷустуҷӯ шалпару асабӣ мешуд, «Ҷин бурдааст, – мегуфт бо қаҳр ва моҷаро меоғозид: – Зуд оварда ба ҷояш бимон, дузди сиёҳкори шарманда!» Ва Мистер ҳам миёнаш куз, пойҳояшро аз зону боло, дастонашро то таги каш ба оби тира ғӯтонда, ҷини дар хаёлаш чархдуздро нафринкунон «бадбахт, зуд чарха биёб, ки миёни кор шикаст як чархи зиндагӣ…» поинтар рафт. Ва баногоҳ мувозинаташро гум карда, ба чоҳи гирдоб фурӯ рафт. Бо талвоса кафи як даст ба девори симонтии обканда ниҳод, бо вуҷуди ин як бари рӯ ва гӯшаш ба девори дандонадор бархурду захмӣ шуд; шиму куртааш оғуштаи об гаштанд. Аз ин парвое накард, ҳарчанд ба ёдаш расид, ки агар ба ин сурату аҳвол чархро биёбаду ба ҷояш шинонад ва бозор биравад, боиси тамасхури аробакашҳои масхарабоз хоҳад шуд. Яке пояш ба резини чарх бархурд. Аз ин дилаш рушан шуд. Гӯё ганҷи гумкардаашро ёфта бошад, оҳи сабук кашид. Қаҳтӣ нест, лекин даврони сахти нодорист. Хайрият шуд, вагарна боз аз кӣ чарх металбид? На ҳар доро дар ин рӯзҳо ҳатто чизи куҳнаашро бо дили кушод бароварда медиҳад. Боз ташвишу гарданкаҷӣ… Хайрият… Аммо чархи зормонда чӣ хел бо ҷараёни тези об омада, дар ин жарфнои танурмонанд пинҳон шудааст? Инаш нағз не.



https://bikhon.tj/

Қоматашро бардошту нафас рост кард; бо ангуштони тар пешонӣ ва паси сар молид ва ба ин васила худро аз асабоният каме раҳонд. Ёфт шуд. Сипас чунон хам шуд, ки сари синааш ба мавҷҳои об расид ва бо нӯги ангуштон сурохиҳои дискро ёфта, онро маҳкам дошта, лаб зери дандон, зӯр зада бардошташ. Эҳе, чархи «ташна» аз ковокиҳои резин ба зудӣ машк-машк об кашида, боз гилу рег «duздида», дучанд вазнин шудааст. Ӯ бо азобе чархро то сандуқи дил бардошт ва пойи росташро андаке канортар ниҳода, хост, ки пойи дигар ба девори симонтии наҳр мустаҳкам гузораду пайкарашро росттар карда, чархро бошаст сӯйи кӯча партояд. Нашуд. Ҳам девор то камар баланд будаасту ҳам танааш ҳамвори ҳамвор. Бо нӯги ангуштони пойи чапаш даме ҷойи дилпури устувор истодан ҷуст. Наёфт. Ин ҳам ошуфтаву асабияш сохт. «Чӣ лозим буд бармаҳал хестану саросема аз ҳавлӣ бароmадан?» – Ӯ худро сарзаниш кард. Агар чархро болои панҷаҳо баланд бардорад, обу лойи он аз сараш шорида, чӣ сурате хоҳад гирифт. Кош роҳгузаре пайдо мешуду ба ёриаш мешитофт; аввал чарх, пасон ӯро кашида мебаровард. Аз ин орзу ё хаёли хом ба ҳоли худ лабханд зад. «Дар ин ҷои касногузар вақти саҳар дастгиру мададгорро аз куҷо меёбӣ?» Ё фарёд занад, ки занҳои кӯчарӯб омада мадад расонанд? Чӣ хел овоз барорад? Сираш фош, ҳар хел овоза паҳн, масхараву хандасор мешавад, зери таънаву маломати Гулбарг мемонад. Дар даҳони ӯ гап намепояд. «Умрам бо ту хазон, хуни ҷигарам хушк, мӯйи сарам сафед шуд, бачаи хола, – мегӯяд: – Афсонаи даҳони мардум шудем. Шармандагӣ…»

– «Сар кафад зери тоқӣ, даст шиканад, зери остин, сирри мардон пӯшида беҳ», – гуфт ба худ Ниёз ва аз дил гузаронд: «Одамон аз байни оташ, аз зери тир мераҳанд. Наход ту бо ҳамин тану тӯш натавонӣ, ки як чархро барорӣ? О лаънатие. Мебарорамат!» Ва чархро пеши бағал дошта каме қувват



https://bikhon.tj/

ҷамъ кард, баъд бо илоҷе кафи дасти чап ба танаи девор ниҳода, пайкарашро каме ба қафо моил сохт ва чун айёми кӯдакӣ зери лаб «як, ду, се!»-гӯён бо ҳаракате тунд боло ҷаҳид. Чарх аз оғӯшаш ба хушкӣ афтод, вале ними танаш дар пайроҳа, пойҳояш дар девор овезон, аз дарди сӯзони зону, ки шояд ба ғурми девор сахт бархурд, аз чашмонаш шарораҳои рангобаранг рехт. Эй зормондае! Мистер каме беҳаракат бо шикам хобид. Пасон барои озмоиш пойи латхӯрдаашро ҷунбонд. Аз дарди ҷонкоҳ нолише баровад «Вой!». Худое накарда устухонаш шикаста бошад. Пойи сиҳатро озод боло кашид ва нӯги ангуштон ҷое мустаҳкам тиргак гузошта, бо мадади дастҳо пайкару пойи маҷруҳашро аз «асорат»-и девори симонтии наҳр ба пайроҳа кашонд. Ин балоро чашмдор набуд. Эҳа, агар медонист, ки чунин фалокат пеш меояд, ҳазор таънаву маломати Қандакро болои дида мебардошту аз хона намебаромад. Сад дареғ, ки одами шири хомхӯрда пешбин нест…

Бо сад азоб бо такяи даст ва мадори пойи рост паҳлу гашт ва ба пайроҳа нишасту нафас рост кард. Ва ба худ таскин бахшид, ки бо ин аҳвол ба наҳр нағелид. Эҳе, он гоҳ аз сад як ҷонаш намемонд ва ҷасадашро аз кадом обканда ё зери тахтабетону гилу рег меёфтанд. Бо пушти даст арақҳои пешониро, ки заҳида чашмонашро месӯзонданд, пок кард. Аз сару рӯяш аз сӯзиши зону ғура-ғура арақ мешорид. Бо эҳтиёт панҷа ба ҷойи латхӯрда – кулчаи зону расонд. Ҷонаш набаромаду халос. «Устухони кулчаи зону шикастааст ё баромадааст», – гузаронд аз дил. Акнун чӣ кор кунад? Кош чӯбе асомонанд мебуд, ки бо такяи он ва мадади пойи сиҳат қоматашро бардошта, кашон-кашон худро то сари роҳ мерасонд. Ба атроф дурусттар чашм давонд. Эҳе, сафедии субҳ кайҳо ҷойи сиёҳии шабро гирифтааст. Майнаҳо бо шӯру ғавғо села-села аз сари шохи дарахтон парида ба ҳамворие дуртар аз ӯ нишастанд ва якбора бо хашм ҷангу ҷидол



https://bikhon.tj/

оғозида, бо нохун, минқор ва болҳо ҳамдигарро кӯбиданд. Моҷарои сахт, гирудори оштинопазир. «Дар ин каллаи саҳар чӣ балотон расид? Девона шудед? Кинаварҳое! Ё дар осмони кушоду рӯйи замин нағунҷидед?» Нигоҳаш аз паси хорбуттаҳо ба шабаҳе бархӯрд. Мард буду дар пиёдароҳи поини наҳр шитобон қадам мезад. Кӣ бошад?

– Ҳе-е… Ошно-о… Барода-ар!

Роҳгузар истод ва дудила ҷонибаш нигарист. Шояд пиндошт, ки ягон майзадаи бадбахту оворагард ва бемадорест.

Ниёз бо ишораи даст ӯро сӯйи худ хонд ва илтиҷоомез овозаш дод: «Ёрдам… Аз барои Худо…»

Роҳгузар аз пайроҳаи байни хору хас тозон назди ӯ расид ва рӯ ба рӯяш хам шуда пурсид:

– Акаи Ниёзӣ? Чӣ гап шуд?

– Напурс, ҳамсоя. Мадад расон… Илоҷе карда хона бубарам.

– Ҳозир-ҳозир… – ҳамсоя атрофи ӯ чарх зада чи кор карданашро намедонист.

– Чархи аробаи зормонда, – канда-канда гуфт ӯ: – Афтодам… Ба зону… Кулчаи зонуи пойи чап беҷо шуд ё шикаст…

– Э не… Натарс, лат хӯрдагист. Нағз мешавад… Бубинам?

– Даст нарасон, ки ҷонам мебарояд… Мадад расон, ошно. То хона…

Ҳамсоя зӯр зада ӯро болои як по хезонд ва гуфт, ки даст ба гарданаш ҳамоил созаду ба танаи ӯ борашро партофта, оҳиста-оҳиста пеш раванд. То гардиш гандум-гандум қадам ниҳода расиданд. Сипас бо даводаву паропар гӯё аз осмон мададгор борид. Марду зан як савол медоданд: «Чӣ гап шуд?» Вале посух намешуниданд. Лаб таги дандон, дамаш ба дарун, сару рӯяш арақшор ӯро рӯ-рӯи даст ба ҳавлӣ бурданд. Гулбарг ҳам тозон омад. Аз бим ранги рӯяш мисли



https://bikhon.tj/

сафедхок канда буд. Ӯ низ ҳаш-ҳаш нафаскашон бо овозаки ларзон пурсид:

– Чӣ гап шуд? Зинда аст?

– Натарс… Кулчаи зонуяш…

– Обам диҳед, об! Қариб дилам мекафид, – гуфт ва халтавор худро паҳлуи Ниёз партофт: – Ягон мошин задааст?

– Э не… Чархи ароба… Худаш афтидааст…

– Э тавба, – Гулбарг оби косаро дам кашида, сипас бо нӯги остин худро шамолдиҳон гиряомез шиква оғозид: – Хок дар сари рӯзиме. Аз вақте бо сад орзуву ҳавас ҳамроҳаш ба шаҳр омадам, рӯзи хуша надидам. Хуни ҷигарама хушконде…

– Ба зинда монданаш шукр бикун, духтарам, – гуфт кампири Бунафша ва Ниёзро шамолдиҳон арақҳои сару пешониашро бо дока пок кард: – Фалокат… Кӣ мехоҳад ба ин аҳвол афтад?

– О аз рассомият чӣ фоида дидам, ки боз аробакаш шудӣ? – шевану шиквaи Гулбарг аз нав авҷ гирифт: – Дар роҳи рост афтӣ-а? Дар ин замони пурофат кадом духтурхона қабулаш кунаду кадом шикастабанд давояш бахшад?!

Ниёз дигар давоми таънаву маломати Гулбаргро нашунид ва ашкрезии фарзандонашро аз надоштани сару либос ё ба фалокат дучор шудани ӯ надид. Ва боз надонист, ки аробаи вайронаву чархи зормондаро кӣ ба ҳавлӣ овард. Танҳо суханҳои гиряомези Бунафша дар гӯшаш садо медод: «Ба ҷойи писарам дар дилам ҷо дорӣ, Ниёз. Ҳамаи умедам ба ту аст…»

Писари ҳамсоя, Худо баракаташ диҳад, бо мошини куҳна ва ҷо-ҷояш рангҳои ҳархела молидаи «Москвич» саросема ӯро шифохона овард. Сафои шикастабанд – ҳамсояи дигари рӯ ба рӯяшон, хайрият он саҳар навбатдор будааст. Ӯ барои фавран хобонданаш ёрӣ расонд. Пасон докаву пахта, ҳар хел доруву спиртковӣ оғоз ёфт. Фаҳмид, ки ҷонашро аввал ҳамсояҳо – аз хеши дур ҳамсоя беҳтар, – баъд рассомону аробакашҳо, ки ин



https://bikhon.tj/

нохушӣ сарҷамъашон сохтааст, хариданд. Ҳар яке дар гирифтани доруву даво, чизе, ки барои ҷарроҳӣ ва бо асбобе пайванд намудани устухони шикастаи зону лозим буд, саҳме гузошт. Эҳе, дар бемористон, дар ҳуҷрае, ки бистарӣ буд, боз фалокатзадаҳоеро дид, ки бо найча аз бинӣ обу ғизояшон медоданд ё болои бистар ҷунбида наметавонистанд. Ин дарду алами Ниёзро сабуктар кард ва дар дил шукр гуфт, ки ба ҳоли зори онҳо гирифтор нашудааст: бо дасти худаш обу ғизо хӯрда метавонад. Аммо пайваста пурсидани аёдаткунандагон «чӣ хел ба ин фалокат дучор шудӣ?» ва як хел посух додан ба дилаш зад. Вале аз пурсишу ҷавоб додан ҷои гурез надошт. Лекин ҳар навъе дилбардорӣ низ мешунид.

– Ниёз, парво накун, ҳамааш хуб мегузарад, – мегуфтанд ҳамсояҳо.

– Мистер, акнун аробакаши зӯр мешавӣ, – таскинаш мебахшиданд аробакашҳо: – Вақти ба ароба часпондани чарх мурватҳоро сахттар битоб. Дар гардишҳо дигар аробаро сахт не, нарм тоб медиҳӣ…

Ҳамкасбони мусаввираш низ ба аёдат омаданд. Онҳо дар баробари нону мева ё шарбату чизҳои ширӣ барояш дафтару сиёҳқалам оварда, ба пойи гаҷу симпечаш нигариста гуфтанд:

– Мушоҳидаву мавзӯъҳои аҷиб гирд овардаӣ. Имкони ҷунбидан надорӣ. Фурсат ғанимат, ошно. Вақтро бо хомнавис кӯр бикун…

– Дарду сӯзиш чунон сахт аст, ки ғанаб рафтан намемонад, – нолишомез мегуфт ӯ.

– Дард мегузарад, поят нағз мешавад… Ҳунарманд аз дарду ранҷ пухта шуда асари хуб меофарад. Бинавис, – таъкид мекард яке: – Ҳаминаш мемонад…

– Ба дилат аз шодӣ таблак назану умеди дар нақлиёти ҷамъиятӣ ба курсии маъюбон нишастанро аз сарат парто, – ҳазломез мегуфт дигаре: – Аз шифохона бе чигасу асо мебарои…



https://bikhon.tj/

– Рост. Лекин аз хомнависҳо фоида мебинӣ, – гапи ӯро об медод дигаре: – Аз рӯйи хомнависҳо оянда як силсила асарҳои ҷолиб меофарӣ. Марҳилаи нави эҷодиёт, ҷаҳиш, тозакорӣ…

Дилаш аз ин суханҳо гум мезад, вале ҳазломез посух медод:

– Кошки гуфти шумо шавад…

Табибон мегуфтанд, ки талошу ҷонкоҳонии шабонарӯзии мо барои ҳифзи саломатии одамон аст ва ҳазломез меафзуданд:

– Шифохона бо бемор обод аст. Дардмандон пайи ҳам наоянд, ҳуҷраҳо холӣ ва мо бекор мемонем.

Гапашон ҷон доштааст. Чанд бемор якбора рафт. Равуо кам шуду хомӯшӣ ба миён омад. Табибону хидматрасонҳо аз бекорӣ бедимоғ дар даҳлез қадам мезаданд. Ризқи онҳо ба воситаи беморон мерасад… Ду-се рӯз баъд баногоҳ як ҷавони миёну пошикастаро бо замбар оварданду паҳлӯи ӯ хобонданд. Беҳуш буд, лекин соҳибдор. Пайвандонаш гирд омаданду табибонро ба по хезонданд. Эҳа, даводаве оғоз ёфт, беҳисоб. Дарҳол ба сӯрохиҳои бинии ӯ найчаҳои нафасгирии сунъиро пайвастанд, ба шаҳраги дастонаш сузандору гузаронда, чакак низ монданд, ҳамшираҳои шафқат гирдаш парвона шуда, ҳар замон набзу кор кардани дилашро месанҷиданд.

– Дилаш нағз кор мекунад, мисли дили асп бақувват аст, – пайвандони ӯро дилпур кард сардухтур: – Устухони ронаш шикастааст, сутунмуҳрааш ҳам осеб дида. Аммо сабаби беҳушиаш аз сахт лат хӯрдани сар аст. Зарбаи дарунӣ… Ягон раг дар косахона накафида бошад, боке нест. Мағз тоза, бехатар... Аз рентген гузаронем, ҳамааш аён мешавад…

Ҷавони бемор, ки бо калимаҳои махлуту нофаҳмо ҳазён мегуфт, шаб ба ҳуш омад. Ва чашм кушода ҳайратзада ба ҳуҷраву беморони бистарии даст ё пояшон гачбанд ё сару гарданашон докапеч, ба димоғи яке найчаи ҳаводиҳиву ба пойҳои дигаре сангҳо овезон, бимзада нигаристу хастаҳол пурсид:

– Ман дар куҷоям?



https://bikhon.tj/

– Дар шифохона – шуъбаи шикастабандӣ. Дарак надорӣ?

– Вой сараме! Дарунаш занбурхона барин вижос мезанад, – нолид ҷавон ва лабони хушку калахчбастаашро лесид: – Об диҳед. Аз хушкии даҳон забонам дар комам мечаспад.

– Абду, беҳтараш шарбат бихӯр, ки каме мадорат бахшад, – гуфт каси нигаҳбон ва сари ӯро боэҳтиёт бардошта, пиёлаи шарбатдорро ба лабаш расонд: – Дам бикаш, гарм аст… Натиҷаҳои рентген нағз. Парво накун…

– Хунукаш набуд? Дарунам гӯё дар кундаалов месӯзад… Оҳ, поямро ҷунбонида наметавонам-ку. Гӯё вазнаш як тонна бошад.

– Наҷунбонаш. Гачпеч аст… Духтурон хӯрдани чизҳои сардро тавсия надоданд.

– Э вой… – ҷавон чашм пӯшид ва ғур-ғур кард: – Чӣ балое буд?

– Намедонам, – посух дод нигаҳбон ва афзуд: – Доим мегуфтӣ: ҷое бошад, ки бихобаму бихобам. Ана ҳамон ҷоро ёфтӣ. Касе халал намерасонад. Баҳузур бихоб…

Абду гоҳ чашм мекушоду гоҳ фас-фасу хур-хур нафаскашон худро ба олами ҳазён мезад. Дар ин маврид лабону абрувон ва мушакҳои рӯяш ҷунбишу бозӣ меоғозиданд. Навбатдор, ки аз сари болинаш дур намерафт, аз ин ҳолат ба ташвиш меафтод ва парасторро ба мадад мехонд. Вай дарҳол ба ӯ сӯзандоруи таскинбахшу хобовар мегузаронд.

Чанд рӯз пас ҳоли Абду беҳтар, хотирааш равшантар шуд. Модар, зану фарзанд, хешону ҳамсояҳо думболи якдигар ба аёдаташ омада, як савол медоданд:

– Абду, чӣ шуд?

– Намедонам. Нав кам-кам мисли хобу хаёл ба ёдам мерасад, – нолишомез, базӯр-базӯр нафаскашон посух дод ӯ: – Мисли афсона, ҳатто кино пеши назарам меояд. Бигӯям, бовар намекунед…

Пурсандаҳо гӯшу ҳуш шуда ба ӯ чашм медӯзанд.



https://bikhon.tj/

– Аз пиёдароҳ бепарво, дастҳо дар киса бозор мерафтам, – ба нақл шурӯъ менамуд Абду: – Чӣ лозим? Нагӯямаш беҳтар. Ҳоламро бадтар, дардамро дучанд мекунад…

Пурсандаҳо дудила хомӯшӣ ихтиёр мекунанд. Вале гап дар дили Абду меҷӯшаду намеғунҷад, ки нақлашро идома медиҳад:

– Баногоҳ овозе ба гӯшам расид: «Бигурез!» Ба пас нигарам, як балои азим – чархи мошини «ЗИЛ» таъқибам дорад. Ба роҳи калон хез задам. Ҷон ширин охир… Нимрӯя баргашта бинам, чарх ҳам аз пасам ба шоҳроҳ парид. Тавба, зормонда гӯё ба ман қасд дошт. Каҷмокаҷак бигурезам, чарх ҳамон зайл аз пасам омад. Эй Худо, об диҳед, об!

Абду об нӯшид ва нафас рост карда, суханашро давом дод:

– Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, дар роҳи ҳамвор суръати чарх дучанд мешудааст. Чӣ қадаре ҷону тавон доштам, як чашм ба пешу як чашм ба пас, давидам. Ба пиёдароҳ биҷаҳам, исқотӣ аз пасам мепарад…

– Сад тавбаи илоҳӣ! – гиребон дошта пичиррос мезананд нишастагон: – Ягон кас мадад нарасонд?

Абду сар аз сукут бардошта ба саволи онҳо бо савол посух медиҳад.

– Тамошобин? Буданд… Беҳисоб… Лекин аз дасти онҳо чӣ ҳам меомад? Чарх хар набошад, ки давида пеши роҳашро гиранду нухтаашро кашанд. Ҳм, Абду бачаи очашон набошад, ки дилашон сӯзад. Бо завқ механдиданд.

– Аҷиб-аҷоиб, – луқма партофт касе.

– Аз аҷоиб ҳам аҷоибтар, – тасдиқ кард Абду ва афзуд: – Ҷон дар кафи даст аз болои буттаҳои бари роҳ паридам, ки чарх расиду ба ҳамин поям бархурд. Дунё дар назарам гирдгардон шуду аз чашмонам аловдаста парид. Дигараш дар ёдам нест…

– Зинда монданат бахт аст, – гуфт яке.

– Рост-рост, – сухани ӯро тасдиқ кард дигаре ва афзуд: –



https://bikhon.tj/

Билфарзе он чархи лаънатӣ 60-70 кило вазн дошта бошад, вақти босуръат паридану ҷаҳидан 200 ё 300 кило мешавад…

– Сару шонаат ба куҷо бархурд?

– Ба тахтабетон…

– Эй тавба… Худо аз ғазабаш нигоҳ дорад, – ба суҳбат шарик мешавад марди кулутарише ва сар ҷунбонда таъкид мекунад: – Ба зинда монданат шукру хайру худоӣ бикун…

– Албатта! Худо як бори дигар пойи равон диҳаду бихезам, – бо ҳасрат мегӯяд Абду ва пичиррос мезанад: – Чархи касофат мисли балои осмон аз куҷо пайдо шуд?

Ҳар рӯз Абду ноилоҷ саргузашти талхашро ба онҳое, ки бори аввал ба диданаш меомаданд, бо рангу пардози нав борҳо нақл мекард. Бемориони ҳамҳуҷра пойи раво надоштанд, ки берун бароянду аз шунидани нақл бираҳанд. Ва ҳар гоҳе, ки ӯ калимаи чархро ба забон меовард, Мистер дар дил «э хуше» мегуфту лаб мегазид ва мисли он ки чизи талху турушро ба даҳон ниҳода мехоида бошад, дар пешонияш мавҷи чинҳо меафзуд. Баъд вай роҳи халосиро аз шунидани ин қиссаи барояш дилбазан ёфт. Ба ёрон фармуд, ки барояш якчанд коғази паҳнбари расмкашӣ биёранд. Оварданд. Ӯ бо сиёҳқалам дар як коғаз Абдуи шоду фориғболро дастҳо дар киса ҳангоми роҳгардӣ дар пиёдароҳ кашид, дар коғази дигар пайдо шудани чарху бо талвоса гурехтани ӯ тасвир ёфт. Ба шоҳроҳ ҷаҳидану як чашм ба пеш, чашме ба пас давидани Абду ва таҳдиди чарх коғази сеюмро пур кард. Дар коғази чорум аз болои буттаҳо ҷаҳидани Абду ва ба ронаш бархӯрдани чархи барзангӣ, дарунӣ ҷӯй афтодани ӯ ва кафкӯбону хандон завқ бурдани тамошобинон равшану ғалатӣ тасвир ёфт. Мистер ин силсиларо «Абдубалон» ном ниҳод ва аз парастори шӯхтабиат хоҳиш кард, ки суратҳоро бо тартиб, – ӯ ба ҳар тасвир рақам ниҳода буд, – дар девори рӯ ба рӯ баландтар овезад. Вай хоҳиши Мистерро мувофиқи маслиҳат ҳангоми хоб будани Абду иҷро кард. Соате пас чун Абду чашм кушод, манзараҳои тасви-



https://bikhon.tj/

рёфтаи шабеҳ ба саргузашти худро дида, ду-се бор мижаҳояшро басту кушод, бо кафи даст чашмонашро молиду кифт дарҳам кашд. «Ҳамон воқеа, ҳамон лаҳзаҳои шум», – гуфт дар дил. Аввал хандид: «Эҳе…» баъд ранҷид. Дасти сиҳаташро ёзонду асобағали Ниёзро гирифт ва бо чанд ҳаракат хост расмҳоро афтонад. Натавонисту ғурид:

– Ин кори кадом душман аст?!

Ҳамҳуҷраҳояш худро нигоҳ дошта натавониста қоҳ-коҳ заданд.

– Абду, ба Мистер ташаккур бигӯ, – гуфт яке.

– Чаро? Барои масхара карданаш?

– Соз фикр бикун, – ба суҳбат шарик шуд дигаре, – вай заҳмати ба ёд овардани нохушиву нақл карданро бароят осон кард. Дигар ҳар касе пурсад «Чӣ гап шуд?», ба ҳамин тасвирҳо ишора бикунӣ, об ба лаби ҷӯй баробар мешавад. Охир ин ҷо зоғи бедоғ нест, ошно…

– Метарсам, ки шаб боз ҳамон чархи зормондаро хоб мебинам, – гуфт бо ханда Абду. Беморону табибон, фаррошон, ки пеши дари ҳуҷра истода, силсилаи суратҳоро тамошо мекарданд, қоҳ-қоҳ заданд. Мистер дар ин ҳолат гӯё дар даҳон об дошт, ки хомӯш менишаст. Вай саргарми бо сиёҳқалам болои коғаз кашидани Гулбаргу холаи Бунафша ва бо сару либоси нав, китобдон дар даст, вале андешаманд ба мактаб рафтани Монӣ, Беҳзоду Нозгул, боз дар дуриҳои дур тӯдаи занҳои фаррошро бо ҷорӯбҳояшон, болотар байни хору хас аробаи якчахраи ба паҳлу афтодаву қиёфаи зору ҳайрони худро мекашиду ба лабаш табассуми ширин медавид ва худ ба худ мегуфт: «Ин ҳам хотира, як саҳифаи зиндагӣ дар ин замон аст».

Анҷом: 12.12.2016

Таҳрири охирон: 25.03.2017



https://bikhon.tj/

## ДОСТОНИ НОТАМОМИ МАСЧОҲ

*Эссе*

Беҳтарин сафар ё сайру саёҳат ҳамонест, ки бетамаъ, озод, бо амри дил ва бо инсонҳои дилписанд бафурсат бигзарад ва боз ёрон аз як нигоҳ ё ними сухан ҳамдигарро бифаҳманд. Сафари мо бо даъвати дӯстамон Раҷабмаҳмади ярмӣ ба кӯҳистони нозанину биҳиштосои Масчоҳ барвақт тарҳрезӣ шуда буд. Вале бо сабаби пеш омадани маҷлис, маҳфилу ҷашнҳо ба таъхир меафтод. Ва Раҷабмаҳмад аз ин хеле дилгиру нороҳат мешуду гила мекард:

– Кай шумо дар сари ваъда устувор меистед? О мард як гап дошт. Гуфтаҳоятон ба амалатон ҳеҷ мувофиқ не. Коратон фақат фис-фис… Пеши потун мурам, ҳолати маро ҳам фаҳмед… Ман аз ваъдабозиҳои шумо назди мардум шарм медорам. Охир ба кӯҳистониён боз чӣ хел фаҳмонам, ки…

– Ҳоҷӣ, кӯҳистона ба ёд наоред, ки дил гум мезанад. Ба наздикӣ ҷашни 20-солагии Истиқлоли Тоҷикистон. Дар ин тантана иштирок накардан айб, – мефаҳмонем ба ӯ.

– Хайр, баъди ҷашн дигар фис-фис намекунед?

– Не, не.

– Қавл медиҳед?

– Бале…

– Э дардатун занад! Ният буд-ку: Чашмаи Лоиқа зиёрат мекунем, бо мардуми кӯҳистон ҳамсуҳбат мешавем. Бисёр не, ду-се рӯз… Шуморо Саидилҳом бо мошинаш то Варзи Манор – маркази ноҳияи Айнӣ меорад, он тарафаш осон…

Ҷашни 20-солагии Истиқлол пуршукӯҳ таҷлил ёфт: бунёдкориву созандагӣ, чашми ҳасуд кӯр, дар саросари Тоҷикистони азиз пуравҷ. Боғу биноҳои боҳамшамат, марказҳои хуби варзишу тиҷорат, мактабу донишгоҳ, хиёбону гулгаштҳо на



https://bikhon.tj/

танҳо ба пойтахт, балки ба тамоми мамлакат ҳусну шукӯҳ бахшиданд. Табъи ҳама шоду болида. Охир аз чи аҳволи ногуворе ба имрӯзи фирӯз расидем. Метавон бо хотири ҷамъ ба Кӯҳистони Масчоҳ рафт ва аз даъвову гилаҳои Раҷабмаҳмад раҳид. Лекин боз «фалокат» аз таги по хесту нохушие пеш омад ва моро дудила кард. Шоҳроҳи байни ноҳияи Айнӣ ва Кӯҳистони Масчоҳ бо сабаби кандани як пораи бузурги кӯҳ ва фуромадани ярч вайрон шуд, аз фаъолият монд.

– Баҳона ёфтем, – гуфтам ба Гулназар. – Сафарро ба вақти дигар мегузорем.

– Ман ҳам дар ин андешаам, лекин Ҳоҷӣ розӣ мешуда бошад? – посух дод Гулназар.

– Шояд Саидилҳом ба тай кардани роҳи ноҳамвори ағбаи Шаҳристон розӣ нашавад, – аз дил гузарондем мо.

Не, насиби нону намак кашад, ягон баҳона пеши роҳи сафарро намебастааст. Ҳоҷӣ бо телефон гуфт:

– Фидотун шавам, афтидани кӯҳ, фуромадани тарма, омадани сел, – Худо аз балои аз инҳо бадаш нигоҳ дорад, – дар кӯҳистон чизи муқаррарианд. Мисраи Лоиқро ба ёд биёред: «Гар зи санги роҳ тарсам, аз кӯҳистон нестам». Дигар фис-фис накунед. Бачаҳо дар кӯҳистон моро интизоранд… Саидилҳом шуморо то Истаравшан меорад. Ману Қурбон Тӯраев, ошнои деринам, шуморо пешвоз мегирему бо мошини дигар аз роҳи ағбаи Оббурдон ба Кӯҳистон меравем.

– Саидилҳом розӣ шуд?

– Медонед-ку: вай инсони наҷибу ҷигари ҷавонмард аст. Худаш ба шумоҳон занг мезанад…

Тамошои ағбаи Оббурдон шавқи маро ба ин сафар дубора афзуд. Аз ағбаҳои Анзобу Шаҳристон ва Хобработ борҳо гузаштаам. Аммо ба таърифи ағбаи Оббурдон танҳо аз нақлу навиштаҳо ошноям. Бад намешуд агар ин ағбаро бубинам. Ва боз ҳар боре ситоиши манзараҳои ягон гӯшаи меҳанро мешунавам, ангушти афсӯсу надомат мегазам, ки



https://bikhon.tj/

чаро айёми ҷавонӣ, солҳое, ки нерӯву имконияти хуб доштам, ба сайри он мавзеъ нарафтам ва ба рӯзгору хулқу атвори сокинонаш ошно нашудам. Айб, ҳатто гуноҳ аст, ки ман чун адиб ҳанӯз на ҳама ҷойи Тоҷикистонро дидаам. Акнун имкони сайри ағбаи Оббурдон фаро расид.

Саидилҳом Аҳмадзода, доктори илмҳои тиб, профессор дар соҳаи амрози ҷигар, ноиби президенти Академияи илмҳои тиббии Тоҷикистон, бар хилофи гармии хун ва тезиву тундии Раҷабмаҳмад нармтабиат аст. Вай бештар бо тамкину мулоҳиза мусоҳибро мешунавад, сипас посух медиҳад. Инро ман албатта аз сиришт ва тақозои касби ӯ меҳисобам. Ба шарофати Раҷабмаҳмад дар парешонҳолии шадиду вазъияти сангин ба Саидилҳом шиносу корафтод ва аз меҳрубониҳояш бархурдор шудам, ӯро як инсони баандеша, маънирасу суханшинос ёфтам.

– Гузаштани ду ағба осон нест, – гуфтем ба вай. – Шояд Шумо Ҳоҷиро розӣ кунеду сафарамонро ба вақти дигар мавқуф гузорем.

– Э мардои Худо, ин андешаро аз сар партоед, – бо табассум посух дод Саидилҳом. – Барфу яхбандӣ набошад, роҳ хушку ҳамвор. Гузаштани ду ағба пеши мошин магар мушкил аст? Хубаш, ки Ҳоҷиро наранҷонем. Ҳофизи бузург дар ин маврид ба мо чӣ мефармояд?

*Равандагони тариқат раҳи бало сипаранд,*
*Рафиқи ишқ чӣ ғам дорад аз нишебу фароз?*

Оини дӯстиву бародарӣ-дия…

Аз рӯи маслиҳат сари субҳ Саидилҳом омад, вале узре пеш гузошт: гуфт, ки аввал бояд ба бемористони пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология дароя ва аҳволи бемори вазнинеро бифаҳмад, ба табибони навбатдору парасторон маслиҳате бидиҳад, сипас бо хотири осуда ба роҳ бароем.



https://bikhon.tj/

– Дили бемор нозук, як дидан, як гапи хуши табиб хеле оромаш мекунад, – гуфт Саидилҳом. – Панҷ-даҳ дақиқа ҳеҷ гап нест.

Гулназар ҳарчанд аз пуркорию вақти сархорӣ надоштан шиква мекард, дар таҳи дил ба ин сафар хеле шавқманд буд. Охир фарзанди кӯҳистон ҳамеша хумории дидани диёр аст, хоса дар ин саҳар, ки ӯ аз зодгоҳаш Фалғар мегузарад. Эшон аз сари вақт ба ваъдагоҳ расидани мо шод, ҳамин ки ба мошин нишаст, хушҳолона гуфт:

– Худо хоҳад, чойи субҳонаро дар Хушекат мехӯрем…

Шаҳри хомӯшу хуфта ва хиёбонҳои тозаву равшанро пас гузошта, бо сафедии субҳ ба шоҳроҳи Варзоб ворид шудем. Табиист, ки ҳангоми аз чунин роҳи мисли оина ҳамвор гузаштан, аз бунёдкориву созандагии пуравҷ дар мамлакат суҳбат ба миён меояд. Ва мо низ бо ифтихор он андешаро иброз медорем, ки алҳол вирди забони пиру барно аст, яъне вусъати созандагӣ аз шарофати истиқлолу оромӣ ва сиёсати нарми давлатӣ дар саросари Тоҷикистон.

Воқеан, касе, ки солҳо аз ин роҳ нагузашта бошад, то нақби «Истиқлол» аз дидани созандагиҳо: бунёди нақбҳои хурду бузурги тармапарто дар ҳайрат меафтад. Ва ба ёд меорад, ки замони шӯравӣ барои сохтани як иншооти хурд, масалан, пули ларзонак низ аз вазорату ҳукумат то идораҳои дахлдори Маскав бо сад нома, даводаву илтимос иҷозату маблағе ба даст меомад ё мушкилоте даҳсолаҳо ҳал намешуд. Акнун соҳибихтиёрӣ шароит фароҳам овардааст, ки бо ҳисси масъулияту дилсӯзӣ барои рӯзгори осуда ва ҳаёти хушу гуворои фарзандон сарзаминамонро ба муроди дил ободу зебо созем. Чашми баду ҳасуд кӯр, алҳол бунёдкорӣ равнақ дорад…

Мошини Саидилҳом ончунон ҳамвор пеш меравад, ки ба қавли пирони хушсухан об дар шикаму гиребони пираҳан дар бадан намеҷунбад. Зимни фатҳи гарданаи Уштур хито-



https://bikhon.tj/

баи Юсуф Вафо ба забон меояд, зеро он ҳолати нохуби роҳҳои кӯҳистонро дар ибтидои асри бист ҷилвагар месозад.

*Э ағба, кунун шунав, ки мо ободем,*
*Он роҳи туро ба барфу борон додем.*
*Қад-қади Зарафшони чуқури шӯхоб,*
*Роҳи нави мошинаравак бикшодем.*

Ва суҳбати гарме оғоз ёфт аз шахсияту соҳибтабъ будани шоири мардумӣ Юсуфи Масчоҳӣ.

*Аз ағба фурумадаму нолиш кардам,*
*Сангои дари хоната болиш кардам,* – бо ваҷд ин сатрҳоро ба забон меорад Гулназар ва меафзояд:

– Билло, ки барои ба як шоир ҳайкал гузоштан ҳамин ду мисраъ бас аст:

*Аз ағба фурумадам ба рӯйи гулу хас,*
*Як бӯсаи додагит ҳафт пуштама бас.*

– Инаш ба муроди дили шумост, – мегӯям ба Гулназар. – Вақтҳои охир Шумо чунон шоири бӯсасаро шудаед, ки беҳисоб. Муҳаққиқони осоратон дар оянда бешубҳа ба Шумо унвони шоири бӯсаҳо медиҳанд.

– Ёфтед, – мегӯяд Гулназар қоҳ-қоҳзанон ва меафзояд. – Билло, ки мурдаро зинда мекунад бӯса…

Саидилҳом, табассуми нарм ба лаб, аз роҳ чашм наканда мошин ҳай мекунад. Ҳар лаҳза манзараи марғубу дилкаштаре моро ба оғӯш мегирад. Рӯзи офтобии фасли рангрезии табиат. Дарахтону буттазорони домони кӯҳсорон чун айёми баҳор қабои садранг доранд, вале алҳол ба ҷои ҷилваи гулҳо рангҳои хазон ҳусн менамоянду дар баробари обшорон



https://bikhon.tj/

шукӯҳи дараҳоро меафзоянд. Манзараҳои дилангези зодгоҳ, ҳавои хушу бӯйи гиёҳҳои ошнои диёр, дидани рӯди хурӯшони Зарафшон, балки ҳар пора сангу бунёди биноҳои нав дилу илҳоми Гулназарро ба ҷӯш меорад ва ӯ бо табъи болида шеър мехонад:

*Умрам гузарад, ҷамъу парешон гузарад,*
*Ҳамқисмати дарёи Зарафшон гузарад.*
*Азме ба Самарқанду Бухорош бувад,*
*К-аз пойгаҳи хоки азизон гузарад.*

* * *

*Дарё-дарё, ҳамқисмати мо дарё,*
*Сарчашмаи сад хаёлу савдо дарё.*
*Бо ин ҳама вусъату бузургии насаб*
*Дар олами худ ғарибу танҳо дарё.*

Хушекат бо хонаву боғҳои бо килки тирамоҳ рангзада аз соҳили Зарафшон то синаи кӯҳ зина ба зина рӯйи ҳам ҷойгирифтааш афсонавӣ метобад. Дарахтон бо забони рангини баргҳо ранҷуру хастаҳол роз мегӯянд. Ранги дарахти зардолу дар ин водӣ нисбат ба рангҳои барги дигар дарахтон афзалият дорад, зеро фалғариён ҳам мисли масчоҳиён аз қадим зардолупарварони моҳиранд. Меваи пуршаҳди зардолу сарчашмаи зиндагии мардум низ будааст ва матале аз рӯйи эътиқоду ихлоси ин мардум ба меваи ин дарахт маъруф аст: зардолу зард шуд, фалғарӣ мард шуд. Ба ростӣ Хушекату кулбаҳои дарахтпӯшаш пеши назар як қолии бузургу садранги ба домони кӯҳ густурдаро мемонад. Роҳи оинавор ҳамвор, лек печ дар печ аз дили дара моро ба фароз – назди ошхонаҳои саҳнашон обзадаву рӯфта бурд.

– Дар ин ҷо як пиёла чой нанӯшида гузаштан айб аст, – гуфт Гулназар.



https://bikhon.tj/

– Дер бирасем, ба хашми Ҳоҷӣ гирифтор мешавем, – шӯхиомез ӯро ҳушдор медиҳам.

– Як лаҳза нафас рост накарда, аз файзи ин ҳавову манзараҳо баҳраманд нашуда аз ин ҷо гузаштан гуноҳ аст, – ҷиддӣ мегӯяд Гулназар. – Билло, ки устод Қутбӣ мебуданд, ҳаргиз намегузоштанд, ки шумо аз ин ҷо хушк бигзаред.

– Гардани шайтон шиканаду сухани шоир не, – нарм мегӯяд Саидилҳом ва мошинро дар ҷойи мувофиқ нигоҳ дошта, боз меафзояд. – Аслан сухани мизбонро рад кардан гуноҳ аст…

Росташ, ки созандагиву ободкории мардум дар даврони Истиқлол касро шод мекунад. Дар ҷойи хушманзара сохтани биноҳои барҳавою хуштарҳи фароғат бо тамоми назокатҳояшон табъи дил аст. Пас аз дидани мамлакатҳои ободу пешрафта дар дил иқрор мекардем, ки ҳамин назокатҳои одӣ: ҷойи мувофиқи дастшӯйӣ, хонаи намозгузорӣ ва хӯрокхӯрӣ дар масири байни шаҳру вилоятҳои мо намерасид. Охир аз ин шоҳроҳҳо низ аз тамоми олам мусофирон мегузаранд.

Чанд ҷавон ба кашондани ангишту шикастани ҳезум машғуланд.

– Ин касро шинохтед? – пас аз салом кунҷковона пурсидам ман.

– Ҳозир, ҳозир, – аз саволи ногаҳонӣ як каме ноҳинҷор, ғур-ғур кард ҷавоне, сипас бо овози баланд гуфт. – Ҳа, шинохтам. Саҳар сурудаш ҳамаро аз хоб мехезонад-ку…

– Офарин, ёфтӣ. Тарсидам, ки амаки Гулназаратро меранҷонӣ.

– Э не… Ин касро ҳама мешиносад, – овозаш саршори ифтихор гуфт ҷавон ва афзуд. – Ҳамшаҳри моанд…

Аз даҳони нақби Шаҳристон боло роҳ чунон ноҳамвор аст, ки гумон мекунед чарххои мошин болои дандонҳои саг



https://bikhon.tj/

бо мушкилӣ тоб меҳӯранд. Ва ин ҳолат қадру арзиши роҳҳои навсохтро бештар равшан месозад. Зимни гузаштан аз ҷойҳои душвор, ки аз такондану бардорузан гӯё дилу ҷигар ба даҳон меояд, дуо ва орзу мекунем: кандани нақби Шаҳристон зудтар ба анҷом расаду мардум аз ранҷу азоб бираҳад.

Мӯъҷизаи асри 21 – телефони ҳамроҳ моро зуд ба дидори Раҷабмаҳмад ва Қурбон Тӯраев дар остонаи шаҳри ҳунармандону косибон ва ёдгориҳои таърихӣ – Истаравшан расонд.

– Фурсат танг аст, – пас аз вохӯрӣ ва ҳолпурсии гарму самимӣ гуфт Ҳоҷӣ ва бо шакарханд афзуд: – Фис-фис накарда ба роҳ мебароем. Рӯзҳои тирамоҳ кӯтоҳ, бо равшанӣ аз ағба гузаштан беҳтар…

– Албатта! Сарлашкар Шумову мо фармонбардор…

– Аввал мошинро дар ҳавлии Қурбонҷон гузорем, – гуфт Ҳоҷӣ ва ба ӯ рӯ овард: – Қурбонҷон, ман Шуморо нағз медонам… Дардатон занад, илтимос мекунам, гирди дастархон гиред-гиреду шинед-шинедро аз ҳад нагузаронед…

– Хуб, ҳама дар фармони Шумо, – бо шакарханд гуфт мизбон ва бо чеҳраи кушод хушҳолона пурсид: – Ба фикрам, иҷозат медиҳед, ки меҳмонҳо як пиёла чой бинӯшанд. Охир аз роҳи дур омадаанд…

– Маслиҳат дар роҳ, – амромез гуфт Ҳоҷӣ ва дари мошинро кушод. – Ин хел фис-фис бикунем, имрӯз аз ҳамин Истаравшан намебароем…

Чун ба мошин нишастем, Қурбон Тӯраев ҳикматеро ба Ҳоҷӣ гӯшрас кард:

– Мӯйсафедон таъкид мекарданд, ки ба сафар, ҳатто ба меҳмонӣ бо шиками сер рафтан беҳтар…

– Қурбонҷон, гапатон дурусту ман аз феъли инҳо бим дорам, – мақсадашро возеҳтар баён кард Ҳоҷӣ. – Метарсам, ки чой ба чизи дигар табдил меёбаду фис-фис сар мешавад… –



https://bikhon.tj/

ва боз қоҳ-қоҳзанон меафзояд: – Саидилҳом мисли худамон, лекин аз фис-фиси Гулназару Абдулҳамид дар ташвишам. Шумо маро фаҳмед-дия. Дар кӯҳистон бачаҳо моро интизоранд… Ҳарчӣ бошад, сари пой…

Сайру тамошои осорхонаи зери осмон, яъне шаҳри бостонии Истаравшанро ба вакти дигар мавқуф гузошта, бо амри Раҷабмаҳмад ба роҳ мебароем. Қурбон Тӯраев, ки солҳо вазифаи роҳбарии ин қаламравро ба ӯҳда доштанду раҳу пайраҳаҳои ин мавзеъро мисли панҷ ангушт медонанд, маслиҳат доданд, ки роҳро миёнабур карда, ба Овчиқалъача бароем. Ин минтақа барои ман билкул ношинос асту тамошояш дилкаш. На, боре то Басманда ба мулоқоти мардум рафта будам, ки он сӯйи дара ҷой дорад. Роҳ аз байни деҳот, боғу киштзорон гузашта, моро ба оғӯши кӯҳсорон мебурд. Дар ҳама ҷо дар ин рӯзи нарми поиз хурду бузург мӯрчасон ба кор часпида, ҳосили ғалла, боғот ва картошказоронро меғундоштанд.

Мошин ба дараҳои танг, ки ба тасвири афсонавии Дараи ниҳон дар романи «Дохунда»-и устод Айнӣ шабеҳанд, ворид шуд. Ва арчазорони ҳамешасабзу шукӯҳманд – роздорони домони кӯҳсорон – шоҳидони ҳазоронсолаи ин роҳи печ дар печи регу хокпӯш ва обшорони ширмонанд моро пешвоз гирифтанд. Аслан ин роҳакест, ки ба қавли Юсуф Вафо кайҳо онро «ба барфу борон» дода буданд. Аммо дар ин рӯзҳо, ки «роҳи мошинраваки қад-қади Зарафшони чуқур» бар асари фаромадани ярч аз фаъолият бозмондааст, боз ин ҷодаи қадима барои рафту омади мардум лозим шуд.

– Хайрият, ки роҳро нигоҳ доштаанд, – мегӯяд Қурбон Тӯраев. - Агар ин роҳ намебуд, мардум ба чӣ аҳволе меафтоданд?

Хуб аст, ки ҳар сол охири фасли баҳор ин роҳро аз сангу рег, ки борону тарма мефарорад, тоза ва ҳамвор мекунанд.



https://bikhon.tj/

Равуои нақлиёт кам аст. Ҳар қадар ба фароз мебароем, кӯҳсорон бе дарахт, бутта ву гиёҳ ва урён мешаванд. Ва шӯълаҳои камранги хуршед рӯйи сангпораҳои хуфта тарзе ҷило медиҳанд, ки мепиндорӣ болояшон яхпӯш аст. Ба истиснои гардишҳои танг барои ҳаракати мошин мушкилоте пеш намеояд. Ронандаи зираку пуртаҷриба Сафарбек, ки ин роҳро хуб медонад, моро дилпур мекунад, ки ҳамааш хубу бехатар аст. Аз ҳарду ҷониб то фарози қулла мошин бояд 35 километр боло барояд. Дар сари ағба нарасидани ҳаво на танҳо барои инсон, балки ба мошин ҳам душворӣ пеш меорад; гӯши одам қулф мезанаду набзу тапиши дил номураттаб мешавад, нафаскашии онҳое, ки солхӯрдаанду фишори хун азияташон медиҳад, вазнин мешавад. Дар фазои беҳудуд ягон-ягон калоғҳои сахтҷон нолон-нолон бол меафшонанд. Мошин низ ларзидаву такон хӯрда, фиғонкашон пеш мехазад. Мо як каме нороҳату гирифтори таҳлука, ба зери забон дору мегузорем. Ҷон ширину эҳтиёт ними ҳаёт аст охир…

– Ана як тарафаш ба охир расид! – мужда мерасонад шофир ва нафаси осуда мекашад.

– Як дам ин ҷо истед, бародар, – мегӯем ба шофир. – Мошинат дам гираду мо атрофро як назар тамошо бикунем. Поямон ба қадамгоҳи Юсуф Вафо расад, беҳтар.

Ва ба поин, ба вартаҳои бетаг нигаристан даҳшате дорад: сар мечархаду пеши чашм торик мешавад. Воқиан сари қуллаҳо ба синаи осмон фурӯ рафтаанд.

– Фаромаданаш ҳам осон нест, – шофирро ҳушдор медиҳад Раҷабмаҳмад, ки аҳволаш аз нарасидани ҳаво нохуб аст. Охир ӯ диққи нафас дорад. – Эҳтиёт кунед, додар, роҳ танг аст. Кошкӣ мошинҳои аз пеш омада халал нарасонанд.

Воқеан роҳи борик дар миёни кӯҳсорони бегиёҳу саросар санг ва дар коми вартаҳои бетагу ваҳмангез шабеҳи як



https://bikhon.tj/

риштаи сафедтоби пурпеч то чашмрас сарозер афтодааст. Ҳар қадар ба поин нигарӣ, биму даҳшат ба дил панҷа мезанад. Ҳамагон аз Худованд ба шофир сафари нек таманно кардем. Охир дар ин роҳ ҳар як ронанда ҷони худ ва ҳамраҳонро дар кафи даст дошта мефароянд. Мошин сарнишеб рафту мо муҳри хомӯшӣ ба лаб, ба роҳ чашм дӯхтем. Пас аз тай кардани сесад-чорсад метр роҳ дар хамгашти ниҳоят танги «дарвозаи сангӣ» баногоҳ мошине аз поин сар ба сар омад. Мошинҳо дар ҷояшон, ба қавле чормех истоданд. Ҳолати нобоб. Чӣ бояд кард? Мебоист як ронанда ба дигаре аз рӯйи қоида роҳ кушояд. Инро шофири мошини мо мебоист ба ҳисоб мегирифт, аммо мошини муқобил чашмнорасу нопадид буд. Ҳоҷӣ шофири мошини муқобилро, ки хеле ҷавон буд, худ ба худ маломат кард, ки аз боло хамбидани мошини моро дида дар ягон ҷойи васеъ наистод.

– Кӯҳистон қоидаҳои худро дорад, – бо хашм мегуфт Ҳоҷӣ. – Ин ҷавон дидаву дониста ин ҳолати ногуворро сохт…

Мо фуромада бо нигоҳ ҷойи кушодтаре меҷӯйем. Шеъри «Ду масчоҳӣ дар овринг»-и устод Лоиқ ба ёд омад. Азобу даҳшати роҳ барои кӯҳистонии ҷонсахт дар ҳама давру замон боқӣ мондааст. Чанд метр поин бари роҳ, ҷониби ҷари бетаг ҷойи паҳнтареро интихоб мекунем ва ба шофир маслиҳат медиҳем, ки мошинро ба он ҷо барад. Фаҳмишу биниш ва таҷрибаву маҳорати шофир, ки борҳо аз ин роҳ гузаштааст, нисбат ба бинишу фаҳмиши мо садчанд аст. Хавфу хатари ин кӯшишро, ки қиммати ҷон дорад, Сафарбек беҳтар медонад. Ӯ оҳиста-оҳиста мошинро тарафи дасти чап ба коми ҷарӣ ба ҳаракат медарораду мо нафас ба дарун, дил дар чанголи ҳаросу ҳаяҷон аз чархҳои ҷониби ватаи мошин чашм наканда, ба ӯ бо имову ишора гап мезанем.

– Бас, бас! – фарёд мезананд Қурбон Тӯраев.



https://bikhon.tj/

Мошини муқобил бошаст ба боло меҷаҳад.

– Ба қафо! Ба қафо, Сафарбеки ҷун! – бо даст ишоракунон дод мезанад Раҷабмаҳмад, ки чеҳрааш аз изтиробу ҳаяҷон арғувонӣ метобад.

Чун мошин аз ҳолати нобоб раҳида, ба роҳ рост шуд, Қурбон Тӯраев аз ман пурсиданд:

– Шумо дидед, ки чархи пеши мошин чи хел дар ҳаво муаллақ монд?

– Бале, Худо нигоҳ дошт… Хайрият, ки шофир надид. Ба воҳима меафтод… – сандуқи дилашро молишдиҳон ғур-ғур кард Гулназар.

– Гузашт. Дигар фикрашро аз сар партоед, – бо овози нарм моро таскин бахшид Саидилҳом ва ҳамин, ки мошин аз ҷояш ҷунбид, шеъри Юсуф Вафоро ба ёд овард:

*Эй ағбаи Оббурдан, балои ҷунам,*
*Шаш моҳ шудай ҷудо зи хуну мунам.*
*Болои сарам тармаву поин ҷешил[1],*
*Билло ба Худо, аҷал мудом дар юнам[2].*

– Шофирбача-ку бефаросат, падараш чӣ? – боз хашмашро ба забон овард Раҷабмаҳмад. – Мебод ғами ҷони дигаронро ҳам хӯранд. Пирон мегуфтанд, ки «ба тири сӯзону ағбаи кӯҳистон бозӣ накун».

– Шукр, ки нек анҷом ёфт, – гуфтанд Қурбон Тӯраев. – Ин роҳ пеш пиёдаравак будааст. Бо аспу хар ба ин ағба баромадану фуромаданро тасаввур кунед. Азоби алим, ҷаҳаннам…

– Раҳматии Холмаҳмадро дар ёд доред? – мепурсад Ҳоҷӣ ва меафзояд: – Инсони бузург, ҷавонмарди беҳамто буд. Аслан ин роҳро ана ҳамон кас бо чӣ қадар талошу ҷон-

[1] Ҷешил – варта, ҷар.
[2] Юнам – паҳлӯям.



https://bikhon.tj/

коҳонӣ бо мадади дӯстони лоиҳакашаш сохту мошингузар кард, мардуми кӯҳистона аз бунбаст, аз азият раҳонд, баъд рафтуомад ба Истаравшану Хуҷанд зиёд шуд…

– Рост, ҳеҷ кас мисли Холмаҳмад ба мардуми кӯҳистони Масчоҳ хидмати воқеӣ накардааст, – андешаманд мегӯянд Қурбон Тӯраев. – Ҷавонмарди ҳалолу якрӯ буд. Дар бунёди тамоми роҳу пулҳо, мактабу бунгоҳҳои тиббӣ, каналу иншоотҳои хоҷагӣ аз поён то саргаҳи Масчоҳ хидмати Холмаҳмад беҳисоб аст. Холмаҳмад фақат барои мардум сохт. Хурду калони Масчоҳ инро бояд донад.

– Ба ивази ҷонкоҳониву корҳои хубаш Холмаҳмад[1] беэҳтиромиҳои зиёд ҳам дид, – як каме озурдахотир мегӯяд Раҷабмаҳмад. – Иғвогарҳову бахилҳои ноҷавонмард, як-ду беимон, ки дар умрашон барои ҷамъият ягон кори нек накардаанд, аз болояш хеле зиёд бӯҳтон навиштанд. Тафтиш пайи тафтиш, муҳокима болои муҳокима. Як инсони пок, баномусу накӯкор шабу рӯз дар талоши ободии диёр бошаду ду-се игвогари сиёҳкор оромаш нагузоранд, алам намекунад? Охир ба сактаи дил гирифтор карданд Холмаҳмадро. Бубинед, имрӯз фарзандону набераҳои ҳамон бӯҳтонгарони беимон низ аз пулу роҳҳои сохтаи Холмаҳад истифода мебаранд.

– Ман як пешниҳод дорам, – ба мо нигариста мегӯянд Қурбон Тӯраев. – Аз рӯйи инсофу адолат мебуд, агар масчоҳиҳо дар ягон ҷойи муносибу хушманзараи ин роҳ ҳайкали Холмаҳмадро гузоранд. Ин ба дигарон ибрат ҳам мешуд…

– Э дар номатон садқа! Пешниҳоди беҳтарин, – ҳаяҷономез мегӯяд Ҳоҷӣ. – Ман ҳам кайҳо дар ин бора фикр мекардам…

---

[1] Холмаҳмад Сангинов роҳбари вақти иттиҳодияи гусфандпарварии Масчоҳ, номзади илми иқтисод, ки соли 1984 дар синни 50-солагӣ дунёро падруд гуфт.



https://bikhon.tj/

Гӯё шутур ағбаи пурпечутоби каҷмокаҷаки Оббурдонро баромадаву фаромада аз дарду азоб ба ҷон расида, ба ҳарду тарафаш лаънат хондааст. Алҳол шофир азият мекашаду мошин. Ноҳамвории роҳ як бало, гардишҳои тангу вартаҳои маргбор сад офати дигаранд. Чӣ чора, ки ба қавли Бедил «турфа кӯҳсор аст ин». Лекин ёрони хушлаҳҷа ва суханвари мо ҳарчанд аз роҳи ваҳмангез чашм намекананд, илоҷи кӯтоҳ кардани роҳро меёбанд: аз рӯзгор ва кору пайкори аҷиби шахсиятҳои маъруф, ёру ошно, мардуми хушзарофати Масчоҳ шама-шама ёд ё шоҳбайтеро замзама мекунанд. Дар чунин маврид якбора овози марғуладори Раҷабмаҳмад бо сурудае аз Туғрал танинандоз мешавад.

*Ғами ту то нафас боқист, бо ман ҳар нафас бодо,*
*Ба ҷуз рӯйи гулат дигар ба чашмам хору хас бодо.*

Ба водӣ, ба деҳаи Оббурдон, ки дар оғӯши ҳазорранги поиз ва партави нурҳои хуршеди ба ғуруб моил шабеҳи қолии афсонавии густурда метобад, лаҳза ба лаҳза наздик мешавем. Раҷабмаҳмад аз ҳусну шукӯҳи диёр ва расидан ба шоҳроҳи «қад-қади Зарафшон» шоду болидарӯҳ ба тарзи худ «Шашмақом» мехонад.

*Дар ин гулшан тасаллӣ дод вазъи сарву шамшодам,*
*Ки як мисраъ баландовоза дорад табъи мавзунро.*

Мо сурудаи Ҳоҷиро меситоем ва бо суханҳои нешдор таъкид мекунем, ки ба қавли дӯсти шоираш Ҳақназар Ғоиб «агар дар саҳнаи ҳунар пеши роҳи ӯро устодон Ҷӯрабек Мурордов, Зафар Нозимов ва Одина Ҳошим намегирифтанд», гули сари сабад мешуд. Ҳоҷӣ бо табассум ва оҳу уҳи гулӯтозакунӣ ва фарёду нолаи талхтар ба пичинги мо посух медиҳад:



https://bikhon.tj/

*Гар ғуссаи рӯзгор гӯям,*
*Бас қиссаи бешумор гӯям.*
*Як умри ҳазорсол бояд,*
*То ман яке аз ҳазор гӯям.*

Гулназар сари овози ӯро мегирад:

*Даҳр лабрези мукофот аст, аммо ку тамиз?*
*Кам касе ин ҷо ба ҳоли худ тараҳҳум мекунад.*

Дар ин асно занги телефони ҳамроҳ Ҳоҷиро аз сурудан боз медорад. Ӯ пас аз посух ба саволҳои мусоҳиб ба Саидилҳом рӯ меорад:

– Ба кадомашон ваъда диҳем? Хоҳишмандон зиёд.

– Ба ҳеҷ кас. Раҳрост меравем Пастиғав, – ҷиддӣ мегӯяд Саидилҳом. – Он ҷо моро интизоранд, хаймаро дар хонаи аком мезанем. Ман ба мӯйсафед ваъда дода будам.

– Онҳо хафа намешаванд? – андешаманд мепурсад Раҷабмаҳмад. – Шумо медонед-ку, масчоҳиҳо бисёр нозуканд, нописандӣ меҳисобанд.

– Марди Худо, дар бозгашт зиёраташун бикунем, об ба лаби ҷӯй баробар мешавад, – ӯро дилпур мекунад Саидилҳом.

Кӯҳистони Масчоҳ аз оғози марзаш то саргаҳ, ки ба бунбаст ва пиряху сарчашмаи рӯди Зарафшон мебарад, як шоҳроҳ дорад. Ин шоҳроҳ аз дил ё шафати тамоми деҳоти ба таъбири мардум офтобрӯ мегузараду мисли меҳвар ҳамаро ба якдигар мепайвандад. Ана ҳамин шоҳроҳ як омили асосии меҳру ошноии кӯҳистониён аст. Ба шарофати рафтуомади пайваста дар чор фасли сол хурду бузурги ин диёр мисли тору пуд ба ҳам васл шуда, якдигарро хеле хуб мешиносанд ва эҳтиром мекунанд. Ва ин ҳам ҷолиб аст, ки дар



https://bikhon.tj/

Масчоҳ ҳар деҳ ва сокинонаш бо хулқу атвор ва фарҳанги муошираташ ҷову мақоме дорад. Вале Пастиғав, ба андешаи ман, баландовозатарин деҳаи Масчоҳ ҳисоб мееёбад. Албатта шӯҳрати Пастиғаву Кӯҳистони Масчоҳ низ бо ном ва осори шоири дар хуштабъӣ камназири мардумӣ Юсуф Вафо марбут мебошад. Вай аслан хату савод надоштааст, лекин бадоҳатан равон, хубу дилнишин шеър гуфта, дар радифи беҳтарин шоирони хушзавқу ҳозирҷавоби мардумӣ мақом ёфтааст:

*Рӯят гула мемона, танат моҳира,*
*Раҳгаштанакот кабки саҳаргоҳира*
*Ҳар гаҳ, ки ту пӯшӣ куртаи шоҳира,*
*Девона кунӣ Юсуфи масчоҳира.*

Худованд ба Юсуф ҳунари волои суханварӣ бахшидаасту сарват не. Аммо вай дар ҳама ҳолат ғурур ва гарданфарозии инсони суханварро гиромӣ дошта, бо ҷигари доғ ишқро месуруду бо ифтихор ҷавонмардиро тараннум менамуд ва бо хашму нафрат пастиву разолатро мазаммат мекард, дӯстиву рафоқати ҳамдиёронро бо шодиву нишот меситоид. Мунозираҳое саршор аз гила ва дарду алам бо афлок аз шоир ба ёдгор монда.

*Халлоқи ҷаҳон, аҷаб ту қудрат дорӣ:*
*Бандат ҳама дар хобу худат бедорӣ.*
*Ризқи мана пошидӣ ба рӯйи олам,*
*Дар гаштану чиданам тамошо дорӣ.*

Бо намаку шираи суҳбат аз шахсият ва ашъори Юсуф Вафои шӯридадил аз байни деҳоту шафати обшорон гузашта, ба Пастиғав расидем. Шофир бо ишораи Саидилҳом мошинро байни деҳа ба дасти рост гардонда, аз роҳи пурпеч



https://bikhon.tj/

сарнишеб рафт; чанд кулбаву боғу дарахтонро пушти сар гузошта ба дарвозаи бозе ворид шуд. Пирамарде нуронӣ, нармнигоҳ, риши батартибаш ба чеҳраи ӯ зебанда, фарзандонаш омодаи хидмату ба ҷо овардани одоби салом, моро истиқбол гирифтанд.

– Ин кас Мирзомаҳмад – бародари ман, – ҳангоми вохӯрӣ гуфт Саидилҳом ва Қурбон Тӯраеву Гулназар ва бандаву Ҳоҷиро ба эшон шиносонд. Ва лаҳзаи ҳаяҷонбахши дидори пайвандонро бо Саидилҳом, ки солҳо боз ба Кӯҳистон наомадааст, метавон тасаввур кард. Ба ростӣ аз бардорузани мошин дар роҳи дароз хастаҷонем, гӯшҳо низ қуфл задаву ғуввос доранд. Дил мехоҳад, ки ҷое оромакак биёзиву бихобӣ, дигар ҳеҷ. Вале ҳавлии тозаву озода, ҳавои муаттар, як назар афкандан ба шохсорони аз бори меваҳои расидаву рахшон сар ба суҷуд, зироатҳои сабзу хушамали бо ҳам печида, худнамоии гулҳои рангоранг мисли соҳире тамоми азияту шалпарии роҳ, афсурдагии рӯҳу ланҷии баданро аз мо мерабоянд. Дил мегӯяд: ин лаҳзаи нотакрор ғанимат, чашм дорӣ, аз тамошои ин олами зебо, рангу ҷамоли меваҳои биҳиштии дарахтони кӯҳистон баҳра бардор. Мо аз кӯлворҳоямон дастрӯмол гирифта, аз пайраҳаи борикаки марзи зироатҳо ҷониби новадони кунҷи боғ роҳ пеш мегиреву бо ин баҳона қомат рост мекунем. Зимнан обшорони зулолу нуқрафоми кӯҳистони Масчоҳ мӯъҷизаҳои беҳамтои табиатанд, ки сарсабзии боғу киштзорон аз баракати онҳост. Гулназар оҳу воҳкунон бо майлу ҳавсала ба сару гардан каф-каф оби сардакак пошида, ҳаваси моро меангезад. «Акнун одам шудем!» хитоб мекунад ӯ. Мо низ пайи ҳам барои «одам шудан» ба вай пайравӣ мекунем. «Кам не, хеле ба худ меоем. Мағзи аз фишори баланд гиҷу гӯшҳои ғуввосӣ бо шарофати оби ҷонбахши сардакак ва ҳавои тоза оҳиста-оҳиста мӯътадил, биниш ва нури чашмон беҳтар мешавад. Ҳангоми бозгашт аз шустушу мебинем, ки ду бари пайроҳа,



https://bikhon.tj/

байни ҷӯяк ва бехи гулбуттаҳо ва ҳатто атрофи гӯсолаҳои аз серӣ бепарво нушхоркунон хобида, аз себҳои сурхосафеди рехта нақшин аст. Ин меваҳои пухтаро ҳангоми вазиши бод дарахти бузургу куҳансоли себи бобоӣ ба атроф пош дода. Аз байни ҷӯяке се-чор дона себи лоларангро гирифта, дар обрез мешӯям ва якеро мегазам.

– Ҳай-ҳай, шираву маза ва бӯйи хушро бинед. Нӯши ҷони гӯсолаҳои себхӯре! Дар биҳишт мезиянд, – мегӯям бо овози шунаво.

Ситоиши ман дӯстонро ба чидани себҳои рехтаву чашидани меваҳо ҳавасманд мекунад. Сипас онҳо аз ман бештар ба ситоишу афзалияти меваҳои дарахтони бобоӣ мепардозанд. Ин ҳеҷ гап не. Ҳангоми аз пиллаҳо ба ҳуҷраи баландак баромадан мӯъҷизаи дигар ба чашм бархӯрд. Меваҳои пухтаву аз сафедӣ ба зардӣ моил дар шохаҳои дарахти тути пири бари пиллаҳо дар нури чароғ чашмак зада «маро ҳам бинед» мегӯянд. Магар дар ин ҳолат нафси роҳзан оромат мегузорад? Дар нимаи моҳи сентябр тути тар дар шохи дарахт худнамоӣ дорад. Даст меёзонем ва чанд дона тути мастак чида ба даҳон мепартоем.  Ҳмм, шираи тути мастак гулӯро сӯзонда-сӯзонда поин меравад. Онтарафтар дар ҷойи дастрас, як шохаи пурмеваи дарахти олуболу аз ҷумбуҷӯли мо «чашм наканда», гӯё мегӯяд: «эй шаҳриҳои дар ҳасрати мева, маро ҳам чашед, пас аз хӯрдани тути мастак шираи туршаки ман газаки хуб аст, рӯйи дил рӯшан мекунад».

– Дар нозу неъматҳоят ҷонам, Худованде!

Ва хитобаи машҳури Ҳабибулло Файзулло ба ёд омад, ки дар чунин мавридҳо такрори батакрор мегуфт: «Хоката булапум, кӯҳистон!»

Бародари профессор Саидилҳом – амаки Мирзомаҳмад чун муҳандиси сохтмон дар ин қаламрав машҳур буда, дар бунёди иншоотҳои зиёд саҳм дорад. Вай баъди адои намози шом бо Қурбон Тӯраев – роҳбари аввали қариб бисту панҷ



https://bikhon.tj/

сол пешинаи ноҳияи Масчоҳи наву кӯҳистон суҳбати гарму самимие оғозиданд. Ҳарду ҳам нафақахӯранд, ҳарду низ аз кору зиндагии сипаришуда хотираҳои фаровон доранд. Хотираҳое, ки бештар ба бунёдкорӣ марбутанд ва ба ёд овардаНашон дилро фараҳ мебахшад. Дӯстонро ба ёд меоранду хӯву хислати аҷибашонро, талошу ҷонкоҳониро барои сохтани пул, мактаб, бунгоҳи тиббӣ ё обшору киштбоб кардани заминҳои асрҳо бекорхобида.

Кӯҳистони Масчоҳ, баъди иҷборан кӯчондани мардум, чандин сол холиву бесоҳиб монд. Деҳот ва боғу роғаш ба чарогоҳи подаву рама ва сайргоҳи дарандагон табдил ёфт. Вале он вақт низ замину оби ин қаламрав ҳамеша дар ихтиёри Масчоҳи нав буд. Ва масчоҳиёни чорвопарвар фасли гармо моли ҷамъиятро ба ин «чарогоҳ» меоварданду бо дарду ҳасрат мазору манзили гузаштагон, боғу чашмасорони зодгоҳро зиёрат ва нигоҳубин мекарданд. Чун фасли сармо наздик мешуду нафаси сардӣ мерасид, боз ноилоҷ ба водӣ, ба Масчоҳи нав ва ё Дилварзин кӯч мебастанд. Амаки Мирзомаҳмад низ аз рӯйи касб гоҳе ба диёри вайроншудаву ба чарогоҳ табдилёфта меомад, деҳаҳои матрук, даргоҳи харобу валангори падару боғҳои тороҷгардидаро медид ва дар хомӯшии шабҳо дар ин макон ба ҷои хандаву суруди инсон нолаи дилхароши ҷуғзро шунида, албатта оҳи ҷигарсӯзаш ба фалак мепечид. Дар ин лаҳза беихтиёр шевани талхи пиразани ҳамсоя вақти кӯч бастан ба Дилварзин дар гӯшаш садо медод: «Дилварзин равем, Тошканд ду мил мемунад, халқо бикӯчанд, Масчоҳ сабил мемунад». Хонаву дари вайрона, боғзорони хушкида, дарахтони пиру пажмурда дар назари ӯ бо чашми чор интизори соҳибонашон буданд. Ва шояд замину об ва мавҷудоти кӯҳистон шабу рӯз аз Худованд илтиҷо мекарданд, ки соҳибонашонро дубора баргардонад. Ва замона дигар шуду Ҳукумат иҷозат ва дастури камубеш ба диёри аҷдодӣ баргаштани мардумро дод. Пеш



https://bikhon.tj/

аз ҳама пирони масчоҳӣ, – зану мард, ки хуни нофашон дар ин замин чакидааст, ин мужда, ин омади бахтро бо шодиву шукргузории беҳад пазируфтанд. Ба пиндори мардум ин қарори дурандешона на танҳо кӯҳистони иҷборан вайроншудаи ҷумҳуриро бо ҳама мавҷудоту дороияш аз нестӣ раҳонд, балки омили дубора ободу сарсабз гардидани деҳоти биҳиштосо ва шодии рӯҳи озурдаи гузаштагон ҳам шуд. Охир гӯристонҳо ҳам агар соҳиб дошта бошанд, ободу бобақо мемонанд.

Мирзомаҳмад ба зодгоҳ баргашт. Дӯстонаш – роҳбарони онвақтаи кӯҳистон ба ӯ пешниҳод карданд, ки дар як ҷойи кушоду дилхоҳи Пастиғав замин гираду хонаи замонавӣ созад. Охир худаш муҳандис аст, чашми хуби меъморӣ ҳам дорад, масолеҳро мешиносаду басифат интихоб мекунад. Пешниҳоди нағз, аммо меҳри кулбаҳои нимвайрона, лекин ҳанӯз побарҷо, боғу роғи интизори соҳибаш, ҳатто ҷангалаки шафати ҳота – «Гурбахона», ки то лаби рӯди Зарафшон мерасаду шабҳои тобистон дар Дилварзини гарму пурхомӯшак ба хобаш медаромаданд ва гоҳу ногоҳ дар хобу бедорӣ бо дарду ҳасрат ин сатрҳоро зери лаб ё дар дил замзама ҳам мекард: «Дилварзина шаб пашшаву рӯз офтобаш, Масчоба мурам ба шарфаҳои обаш» ӯро ба пазируфтани ин пешниҳод иҷозат надоданд. Ӯ айб шумурд, ки хонаву боғи бобоиро назарногирона як сӯ гузораду ҷойи дигар иморат созад. Масчоҳиҳо ба ин рафтораш чӣ баҳо медиҳанд? Аслан мардуми кӯҳистон хуни гарму ғурур ва парҳез аз таъну маломатро аз гузаштагони гарданфарозашон ба мерос гирифтаанд. Онҳо номусу ориятро аз ҳама чиз афзалтар мешуморанд, ба қавле зери бор мемуранду ору бадномиро бар дӯш намегиранд. Мирзомаҳмад бе ягон дудилагӣ ба обод кардани даргоҳи падар камар баст. Тармиму таъмири хонаҳои бобоиро осон, оҳиставу бафурсат ба итмом мерасонад. Вале ҳуҷраи навро дар кадом гӯшаи ҳавлӣ бунёд би-



https://bikhon.tj/

кунад? Дар кӯҳистони Масчоҳ, чун дар саросари водии Зарафшону вилояти Бадахшон, ҳар як ваҷаб замин мисли зар қимату арзиш дорад. Ӯ дар ин хусус хеле андешид. Чанд қадам поин сарҳади ҳавливу ҷариро хоросанги азиму устуворе ҷудо мекунад. Агар сари ин хоросангро шикаставу ҳамвор карда метавонист, болои он як не, ду ҳуҷра сохтан мумкин буд. Дар кӯҳистон солҳои пеш, ки одамон ғайри зубину путк ва қувваи бозу чизе надоштанд, амалӣ кардани ин нақша аз иқтидори инсон берун буд ва содалавҳӣ менамуд. Алҳол воситаҳои гуногуни техникӣ зиёданд, ки ба ёрии онҳо камари кӯҳро мешикофанд, роҳу нақб месозанд. Ин андешаро Мирзомаҳмад ба дӯстони ҳамкасб муҳокима кард.

– Шикастани як хоросанг осон аст, – гуфтанд онҳо. – Моддаҳои тарканда меёбӣ. Бо Холмаҳмад роҳи ағбаи Оббурдонро ба воситаи моддаҳои тарканда сохтем-ку. Шахро ба ҳамон дастур мешиканем…

Кор оғоз ёфт. Лекин санг ҳам якбора сар нафуровард. Кандани ҷойҳои дорухобонӣ дар ҷигари хоросанг осон набуд. Оҳиста-оҳиста бо мушкилиҳо ҷуқурӣ кофтанду дору хобонданд, пайи ҳам таркиш ба вуҷуд оварданд. Ниҳоят болои хоросанги нӯгтезу азим шакли суфаи хамвору барҳавоеро гирифт, ки аз сатҳи ҳавлӣ ду-се метр баландӣ дошт. Сангҳои шикаста низ масолеҳи хуби бинокорӣ буданд. Ва Мирзомаҳмад рӯйи ин суфаи хоросанг ду ҳуҷраи байнашон даҳлездор сохт. Мо шомгоҳ туту олуболучинон ва шираву ранги онҳоро ситоишкунон аз пилаҳо ба меҳмонсарои барқади болои хоросанг даромада, кунҷковона аз тиреза ба берун чашм медавонем: эҳе, нигоҳ сар-сари шохаҳои дарахтони ҷангалак то соҳили рӯди пуртуғёни Зарафшон ба вартаи ваҳмангез сарозер рафт. Дилҳомон аз бим ҳаво гирифт ва саросема чашм пӯшида, худро ба қафо кашидем. Аммо ин манзара барои хурду бузурги ин хонадон ва мардуми Пастиғав азиз асту табиӣ.



https://bikhon.tj/

Шаб то дергоҳ суҳбати ёрон аз рӯзгори гузаштаву аҷоиботи кӯҳистон шира мебаст. Ва суруди талху пуршеван ва нолаҳои якнавохти Зарафшони шӯху сармаст моро ба хобидан ҳидоят мекард.

* * *

Субҳ аз хоб бо шарофати ҳавои тоза сабуку болидарӯҳ бедор шудем. Дар кӯҳистон се-чор соат бароҳат хобидан баробари 7-8 соат хобидани шаҳр аст, мегуфтем. Таваккалҷон – писари дӯсти Мирзомаҳмад, ки шаб зикри ҷавонмардиву меҳмоннавозии падараш Бобоҷони Муллоҷон ҳусни суҳбат буд, моро ба ношито даъват кард. Шаб пофишории мизбон ба кор нарафт, вай хоҳишашро гузаронд. Аслан пазироии меҳмонону хешон дар саросари кӯҳистон бо ҳар шеваю усул фарҳангу анъанаи дерин аст; шаб бо косае саршир ё ҷурғот, нону фатири гарм ё табақе пурмева, лаб пури ханда, забон хазинаи ҳазлу шӯхӣ пай дар пай хонаи меҳмондор меомаданд ҳамсояҳо ва дар як лаҳза дастархон пурнеъмату рангин мешуд. Ва албатта онҳо пас аз анҷоми нишасту суҳбат меҳмононро, ба қавле аз мизбонон металбиданд ва иззату эҳтиромашонро ба ҷо меоварданд. Ман солҳои бачагиям ба ин расму таомул ошно будам. Ва акнун мебинам, ки одати бобоӣ, ки саршори меҳру отифаи инсонист, дар кӯҳистони Масчоҳ ҳанӯз ба асли қадима идома дорад. Воқеан шиори гузаштагони ин диёр ҳамеша ҷавонмардиву саховат будааст. Ин хислату васияти ниёкон аз насл ба насл чун ҳадафи зиндагӣ ҳифз карда мешавад. Шояд илҳоми устод Қутбӣ Киром аз мушоҳида ва дидани ҷавонмардии мардуми кӯҳистон ба ҷӯш омада, бо ифтихор хитоб карда:

*Нон дорӣ, ном дорӣ – ин шиори тоҷикон,*
*Медиҳад акси садо аз қаър-қаъри асрҳо.*



https://bikhon.tj/

Мо пиёда ба манзили Furбоҷон рафтанро авлотар донистем: аз ҳавои нарму хуши Пастиғав нафас кашидан ҳам ғанимат. Дишаб аз ин роҳаки пурпечу хам мошинсавор гузашта, бисёр чизҳоро надида будаем. Ва акнун аз шафати шиғу зери дарахтони пири зардолу, тут, чормағзу гелос суҳбаткунон қадам зада, айёми наврасиву деҳаи худро ба ёд оварда, ҳаловат мебарам. Амаки Мирзомаҳмад ба Қурбон Тӯраев шарҳ медод, ки соҳиби ин кулба ва боғ ҳанӯз дар водӣ мезияд, дигараш ду сол пеш ба сохтани хонаи нав шурӯъ карда.

– Хонаву боғ, – овози нарми Мирзомаҳмад ба гӯш мерасад, – ҳар рӯз нигоҳубину ғамхории одамро мехоҳад. Агар соҳибонашон мебуданд, ин боғу ҳавлиҳо ҳусни дигар мегирифтанд…

Аз паҳлӯи мазори қадимаи бари роҳ, ки саросар сангистону регзор аст ва буттаҳои испанду шутурхор, янтоқу вағнич ва гиёҳҳои хазонрасида ҷо-ҷояш ба чашм мерасад, бо фотиҳае ба ёди аҳли қабристон мегузарем. Дар ҳама ҷойи кӯҳистон хоку замин баробари зар арзиш дорад. Аз ин хотир пирони дурандеш мавзеъҳои санглоху барои кишту кор нобобро мазор интихоб кардаанд. Чун ба шоҳроҳ мерасем, манзараи тамоман дигар пеши назар ҷилвагар мешавад: ду тарафи роҳ ҷӯйи пуроб ва сафи дарахтони сафедору себ, олучаву зардолу. Пеши дарвозаҳо аз рӯйи таомули қадима обзадаву рӯфта, тозаву озода. Чи хел нағз. Дил, ба қавле, боғ-боғ мекушояд. Одамони гуногунсол расми салом ба ҷо оварда, ба назарам бештар ба Қурбон Тӯраев ва Раҷабмаҳмади босалобат таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд. Ана он дарвозаи овозадор, даргоҳи он марди саховатманди зиндаёд Бобоҷони Муллоҷон, ки сифаташро борҳо аз дӯсти адибу донишмандам Мирзо Шакурзода шунида будам. Ба катибаи болои дарвоза чашм медавонаму ин сатрҳоро мехонам:



https://bikhon.tj/

*Бародари раҳгузар,*
*Насиба гир, баъд гузар.*
*Пушаймонӣ хуб нест,*
*Ният ҳамин буд аз азал.*

«Рӯҳат шоду ҷоят ҷаннат бод, эй марди наҷибу ҳотампеша!» – мегӯям дар дил ва ёдам омад, ки солҳои ҷавонӣ вақте асари машҳури «Доғистони ман»-и Расул Ғамзатов ба тоҷикӣ нашр шуд, чор мисраи оғози китоб, яъне катибаи дарвоза ҳамаро ба ваҷд овард:

*Эй мусофир, бигзарӣ гар аз дарам беилтифот,*
*Барфу борон, барфу борон бар сарат!*
*Меҳмоно, гар зи даргоҳам нагардӣ бонишот,*
*Барфу борон, барфу борон бар сарам!*

Албатта ин сатрҳои шоири шаҳир аз ҷиҳати равонӣ нисбат ба катибаи дарвозаи Ҳотами пастиғавӣ афзалияте доранд, вале самимияту гармии меҳр дар катибаи дарвозаи Муллоҷон беҳамтост. Мардуми мо, ки табиатан нарму сахиву ҷавонмард аст, баъзан ончунон мафтуни навозиши бегонагон шудааст, ки меҳмонони нохондаи ғосиб на танҳо манзилу сарват, балки шаҳру пойтахтҳояшро низ аз худ кардаанд. Бо вуҷуди ин ҷабру ҷафо ҳанӯз ҳам хусусияти меҳмондӯстӣ дар хонадони инсонҳои бошараф афзун аст. Ёдам омад, ки дар деҳаи Лолагии ноҳияи Ҳисор дар равоқи ҳавлии дӯсти соҳибикрому шоиртабъамон Усмони Сабз ин байтҳоро хонда будам:

*Эй бародар, меҳмонро нек дор,*
*Ҳаст меҳмон аз атои Кирдугор.*



https://bikhon.tj/

Ҷавоне моро гарм истиқбол мегирад ва ба ҳавлӣ ҳидоят мекунад. Чун аз дарвоза ба дарун қадам мегузорем, бемуҳобот боғу чамани дилкушоеро мебинем. Ду бари роҳрав аз гулҳои шукуфону шабнамолуд мавҷ мезанад. Шохи дарахтон аз бори меваҳои пухтаву башира сархаманд. Ва рӯи қолини сабзаву себаргаҳо таги дарахтон меваҳои рангоранги афтода нақши ҷаззобе партофта. Э кош, мегӯям дар дил, дар кӯҳистони Масчоҳ корхонае мебуду ин меваҳои шаҳдборро аз мардум харида, дар шакли шарбат ва ё маҳсулоти дигар ба сокинони шаҳрҳо мефурӯхт. Ва боз аҷиб ин аст, ки сари ҳар қадам дар ин ҳавлӣ тубаки гулу буттаҳои ороишӣ ба чашм мерасанд. Таваккалҷон – меросбари падар бо аҳли пайвандон бо ширинтарин алфози меҳмонпазирии масчоҳиён моро истиқбол гирифта, баъди одоби дастшӯйиро баҷо овардан ба қабати дуюм мебарорад. Дар ҳар палаи зина ва рафи тирезаҳои ҳуҷра кӯзакӯза гулҳои тамоман дигар ба рӯйи мо механдаду дил об мехӯрад. «Худоё, кӯҳистон саросар гулзор аст, вале ин мардум боз чи қадар зебопарастанду ошиқона гул мепарваранд», – мегӯям дар дил. Воқеан, дар сафари кӯтоҳаки гузашта (2007) бо ҳидояти Ҷумъабой Сангинов вакили Маҷлиси намояндагони ҷумҳурӣ, чунин манзараи дилангезро низ дар Пастиғав – дар манзили Исохӯҷа Олимзода дида ва сатрҳое дар мадҳи меҳмону расму оини меҳмоннавозӣ хонда будам. Он ҷо дар даҳлези қабати дуюуми меҳмонхона баробари гулбуттаҳо навниҳолони пурмеваи гелосу олуболу мисли як асари нотакрори тасвирӣ менамуданд...

Ба меҳмонхонаи барқаду бузурги чӯбкорӣ медароем. Як тараф ба тарзи урфӣ яккандозҳо густурдаву хони пурнеъмат ороста. Ҷониби дигар ҳамин хел дастрахони пур аз анвои хӯрданӣ болои миз дуруст кардаву атрофаш курсиҳо ниҳода. Ба ростӣ бонуҳои масчоҳӣ ба матали бобоияшон: «иззати меҳмон – зинати дастархон» чунон садоқат нишон медиҳанд, ки дар ҳайрат мемонӣ.



https://bikhon.tj/

– Марҳамат, меҳмонҳои азиз, ба куҷое дилатон мехоҳад, бишинед. – як каме бо ҳаяҷон мегӯяд мизбон. – Аз омаданатун сари мо ба осмон расид.

Гармии изҳори меҳри мизбон ба таоруфҳои аз ҳад зиёди нӯгизабониву сохтаи баъзе шаҳриён шабоҳат надорад. Ва ба андозае содаву самимӣ аст, ки кас аз хиҷолат худро гум мекунад. Пас аз адои фотиҳа даст ба нону кулчаҳои ширмол мебарем. Эҳа, гармаки нав аз танӯр канда! Кадбонуҳои боҳунари хонадон аз рӯйи анъанаи дерин ба хотири эҳтироми меҳмонон кулчаву фатир ва нонҳои калон-калону гирдаро ҳамин субҳ пухтаанд.

– Фис-фис накарда насиба мегирему мехезем, – бо ханда меогоҳонад Раҷабмаҳмад, ки аз ин пазироии ҳамдиёраш шоду сарфароз аст. – Барнома хеле зиёд аст. Дар ҷойҳои дигар ҳам моро интизоранд.

Аз ҳар анвои лазизи болои хон агар чошние бигирӣ, кофист, ки беҳтарин ношто шавад. Вале аз коса-коса мастобаву ҷурғот, сарширу маскаи тарак ҳам бояд чашид. Яке тарғиб мекунад, ки истеъмоли мағзу мавиз ва баргаки зардолуи қандак дар саҳаргоҳ беҳтарин дармону қувватбахши дил аст. Шӯхии доимии устод Боқӣ Раҳимзода ба ёд меояд. Марде дар чунин ҳолат чашм аз дастархони пурнеъмат наканда, лаб ба муноҷот мекушояд: «Э Худо, ё ҷонамро бигир ё шикамамро калон бикун».

– Шикам ғори бетаг аст, бародарҳо, – ҳушдор медиҳад Ҳоҷӣ ва бо ханда меафзояд: – Пеши потун мурам, шикампо ба ҷое намерасад. Акои Мирзомаҳмад, дарду балотуна гирам, ба дастархон омин гӯед…

Илтиҷои мизбон ба роҳнамои сахтгири мо таъсир накард. Ӯ бо сад ташаккуру чарбзабонии хоси масчоиён ба мизбон фаҳмонд, ки дигар илоҷи нишастан надорем: роҳ дур асту вақт дар шитоб, ташвиши интизорон беҳисоб.

* * *

Хуш ба ҳоли деҳу диёре, ки фарзандони некному боҳунар дорад, дар акси ҳол бо ҳама шукӯҳу манзараҳои марғубаш аз назарҳо дур хоҳад монд. Аҳмад Маҳвии соҳибдевону[1] Юсуф Вафои пастиғавӣ қариб як аср боз бо сурудаҳои ҷаззобашон натанҳо ифтихори хешону мардуми деҳ, балки номбардори Кӯҳистони Масчоҳ ва Тоҷикистонанд. Юсуфро дӯстдорони шеър бо номи Юсуфи Масчоҳӣ ёд ва ашъорашро аз бар мекунанд; дар факултаҳои суханшиносии донишгоҳҳо аз рӯйи осораш дарс мехонанд. Ӯ сарбаландтарин масчоҳӣ буд ва дар сатрҳои ошиқонааш бо ифтихор хитоб мекард: «Девона кунӣ Юсуфи Масчоҳира».

Дӯсти мо профессор Саидилҳом Аҳмадзода ба шахсият ва осори Юсуф Вафо меҳри хосса дорад. Тамоми ашъори матбӯъ ва номатбӯъи ин шоири шӯридадили мардумиро, ки дӯсти падараш будааст, аз ёд медонаду лаҳзаҳои аҷоибу ғароиби зиндагии ӯро, ки аз қиблагоҳ ва ҳамдиёрон шунидааст, чунон зебо ҳикоят мекунад, ки ҳаваси кас меояду бештар Юсуфу сурудаҳояшро дӯст медорад. Алҳол мо ба зиёрати турбати Юсуф Вафо равонем. Раҷабмаҳмад раҳ ба раҳ бо шавқ нақл мекунад, ки чӣ хел бо Лоиқи зиндаёд шабро дар Пастиғав ба ёди Юсуф Вафо ва ёфтани турбати ӯ ба рӯз расонданд. «Айб, балки гуноҳ мешавад, ки мо дар Пастиғав оромгоҳи Юсуф Вафоро зиёрат накарда гузарем», – гуфтааст Лоиқ. Онҳо саҳар аз рӯи тавсияи ҳолдонҳо Маликмӯҳсин ном мӯйсафедеро меёбанд ва аз ӯ ҷойи гӯри шоирро мепурсанд.

– Як кори хайр кунед, бобо – мегӯяд Лоиқ. – Гӯри Юсуф Вафоро ба мо нишон диҳед, ки зиёрат бикунем.

---

[1] Девони эшон ду бор дар Душанбе, сипас дар Теҳрон (бо кӯшиши Мирзо Аҳмадов ва Мирзо Шакурзода) ба нашр расидааст.



https://bikhon.tj/

– Дар қадамотун ҷуname, – гуфтааст ӯ. – Ман бо чашми баста гӯри Юсуфа меёбам, зеро дар ҷанозааш иштирок доштам.

Пирамарди ранҷур Маликмӯҳсин пеш-пеш, Лоиқу Раҷабмаҳмад аз думболи ӯ ба мазори саргаҳи Пастиғав ворид мешаванд. Вай байни гӯрҳо ин тарафу он тараф хеле қадам зада, мадфани шоирро намеёбад ва хиҷолатманд мегӯяд:

– Хок дар сари пирӣ, шермардҳо. Наёфтам…

Лоиқ аз ноомади кор бо табъи хира ғур-ғур мекунад:

– Агар қабри шоирро наёбем, чӣ хел ба қадри шоир мерасем? Наход пастиғавиҳо ҷойи гӯри шоирашонро надонанд? Бояд ин мардум кулбаи Юсуфро ҳам обод нигоҳ медоштанд!..

Пас аз ҷустуҷӯ ва суҳбат бо пирони Пастиғав онҳо оромгоҳи тахминии шоирро меёбанд ва дар андешаи обод кардани он то ҷашни 100-солагии шоир меафтанд. Устод Лоиқ сари нангу ба ҷунбиш овардани роҳбарони ноҳияи Масчоҳро ваъда медиҳад. Ӯ ба Саидшариф Шарифов – роҳбари онвақтаи ноҳия бо телефон шӯхиомез мегӯяд:

– Дарак доред? Дар ноҳияи Айнӣ мушҳо бо асо мегарданд, лекин мардумаш мақбараи Туғралро обод карданд.

– Мақсад, устод?

– Гӯри Юсуф Вафо интизори меҳрубонии масчоҳиҳост.

Албатта як ишораи устод Лоиқ боиси кушоиши ин иқдоми нек мегардад. Мардум ва ҷавонмардони адабдӯст ин пешниҳодро гарм пазируфта, барои шоир мақбараи хубе ҳам сохтаанд.

Мазоре, ки дар он Юсуф Вафо хуфтааст, дар ҷониби офтобрӯйи Пастиғав ҷой дорад ва боғест сабзу дилкушо. Ҳар касе ба саргаҳи кӯҳистон сафар бикунад ё аз болооб ба поин биояд, албатта чашмаш ба ин мақбараи зебои байни кӯҳсорон меафтад ва бо дуо зикри хайри шоир ба забон



https://bikhon.tj/

меорад. Зимнан кору нияти хайр беасар намемонад. Ҷашни 100-солагии Юсуф Вафо бо ширкати устод Гулназар ва адибони вилояти Суғд хеле хуб таҷлил ёфт, ки ин самари ҳамон ташаббуси ҷавонмардонаи устод Лоиқу Раҷабмаҳмад ва нишони пос доштани хотираи шоир аз ҷониби ҳамдиёрон буд. Баъдан дар Масчоҳи нав бо роҳбарии Қурбон Тӯраев ёдбуди Юсуф Вафо ба иди пуршукӯҳи адабиёту сухан табдил ёфт.

Байни мардуми Тоҷикистон солҳост, ки маҳбубияти осор ва шахсияти шоирони халқ Бобоюнус Худойдодзода, Саидалӣ Вализода, Юсуф Вафо ва Муллоёри Ванҷӣ побарҷост. Ин шоирон хату савод надоштанд, лекин соҳиби завқи баланду хотираи қавӣ ва ҳунари худодод буданд. Бадоҳатан шеър мегуфтанд: гоҳе бо сӯзи дилу ҷигари доғ, гоҳе бо хашму аламу ранҷиш, гоҳе бо суруру шодӣ ва ибрози ишқу муҳаббат. Дар ҳар сурат, сурудаҳояшон дар ёду зеҳни мардум нақш баста, аз забоне ба забоне гузашта то ба имрӯз боқӣ монда, лаҳзаҳои аҷиби зиндагӣ ва гуфтаҳои пуртанзу латофаташон намаку ширази базму суҳбатҳои хоса мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин мардони ҳунар дар баробари завқу истеъдоди нодир доштан мисли гӯшту нохун бо мардум пайванд буданду дар ғаму шодии ҳамзамонон шарик. Воқеан рафтору гуфтори булаҷабу ғайриқолибии эшон, ки ҳамеша боиси дилхушии атрофиён мешуд, аз байни деҳоту дараҳо гузашта, ба дуриҳо паҳн мегашт. Ёру дӯстони ҳамдил ва шаккоку кунҷковоне пайти муносиб ёфта, табъу ҳозирҷавобии онҳоро имтиҳон мекарданд.

Профессор Саидилҳом бо шавқ ҳикоят мекунад, ки падари ӯ ва дӯсташ Муллодавлати Усто бо Юсуф Вафо барои мардикорӣ ба Тошканд мераванд. Он рӯзҳо дар маркази шаҳр ҳайкали Ленинро гузошта будаанд. Онҳо низ ба тамошои Ленин мерасанд.



https://bikhon.tj/

– Милесуф[1] (ҳамдеҳаҳо Юсуфро ҳамин хел ном мебуранд), дар кӯҳистон шеърҳои Бибиробиара туздида ба шоирӣ ном баровардӣ, – танзомез мегӯяд Муллодавлати Усто. – Агар дар ҳақиқат шоир бошӣ, дар бораи ҳайкали Ленин чизе бигӯ, ки Бибиробиа нагуфта бошад.

Юсуф даме ба хаёл рафта, қаҳтии сахти ду сол пешинаи Масчоҳро ба ёд оварда, бадоҳатан ин сатрҳоро ба забон меорад:

*Подшоҳи Бухор фурумадай Кармина,*
*Масчоҳӣ азоби саг кашид порина.*
*Ҳар ҷо, ки мусулмон аст – дилаш оина,*
*Тошкандба мазор кард сурати Ленина.*

Муллодавлат Юсуфро ба оғӯш кашида, бо шодиву ҳаяҷон узромез мегӯяд:

– Милесуф, шӯхӣ кардам. Валлоҳ-биллоҳ, ту дар ҳақиқат шоирӣ!

* * *

Ана, боз як ҳикояти дигар. Юсуфи шоир ба духтари давлатманде аз деҳаи ҳамсоя аз рӯйи овозаи ҳусну ҷамоли беҳамтои ӯ ошиқи зору дилфигор шуд. Ба он нозанин бо шеър изҳори муҳаббат кард. Ва бо сад умед ба хонаи духтардор одамони мӯътабари Пастиғавро хостгор фиристод. Соҳиби духтар хоҳиши ӯро бо танзу истеҳзо рад кард.

– Юсуф як шоири камбағал аст, – мегӯяд падари духтар. – Худаш нони хӯрдан намеёбад. Ӯ куҷову хостгории духтари ман?

[1] Вайроншудаи Муллоюсуф.



https://bikhon.tj/

Барои шоири ҳассосу пурғурур ин таҳқири сахт буд. Вай аз алам дар худ печиду ноилоҷ монд: охир дасти каси нодор зери санг аст. Ва чун шунид, ки ба муносибати ҷашни арӯсии он моҳрӯ падараш буз медодааст, рафта аз дӯсти пастиғавии худ хоҳиш мекунад, ки аспашро диҳад, ки ӯ чавандозӣ равад. Соҳиби асп дудила мешавад; Юсуф ҳунари човандозӣ дорад ё не? Аспи ҷавмасту сарнофурор, мабодо ягон фалокат рух диҳад.

– Бовар бикун, номи аспатро мебардорам, мегӯяд ӯ. Пастиғавӣ аспашро ба ӯ медиҳад. Юсуф сару рӯяш рӯмолпеч, савори аспи чорафзор ва масту саркаш вориди майдон мешавад ва дар авҷи човандозӣ бузро аз панҷаи саворони деҳаи нозанин канда, бо аспи неруманду тездав чанде якатозӣ карда, сипас бузро ба марраҷо мепартояд. Бузкашҳои соҳиби маърака аз ҳунари човандози бебоку ношинос аламзада, довар, ки тағоии духтар буду аз ошиқии Юсуф бо ҷиянаш огоҳӣ дошт, қасдан бузи партофтаи ӯро ҳаром меҳисобад. Юсуфи аз ин ғиромӣ ранҷида гирди довару марра аспи беқарорро маҳмеззанон давр гардонда, ин мисраъҳоро дар рӯбарӯйи тағои духтар баланд мехонаду ҷонвари бодпоро чорнаъл сӯи Пастиғав метозонад.

*Рогифба буромадам улоғу бозӣ,*
*Аз як бузи Пастиғав ҳама норозӣ.*
*Аслу насаби очата аз мо пурсӣ,*
*Дар думби шумо мо қарчиғай, ҳам този.*

Ва шоир пас аз он, ки саворони деҳаи ҳамсоя аз таъқиби ӯ ноком шуда пас мегарданд, аспи дар обу арақ тарро хунуку ором карда, бурда ба соҳибаш месупораду бо ифтихор башорат медиҳад:

– Номи аспат баромад, буза ҳалол кардам!

– Э дар нумат ҷунам, шердиле! – меситояд ӯро соҳиби асп.



https://bikhon.tj/

* * *

Дар кӯҳистон зимистон дарозу пурбарф ва ниҳоят сард омад. Заминҳо нокишта монданд. Юсуф бо додараш Юнус хонаи тағоияш, ки дар поёнҷои Пастиғав – Порфиз зиндагӣ мекард, меравад, то ки барзаговҳои ӯро оварда заминашро шудгор бикунад. Он лаҳза тағоияш бо аҳли оила нони ба ҳавло нонушта мекардаанд. Юсуф баъди салому ҳолпурсӣ мақсади омаданашро изҳор менамояд. Тағоияш якбора бо тундӣ ва таънаву маломат ӯро хеле сарзаниш мекунад, ки «ту бемиён, моҳу рӯзҳо беҳуда гаштӣ, қатори мардум дар колхоз кор накардӣ…» Сипас баҳона пеш меорад, ки барзаговҳояш аз зиёд шудгор кардани замин харобу қамқувват шудаанд… Беҳтараш, ки бишинеду нони ба ҳавло хӯрда равед. Додаракаш, ки бисёр гурусна будааст, хостааст, ки аз хони тағоӣ насибае бигирад. Юсуф аз номеҳрубонии тағоияш ранҷида, аз дасти додаракаш дошта ин сатрҳоро хонда бо қаҳр аз хона мебарояд.

*Ман пеши тағом фуромадам говталабӣ,*
*На боиси чойхӯрию на гапшунавӣ.*
*Гӯранда равад мусофирӣ, камбағалӣ,*
*Мӯҳтоҷ ба порфизӣ шудай пастиғавӣ!*

Мегӯяд, ки Юсуф баъди ин воқеа танҳо рӯзи ҷанозаи тағоияш ба хонаи ӯ медарояд.

Ана ҳамин хел инсони вораставу хуштабъ будааст Юсуф Вафо. Магар чунин шоирро дӯст надоштан мумкин аст?

Сари турбати Юсуф Вафо маҳфили сарипойии хотирмоне барпо шуд. Дӯстони мо ҳам фотиҳа, ҳам ашъори шоирро хонданд. Маҳмадраҷаб бо овози марғуладор бо сабки хосаи масчоҳиён рубоию дубайтиҳои шоирро сароид, ки «ҳоя»-и кашишдори ӯ хурду бузурги зиёдеро дар атрофи



https://bikhon.tj/

мақбара ҷамъ овард. Чашмони мактаббачаҳо аз шодӣ медурахшиданд, пирони равшанзамир ба ин ҳофизи бетакаллуф ташаккур мегуфтанд. Онҳо ӯро нағз мешиносанд ва медонанд, ки бо ҳар омаданаш ба диёри бобоӣ як кори хайру шоистаеро ба сомон мерасонад. Вале Раҷабмаҳмад дар авҷи маҳфил оҳиста моро меогоҳонад:

– Фис-фис бас, моро дигарҳо интизоранд…

Ман бо андешаи он, ки то ҳанӯз муҳаққиқону ҳамдиёрон мутаассифона на ҳама осори Юсуф Вафо ва ҳикояҳои аҷибу лаҳзаҳои марғуби зиндагии ӯро аз забонҳо гирд овардаанд, аз сари турбат дур мешавам. Сарнавишт, хислат ва ҳунари шоирии Юсуф Вафо шоистаи аз нав ва беҳтар шиносондани ӯ ба мардум ва хонандагон аст.

* * *

Чуноне арз кардам, Кӯҳистони Масчоҳ як шоҳроҳ дорад ва он мисли меҳвар тамоми сокинонашро бо ҳам мепайвандад. Дар ҳар деҳу ҳар гардиш, лаби рӯду чашмае Раҷабмаҳмадро дӯстеву қадрдоне бесаброна интизор аст. Одамон ӯро аз назари банда мисли мағзи нон эҳтиром мекунанд ва боз мекӯшанд, ки бо сухан ё рафторе ноҷо ба хашму ранҷишаш гирифтор нашаванд. Пайкараш бузург асту пӯсташ тунук. Баъзан якбора мисли бензини навъи аъло оташ ҳам мегирад. Мо алҳол «гаравгон»-и Раҷабмаҳмадем: бояд ба ҷойи гуфтааш биравем, суруд ва суҳбаташро босаброна шунавем. Ҳамааш хуб аст ба ғайр аз тангии салони мошин. Ва ин маталеро ба ёд меорад, ки «кафш дар поям танг бошад, дунёи кушод чӣ лозим?» Охир ба ғайр аз ману Гулназар дигар ҳамроҳонамон паҳлавонҷуссаанд. Дар роҳи дарози ноҳамвори чандрӯза ҳамеша дар салони танг худро дар қолиби пуршиканҷа ғунҷонда, базӯр нафас мегирӣ. Хайрият, тамошои манзараҳои аҷоиби тирамоҳ, нисбат ба чор-панҷ сол пеш мисли шаҳрак ободу зебо шудани деҳаҳои



https://bikhon.tj/

кӯҳистони Масчоҳ ва ёди азизон моро саргарм месозад. Дар рости ҳар деҳе аз зодгоҳи шоир, олим, роҳбар ва ё инсони некному созандае қиссаҳо мешунавӣ.

– Ана ин деҳаи Бурҳон Ғанӣ – Ревомутк аст…

– Худо биомурзадаш, ҳаҷвнигори беназир буд.

Воқеан танзу зарофати мардуми Масчоҳро ҳеҷ кас мисли Бурҳон Ғанӣ нозуку боҳунарона ҳикоят намекард. Чеҳраи ӯ ба пешааш мувофиқ, хандаовар, ба қавле «Хорпуштак»-и ҳақиқӣ буд. Саидбурҳон низ «пеши потун мурам»-ро дар ҳар маврид беҳисоб ба забон меовард. Нақл мекунанд, ки боре ба як пазирой бачамарде бо бонуи зебояш меояд. Бурҳон меҳмононро аз номи соҳиби зиёфат пешвоз гирифта, ба зани соҳибҷамол мегӯяд:

– Пеши потун мурам, гузаред...

Бачамард нархи сабзиву пиёзро напурсида, бехи гӯши Бурҳон мушти обдоре мефурорад.

– Пеши потон мурам, чаро маро задед?! – як чашмашро аз дарди ҷонкоҳ пӯшида, нолишомез мепурсад Бурҳон.

– Барои чӣ ба зани ман «пеши потун мурам» гуфтӣ?

– Пеши потун мурам, ман ин гапа доим ба ҳама мегӯям, – бо алам менолад Бурҳон. – Барои ҳамин ҳам одама зада мекушед?

Раҳ ба раҳ донишмандону адибону ҳунармандони ин қаламрав Эшони Муфтӣ, (мутахаллис ба Аҳмад Маҳвӣ) писарашон Мирзо Аҳмадов, Усмон Олим, Мулло Боқӣ, Карим Абдулов, Мирзо Шакурзода, Ҷумъабой Сангинов, генерал Неъматҷон Сангинов, Усмон Назир, Муҳаммадзамони Солеҳ, Мирзо Боқӣ, Қувватбек Давлат, Муродбек Насриддин, Лола Азизова ва дигаронро ба ёд меорем. Вале ҳасрати Раҷабмаҳмад ҳамеша дар ҳама ҷо нарасидани дӯсти айёми донишҷӯияш Лоиқ аст. Ӯ хумории суҳбати устод буданашро пайваста таъкид мекунад ва аз он ки дар бораи рафторҳои шоиронаи ӯ гап мекушоянд, ҳаловат мебараду



https://bikhon.tj/

таскин меёбад. «Барвақт рафт Лоиқ, о барвақт рафте! Ҷояш холист… дар ҳама ҷо…», – бо ҳасрат мегӯяд Ҳоҷӣ ва ба ёд меорад, ки солҳои ноободии кӯҳистон бо Лоиқу Сорбону Ҳақназар Ғоиб пиёда ба болооби Масчоҳ сафар карда буданд.

– Лоиқ бо телефон гуфт, ки як касро мехоҳам ҳамроҳ бигирам. Мисли худамон аст, лекин аз Кӯлоб, – бо қоҳ-қоҳ нақл мекунад Ҳоҷӣ. – Пурсидам: Кист? Ҷавоб дод, ки Ҳақназар Ғоиб. «Ошнои худамон будаст-ку, биёраш» гуфтам. Омаданд. Роҳ мушкил, баъзан аз хастагӣ маҷоли пеш рафтан надоштем. Ана дар ҳамин ҷо як боғи бузурги зардолу, тут, гелосу олуча, себу санҷид мавҷуд буд, – нақл мекунад Раҷабмаҳмад ва бо таассуф меафзояд: – Бубинед, Зарафшон девонавор дамида, он боғро чунон кандаву лесида бурдааст, ки нишонаш ҳам намондааст… Лоиқ ба таги як дарахти зардолу расида, ба он такя карда «нафас рост мекунам» гуфт. Баъди чанде дар ҳамон ҳолат ба ҳар кадоми мо нақше супорид: яке реша шуду дигаре тана, сеюмӣ шох шуду чорумӣ барг. Байни ин «қаҳрамонҳо» ӯҳдадорӣ ва мусобиқаи сотсиалистӣ оғоз ёфт ва ҳар «қаҳрамон» дар бораи аҳамияти бузурги ҳаётбахш доштани фаъолияти худ барои ҳастии дигарон ҳисобот дод. Баҳси аҷибе авҷ гирифту хастагии моро аз ёд бурд.

Раҷабмаҳмад домоди баиззати мадрушкатиҳост. Чун аз Пастиғав баромадем, ӯ эълон кард:

– Акнун мизбонӣ бар дӯши хешони зани ман аст. Шумо медонед, ки хешони занро ранҷондан чӣ хатаре дорад? Чанд рӯз боз онҳо моро интизоранд: пайи ҳам занг мезананду ҳой мегӯянд.

Ҳоҷӣ бисёр мекӯшад, ки мо аз рӯйи аҳд ба ҷойи таъиншуда бирасем. Аммо, ба қавле сухани хона ба бозор рост намеояд. Ҷавонмардони масчоҳӣ – ёрони Раҷабмаҳмаду пайвандони ҳамсари ӯ бо усулҳои ғайричашмдошти



https://bikhon.tj/

меҳмоннавозӣ нақшаҳоро дар нимароҳ мешикананд. Ва инак, баъди гардише сари пул чанд тан бо лаби пурханда пеши роҳро мебанданд.

– Фидои номтун шавем, дар қадамотун садқа, – мегӯянд баъди саломи ҳолпурсӣ ва ба ҷойи оростаашон – гилему дастархони болои суфасанги байни душоха рӯд ишора мекунанд.

– Билло, ки дар ин хел ҷойи нозанин даме нанишаста гузаштан, гуноҳ, куфрони неъмат мешавад, – мегӯяд Гулназар бо хушҳоливу табассум.

– Воқеан манзараи шоирона, – сухани ӯро об медиҳад Саидилҳом. – Покии обу садои гӯшнавози рӯд ва боз ин насими форам доруи беҳамтост.

– Фис-фис накарда, зудтар, гузаред, – бо табъи болида амр медиҳад Ҳоҷӣ ва бо эҳтиром Қурбон Тӯраевро ба сӯйи тахти сангин ҳидоят менамояд. Мо бо эҳтиёт ба харсангҳо по мондаву ҷаҳида, ба «тахт», ки байни ду шоха оби рӯди Яхак, ки табиат гӯё онро маҳз барои нишастану фароғати инсон бунёд кардааст, мерасем. Ду тараф кӯҳҳои баланд ва домони ин кӯҳҳоро то чашмрас бо рангҳои пурҷилову ҷаззоби барги буттаву дарахтон гӯё наққоши чирадасте бо мӯқалами ҳафтранг зиннат додааст. Шоҳкори беназири тасвирии табиат! Аз фарози дара рӯди зулоли Яхак бо ҳазорон «ғазалу тарона» сарозер меояд. Манзара ва «тахт»-и мо воқеан афсонавист. Танҳо нурҳои тезу сӯзони офтоби тирамоҳ мо, шаҳриёни нозуку соядӯстро ба танг меорад.

– Дар қадамотун ҷунам, – шикваи моро аз тезии офтоб шунида бо истеҳзо мегӯяд Ҳоҷӣ, – билло шумоҳон не тоқати офтоба доредy не аз сояро… Ҳунаратун фис-фис насиҳат…

Дар ин маврид шираи гуфтору зарофат ва бори маънии маталу гӯйишҳои зебои мардуми Масчоҳро махсус зикр кардан мехоҳам. Пиру барно махзани зарофатанд ва бе



https://bikhon.tj/

ташбеҳу истиора ва лутфу истеҳзо ҳарф намезананд. Чанд намуна аз хирвори маталҳои ин диёр:

1. Аз пойи ланг чӣ сайру аз чашми гурусна чӣ хайр? 2. Агар зана ба ихтиёри худ монӣ, арзана дар тирамоҳ мекорад. 3. Ба хонае, ки баҳс омад, наҳс омад. 4. Гиряи бамаврид беҳ аз хандаи бемаврид. 5. Дар рӯзи ид зану дар рӯзи борон асп нагир. 6. Дӯсти шӯ – то ҷастани ҷӯ. 7. Шалғами пухта беҳ аз нуқраи хом. 8. Шӯ (шавҳар) маро занад, ман хамбаи ордро.

Ба ҳар ҷое мерасем, одамони пиру миёнаумр дарҳол Қурбон Тӯраевро, ки бисту панҷ сол пеш чун роҳбари аввали ноҳия дар лаҳзаҳои мушкил ба имдоди мардуми кӯҳистон расидааст, мешиносанд ва бо эҳтирому ихлоси хосса ба ӯ муносибат мекунанд. Шумо, мегӯяд яке, бо чархбол омада рамаву чӯпонҳоро аз байни тарма раҳондед. Дигаре, чашмонаш аз вохӯрии ногаҳонӣ рахшон, қисса мекунад, ки биноҳои мактабу шифохонаи дар замони шумо сохта ҳанӯз ободанд. Сохтмони пул аз болои Зарафшон осон набуд, ба суҳбат шарик мешавад сеюмӣ. Ман дар маҷлисе, ки маслиҳати кандани канали бузургро ба миён гузоштед, иштирок доштам, – ба суҳбат мепайвандад чорумӣ. Ва сари Қурбон Тӯраев аз ин самимияти мардум гӯё ба осмон мерасад. Охир одамон ӯро фаромӯш накардаанд; ба хидматҳояш пас аз солҳои зиёд арҷ мегузоранд. Ин шараф аст. Аз ин зиёд ба ӯ чӣ лозим? Мо роҳбарҳоеро медонем, ки ҳатто ҳангоми дар сари қудрат будан ба сабаби муомилаи дурушту рафторҳои зишт, худписандиву баднафсӣ ба нафрати мардум гирифтор мешаванду баъди аз вазифа рафтан ба саломи атрофиён мӯҳтоҷ мегарданд. Гулназар низ муносибати нарму пурҳаяҷони мардуми Масчоҳро бо Қурбон Тӯраев дида, мегӯяд: «Кам дидаам роҳбареро, ки аз мансаб раваду ба ӯ мардум рӯйи хуш нишон диҳанд. Бубинед, ба Қурбон Тӯраев одамони одӣ чӣ хел самимӣ муомила мекунанд».



https://bikhon.tj/

– Ҳар кас аз кору аъмоли худаш мебинад, – мегӯяд Саидилҳом ва андешаманд меафзояд: – Акаи Қурбон вақти ба зини мансаб нишастан пешомади аз асп фуромаданро ҳам фикр кардаанд…

Қурбон Тӯраев дӯсти айёми донишҷӯии Раҷабмаҳмад аст: ҳарду ҳам бузургҷусса, дидадаро, ҷавонмардпеша. Вай роҳбари чанд ноҳияю вазир ҳам буд. Алҳол дар сояи давлати пирӣ фароғат дорад. Зимни суҳбатҳо дар хусуси решаи дӯстии бобову падараш бо паҳлавонон ва шахсиятҳои маъруфи масчоҳӣ дар асри гузашта бо ифтихор нақлҳои аҷибе мекунад ва ман аз гуфтаҳояш дармеёбам, ки тамкину дурандешӣ ва фарҳанги миллатдӯстии ӯ мероси бобову падари бузургвораш мебошанд.

– Инсонҳои баинсофу дурандеш, – мегӯяд ӯ, – дар мушкилтарин солу шароит дасти ҳамдигарро мегирифтаанд, ба дили якдигар роҳ меёфтаанд, шинос, хешу табор ҳам мешудаанд. Ман маънии зебоии ҳаёти инсонро дар ҳамин мебинам, – Қурбон Тӯраев каме ба андеша меравад, сипас нақл мекунад: – Як замон, солҳое, ки роҳҳо сад маротиба аз ин мушкилтар буданд, мардони масчоҳӣ аз ағба гузашта, барои кору зарурате ба шаҳрҳо мефаромаданд, баъзеҳошон меҳмони хонадони мо ҳам мешуданд.

Вай номҳои зиёдеро, ки дар зеҳни бачагиаш нақш бастаанд, бо деҳаҳояшон ба забон меорад, онҳоеро, ки кайҳо дар қайди ҳаёт нестанд, ба некӣ ёд мекунад. Ҳамнишинҳоямон изҳор медоранд, ки фалониҳо набера ва ё фарзандони онҳо мебошанд. Қурбон Тӯраев аз ин бозёфт ба ваҷд меоянд.

– Дар ҳақиқат, кӯҳ ба кӯҳ нарасад, одам ба одам мерасидааст, – бо мамнуният мегӯяд ӯ. – Бубинед, мо меҳмони масчоҳиҳо ҳастем, аз дастархони пурнеъматашон нону намак мехӯрем, – ӯ даме сар ба сукут меафканад, сипас бо табассуми роздор ба мо чашм давонда, ҳарфи дил ба забон меорад: – Як сабаби ба рӯзҳои сиёҳу бадбахтӣ дучор шуда-



https://bikhon.tj/

ни миллати мо ҷудоӣ аз ҳамдигар, нашинохтани якдигар, дӯстро аз душман фарқ накардан, масъулияти бузурги миллату ватандориро ҳис накардан будааст. Ман ба сари ин хулосаи талху дилхарош рӯзҳои мудҳиши кашмокашу ҷудоиандозӣ, дасисаангезиву садрӯягӣ дар вилояти собиқ Ленинобод омадам. Як одамҳое, ки тамоми умр давлату савлаташон аз роҳбарӣ буд, якбора ниқоб аз рӯй гирифтанд: каси ношинос шуданд; ба дойраву нағоразании бегонагон, бадхоҳони миллати мо чунон «рақсидану ғазалхонӣ» оғозиданд, ки дар ҳайрат мондам. Даъвову бешармиҳои рӯйрост, мисли гумроҳиҳои даврони аввали инқилоби сурх, ки аз саҳифаҳои таърих мехонему дуди оҳамон ба фалак мепечад. О фарзанди тоҷик, сокини Тоҷикистон ба хотири кадом подошу ваъдае ба зарари давлату миллати худ овоз баланд мекунад?! Байни мардум дасиса меангезад, одамонро гумроҳ месозад, ба осиёи бадхоҳон об мерезад. Ана дар чунин вазъияти ногувор осон набуд ҷилави давлатро ба даст гирифтану миллати парешон, аламзадаву роҳгум ва дудиларо сарҷамъу оштӣ кардан ва боз ба ин рӯзу солҳои нек, оромиву сулҳу ваҳдат расидан. Ин хидматро Президенти мо Эмомалӣ Раҳмон бисёр хуб ба ҷо овард. Аз ин ҷиҳат ман доим дар ҳама ҷо ба Президентамон Эмомалӣ Раҳмон офарин мегӯям, – мегӯянд бо ҳарорат Қурбон Тӯраев ва ба чеҳраи ҳамнишинон озмоишкорона менигарад. Шояд ӯ мехоҳад фаҳмад, суханҳояш, ки ба нӯшбод шабоҳат доранд, ба ҳамнишинон таъсире карданд ё не. Ва ӯ андешаҳояшро бо мисолҳои заминитар ҷамъбаст кардан мехоҳад. – Бародар чанд сол аз бародари худ дур ва ҷудо зиндагӣ кунад, бегона мешавад… Ҳаққи гапа гӯям, мардуми мо худсарона ва пароканда мезист, аз ҳоли якдигар чандон бохабар набуд. Тинҷиву осудагист, ки мо бо дили пур ба кӯҳистони Масчоҳ омадем. Бубинед, сари ҳар қадам ба инсонҳои наҷиб, ватанпараст, олиҳиммату бамеҳр, табиати нотакрор, ободиву со-



https://bikhon.tj/

зандагӣ рӯ ба рӯ мешавем. Магар ин бад аст? Чаро ман ин макону ин мардуми оличанобро дӯст надорам?

– Дуруст мегӯед, – ба суҳбат шарик мешавад Гулназар ва меафзояд: – Ҳамин ноҳияи кӯҳистони Масчоҳ ба шарофати Истиқлол дубора таъсис ёфт. Саропо ноoбод, аз назар дур буд. Табиату диёри зебоpo ҳам инсони ғамхору заҳматкаш шукӯҳ мебахшад. Бубинед, бародарони масчоҳӣ деҳаҳои хурди пеш назарногири бобоиро чи хел ба шаҳракҳои озодаву сарсабз табдил додаанд. Офарин!

– Созандагиву ободонӣ дар водии Рашту вилояти кӯҳистони Бадахшон, умуман дар саросари мамлакат чунон ривоҷ ёфт, ки беҳисоб, – андешаи Гулназарро қувват бахшид Саидилҳом. – Дар дуртарин деҳаҳо бунёди мактабҳои замонавию бунгоҳҳои тиббӣ касро шод мегардонад. Бақои миллат тани солим доштану илму дониш гирифтани фарзандон аст. Давлат ҳамин хел шароит муҳаё бикунад, рафтарафта маърифату вазъи иқтисодии мардумамон беҳтар мешавад.

Суҳбат гарм, манзараҳо дилкаш, мизбонон меҳрубон, хон пурнеъмат аст. Росташ, ки аз ин макони афсонавӣ дил кандан ҳам осон нест. Вале Ҳоҷӣ дам ба дам ба соат менигарад ва ғур-ғур мекунад: «фис-фиса кам кунед, давоми суҳбат дар роҳу чойи дигар!»

Мошини мо ба боло, сӯйи деҳаи Лангар меравад. Профессор Саидилҳом баъди аз Пастиғав баромадан ба манзараҳои атроф ва ҳар як деҳа бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ба иқрори худаш вай аз Пастиғав болои кӯҳистони Масчоҳро бори аввал мебинад. Саидилҳом аз рӯйи касб бештар ба ҳолати муассисаҳои тандурустии ин ноҳияи дурдасти кӯҳистон, бунгоҳҳои тиббӣ, ҳузури мутахассисон, рушди мактабу маориф эътибор медиҳад ва дар ҳар нишасту суҳбат мекӯшад, ки диққати масъулонро ба андӯхта-



https://bikhon.tj/

ни маърифати тиббии мардум, донишандӯзии ҷавонон ҷалб намояд.

– Агар фарзандони болаёқати худатон, – мегӯяд ӯ, – ҳатто аз рӯйи квотаи президентӣ рафта, донишгоҳи тиббиро рӯякӣ не, бо хониши хубу аъло хатм бикунанд, аз байнашон табибони хуби амрози занона, бемориҳои гурдаву ҷигар, ҷарроҳони тавоно пайдо мешаванд. Онҳо чун мутахассис ба диёри худ бармегарданду бисёр масъалаҳои ташвишовари тиббу табобат аз байн меравад. Худи табиати кӯҳистон шифобахши беминнат аст, танҳо маърифати тиббӣ мебояду мутахассис.

Андешаҳои профессор ҷон доранд. Насли калонсоли пизишкони мактабдидаву соҳибтаҷриба, мутаассифона бо мурури замон сол ба сол кам мешаванд ё бар асари заъфи пирӣ нафақахӯр шуда, худро аз фаъолият ба канор мекашанд. Дар ин маврид ворису ҷойгирҳои сазоворе мебояд, ки хидмату заҳмати онҳоро ба дӯш гиранд. Яъне, гап сари ҳам дуруст интихоб кардани касб аз ҷониби наврасон, ҳам ҷавонони болаёқату сазоворро аз рӯйи квотаи президентӣ ба таҳсил фиристондан меравад.

– Онҳоеро аз рӯи квота ба донишгоҳҳо фиристед, ки ба касби интихобкардаашон ошиқу содиқ бошанд, – таъкид мекунад Саидилҳом, – аз мушкилоти таҳсил наҳаросанд… Ман ин нуктаро барои он зикр мекунам, ки вақте беморе ба табобатхонаи мо аз ҷойҳои дурдаст меояд, аллакай аз по афтодааст, дардаш кӯҳнаву дармоннопазир шудааст. Дардмандон агар маслиҳат ва ё то ҷое табобати табибони касбиро бигиранд, ба он дараҷа ба ҳоли бад намеафтанд.

Лангар дар тарафи офтобрӯйи Масчоҳ ҷойгир асту чун деҳаҳои поёноб шабеҳи боғзорест сарсабз. Вале манзиле, ки мо ба он ворид мешавем, бемуҳобо метавон онро як гӯшаи биҳишт дар рӯйи замин ва ё рашки ҷаннат номид. Дар як пора замин тамоми анвои сабзавоту зироат: пиёзу гашнич,



https://bikhon.tj/

ҷаъфариву сабзӣ, ҷӯякҳои караму картошка, дарахтони себу нок, шоҳтуту зардолу, олучаву гелос, биҳиву чормағз ҷой доранд. Дар пои ин ниҳолон як банд оби равон ҷорист ва боз гирдогирди ин киштаҳо гулҳои рангоранги шукуфон касро ба таровату покӣ мисли чеҳраҳои кушоди соҳибонашон пешвоз мегиранд. Ин дарахтонро марди хушзавқу дурандеши хона Устофайзулло басо батартиб дар ҷойҳое шинондааст, ки бар зарари дигар зироатҳо соя наафкананду ба сабзиши онҳо халал нарасонанд. Воқеан дар кӯҳистон замин қадри зарро дорад ва ҳар ваҷаби он баҳисоб гирифта мешавад. Оби зулол фаровон, лекин аҳсант ба онҳое, ки аз ин сарвати худодод ана ҳамин хел оқилона истифода мебаранд. Мо аз пайроҳаи борикак таг-таги шохаҳои пурмева, нодиртарин навъҳои себ, – агар чашми бино дорӣ, мегӯям дар дил, ин мӯъҷизаҳои табиатро хубтар тамошо бикуну ҳаловат бибар, ки баъд дар дилат ормону ҳасрат намонад, – гузашта ба кунҷи боғ мерасем ва аз палаҳои дасти чап баромада, ба даҳлези барқад ворид мешавем.

Яккандозҳо густурда, хон бо неъматҳои фаровон ороста. Ин табъи Ҳоҷиро хуш мегардонад ва дарҳол бо ибрози «дар ному пеши потун мурам» ба пазироии аз таҳи дили худованди хона арзи сипос менамояду хастагияшро ба боди фаромӯшӣ супорида, марди чорпаҳлу ва оромтабиатро ба мо мешиносонад.

– Устофайзулло корманди ҳифзи иҷтимоии ноҳия аст. Беҳтарин ҷавонмард, – мегӯяд Раҷабмаҳмад ва пеш аз он, ки худро биситояд, механдад. – Шумо медонед, ки ман ҳар каса писанду таъриф намекунам, лекин Устофайзуллоро ҷони одам гӯям, муболиға намешавад. Дар роҳ огоҳатон кардамку: ин Устофайзулло боҷаи бачаи кампир – профессор Урватулло Тоиров асту ҳамсараш хоҳарзодаи зани ман…

Дар радаи дарахтон як ниҳоли себ, ки меваҳои рахшонаш мисли коса гирд ва калон-калони ҳайратовар буданд,



https://bikhon.tj/

диққати Қурбон Тӯраевро бештар ҷалб кард. Вай тааҷҷубомез ба дарахти пурмева нигариста гуфт:

– Ман бисёр навъҳои себро медонам, лекин ин хелашро бори аввал дидам. Бовар кунед, мӯъҷиза аст… Аз куҷо як ниҳолашро биёбам?

– Ба Шумо як ниҳол сабзонда мефиристам, вале пас аз як сол, – андешаманд посух дод Устофайзулло ва афзуд: – Ин ниҳоли себ бо усули хоси дупайванда ҳосил шуд, дар чанд сол… Ҳар кас дар зиндагӣ ишқе дорад. Ман ошиқи пайвандгарӣ ҳастам. Ба танаи дарахтон зеҳн монед, ғурми ду-се пайвандро мебинед…

Дар баробари низоми хуби боғ, хонаву истифодаи замин боз як чизи дигар диққати маро ҷалб кард. Ин ҳолат вақте рух дод, ки барои каме ёзидану дам гирифтан Усто дари ҳуҷраи дарунро кушода, моро ба он даровард. Эҳа, манзара тамоман дигар ва ба дили мо наздиктар будааст: ҳуҷраи ғайримаъмулии қадимасохт, сутунҳои чортарошу болорҳояш аз чӯби бурс, вассаҳо бо салиқаи хос чидашудаву ранг-молида. Ва боз бари чор девори ин ҳуҷраро ҷевонҳои худсохти пуркитоб оро медиҳанд. Ана ин гапи дигар. Хастагиро фаромӯш мекунем. Ва дармеёбем, ки созандаи ин хона ҳунар ва дасту панҷаи хуби устоӣ ва завқу маърифати китобдӯстӣ ҳам доштааст.

– Ин ҳуҷраро худатон сохтаед? – мепурсам аз мизбон.

– Не, – нарм посух медиҳад ӯ ва бо табассум меафзояд: – Ин ҳуҷра мерос ва нақши дасти бобову падар аст.

– Наход? Чи хел нағз! – мегӯям ва панҷа ба як сутун мениҳам. Воқеан дар кӯҳистон замонҳои пеш ҳангоми бунёди хона бештар чӯби заранг, бурс ва фаркро истифода мебурданд, зеро сахтанду бобақо.

– Падарам, худораҳматӣ, ҳавасу ҳунари чӯбкорӣ доштанд, – бо овози нарм мегӯяд Устофайзулло.

– Ин ҳуҷраро баъди аз водӣ баргаштан аз нав сохтед?



https://bikhon.tj/

– Не, асли пешинааш ҳамин аст, ки Шумо мебинед…

– Вақти кӯчондан хонаҳоро накандед?

– Не, дасту дили мӯйсафед нашуд. Охир лонаи гунҷишкро ҳам вайрон кардан осон нест. Ба дар қулф, ба тирезаҳо чӯбу мех заданду ба умеди бозгашт рафтанд.

– Ва касе вайрону ғорат накард?

– Не… сад шукр, ки не… Ҳар тобистон онҳое, ки молҳояшонро чарондан меоварданд, хабар мегирифтанду муждаи ободиашро ба мӯйсафед мебурданд…

Ба ростӣ, дидани ин ҳуҷраи қадимасохти бобой ва нақли Устофайзулло маро дар шигифт мегузораду шод мекунад. Охир солиму бенуқс мондани ин хона шаҳодат бар он медиҳад, ки дар Масчоҳ нисбат ба минтақаҳои дигари кӯҳистон фарҳанги адлу инсоф – ба чизу моли касе чашм ало накардан, даст ба ғасб ё вайронии он назадан пойдор будааст. Аслан мардуми ин қаламрав барои худ ор ва пастӣ мешуморанд, ки моли дигареро аз худ намоянд. Оини хуби худотарсиву назарбаландӣ дар солҳои бесоҳибу матрук будани деҳу манзилҳо боиси бегазанд мондани хонаву дар ва боғҳои мардум шудааст. Инро имрӯз метавон нодиртарин фарҳанги риояи адлу инсофи одамӣ шумурд.

Нигоҳам ҷевонҳои пуркитобро мепалмосаду дил рӯшантар мешавад. Китобҳо ботартиб ва тозаву озода аз рӯйи мавзӯъ ва соҳа ба рафҳо чида шудаанд. Маълум, ки ҳар рӯз ба ин китобҳо дасте мерасад. Қомусҳои хурду бузург, осори адибони классику муосир, китобҳои таъриху тарҷумаи бадеӣ, таълимиву соҳавӣ, маҷаллаву бастаи рӯзномаҳо. Хеле аҷиб. Офарин мегӯям ба Устофайзулло!

– Китобу китобхониро аз айёми наврасӣ дӯст медорам. Ин хазинаро солҳои сол гирд овардам. Аз ин китобҳо шахсони зиёд аз деҳоти гирду атроф истифода мебаранд, – бо ифтихор мегӯяд ӯ.

– Наход? Китобҳоро диҳед, боз бармегардонанд?



https://bikhon.tj/

– Албатта. Ҳар касе китоб гирад, ному насаб, ҷойи кору зисташ дар ин дафтар сабт мешавад. Дар ин масъала хотирбиниву гузашт нест, – бо табассум мегӯяд ӯ ва меафзояд: – Дар кӯҳистон китобдӯстон зиёданд.

– Хеле хуб. Риояи ба соҳибаш баргардондани китоб пас аз мутолиа на ба ҳар кас, ҳатто ба баъзе адибон ҳам хос нест, – мегӯям бо оҳанги афсӯс. – Бо сад илтимос китоб мегиранду овардани амонатро фаромӯш мекунанд, ҳатто мункир мешаванд. Ва боз барои исботи ҳақ будани кирдори ношоистаашон гӯшзад менамоянд: касе китоб дод, як дасташ, касе китобро баргардонд, ҳар ду дасташро бибуред… Шумо коре кунед, ки ганҷи китобхонаатон афзун шаваду кам не.

– Росташ, ки ба ҳар ҷое равам, бо китобе бармегардам. Раҳоварди беҳтарини сафар барои ман китоб аст. Касе мутолиа бикунад, маърифат мегирад, – мегӯяд Устофайзулло.

Ошноӣ бо ганҷи хонадони шиноси навамон Устофайзулло – китобхонае дар кунҷи кӯҳистони дурдаст лаззати маънавиеро бароямон муҳайё сохт. Фарҳанги китобдӯстӣ, андӯхтани донишу маърифат ба онҳое насиб мегардад, ки гузаштагони хушгавҳар, маънирас, дилшиносу соҳибзавқ доштанд ва боз бо ҳисси баланду ифтихору дӯстдорӣ осори пурбаҳои миллиро гиромӣ медоранд. Устофайзулло аз табору решаи ҳамин хел инсонҳои бофаросату худогоҳ аст ва чӣ хуш, ки дар ҳар рустои ин қаламрав бо чунин инсонҳо рӯ ба рӯ мешавӣ.

Мардуми Кӯҳистони Масчоҳ солҳои охир фарҳанги истифодаи заминро хеле хуб риоя менамоянд, мекӯшанд, ки ҳар ваҷаб замини бекорхобидаро киштбоб бикунанд. Қитъа-қитъа ҷойҳои санглохро бо заҳмати беҳисоб аз санг тоза карда, боғ сабзондаанд ё ба майдони кишти ягон зироат табдил додаанд. Устофайзулло низ ғайр аз ҳаётаи рӯйи ҳавлӣ боз дар беруни дарвозааш боғе дилкушо бунёд



https://bikhon.tj/

карда: саф-саф, навъ-навъ дарахтони пурмеваи себу нок, гелосу зардолу, олучаву тут бинандаро мафтун месозанд. Оби фаровон, ки аз синаи кӯҳу дараҳо шорида ба деҳ мефарояд, ганҷи пурбаҳост. Мо чанде дар чамани сабзу хушҳавои ин боғ меосоем: ба шаҳриёни деҳзода ҳавои хушу манзараи дилкаш малҳами ҷон аст. Аз рӯйи пешниҳоди мизбон ва Ҳоҷӣ ёроне бо мошин, ману Гулназар ва раҳнамое аз пайраҳаҳои борики байни дарахтони куҳансол ба сайри соҳили Зарафшон мефароем. Зери дарахтони солхӯрда, дастниҳолони инсонҳои савобҷӯ меваҳои пухтаву аз вазиши бод рехта, болои гулу себарга, бехи гулхору буттаҳои ҷамбилаку субинак паҳну парешонанд: ҳар яке аз дигаре рангину пурҷилост ва сӯят гӯё чашмак ҳам мезанад: хам бишаву маро бардор, эй раҳгузар, шираву шаҳдам бичаш. Чашм аз тамошои меваҳои рехта об мехӯрад: ҳар яке аз дигаре зебову дилнишинтар. Себеро мебардорам ва ба димоғам наздик меорам: чи бӯйи хуше, чи атри нотакроре. Себро дар оби мусаффои ҷӯйе, ки ҳамсони пайроҳаҳо печида-печида ба поин мефарояд, шуста мегазам: оҳо, ана шираву мана шарбат! Ба ин хушобиву тамъи гуворо шояд дар ягон ҷойи дигар ин хел себ вуҷуд надошта бошад. Дарахтони бумӣ ё таҳҷоӣ, ки бобоёнамон бо усули зинабоғ дар ҷойҳои ноҳамвор, ҷариву санглох бунёд кардаанд. Ин дарахтон мисли фарзандони кӯҳистон ба иқлим ва табиати шахшӯли ин ҷо тобоваранд, зеро решаи мустаҳкам дар ин хок доранду парвардаи обу нури офтобу ҳавои Масчоҳанд. Ин дарахтони пиру ҷо-ҷойи танашон аз неши табару теша захмин солҳои сол бесоҳиб ҳастии худро нигоҳ доштаанд ва акнун шохаҳояшон аз бори мева сархаманд. Э кош, мардуми ин қаламрав дар оянда ба ҷойи навъҳои ниҳолони «аҷнабӣ»-и ба иқлими кӯҳистон тобноовар бо усули пайванд дарахтону боғҳои бобоиро умри дубора бахшанд.



https://bikhon.tj/

Дар соҳили Зарафшон, ки мардум тагобаш меноманд, тақрибан ҳар сокини Лангар қитъае замин дорад ва дар он зироатҳои ниёзи зиндагӣ: сабзавоту картошка, бодирингу помидор, лӯбиёву каду, боқилову наску нахӯд, боимҷону хел-хел қаламфур, харбузаву тарбуз мекоранд. Ин қитъаҳои замин чун хоҷагии ёрирасон барои ба кор саргарм шудани хурду бузург ва бо маҳсулоти хушсифати худ таъмин кардани оилаҳо мусоидат мекунад. Одамон аз ин киштаҳо дар баробари рӯёндани ҳосили хуб барои чорвояшон низ коҳ захира мекунанд. Ва боз дар ин гӯшаи орому хушҳаво – соҳили рӯди Зарафшон ҳар кас бо завқу салиқаи хеш мувофиқ осоишгоҳе низ сохта. Ин тарзи ба қадри замин расидан ва аз ҳар пораи он оқилона истифода бурдани лангариён ба Қурбон Тӯраев басо хуш меояд.

– Таҷрибаву фазилати гузаштагонро дар истифодаи замин фаромӯш накардан моро аз бисёр мушкилиҳои зиндагӣ мераҳонад, – чашм аз киштаҳои пурҳосил наканда мегӯяд ӯ. – Бубинед, ин заминҳо аз заҳмати одамон чи неъматҳое медиҳанд. Кори оқилона кард Президент, ки заминҳои бекорхобидаро ба мардум дод: одамон аз нав ба замин рӯ оварданд, маданияти зироаткориро беш аз пештар хубтар омӯхтанд. Ризқу рӯзияшонро бо қувваи дасти худ беминнат мерӯёнанд…

Шаб бо суҳбатҳои ирфонӣ, шеърхониву ёди инсонҳои нек дар ҳалқаи ҳамсояҳои Устофайзулло хуш гузашт. Раҷабмаҳмад пайваста таъкид, баъзан ҳатто ҷиддӣ талаб мекунад, ки аз суҳбатҳои камбору беҳадаф худдорӣ намоем.

– Аз матбуоти кӯчабоғӣ, – мегӯяд ӯ, – олам-олам ғайбату тӯҳмат мехонанд мардум. Шумо, дӯстони ман, суҳбатҳои пурмағзе кунед, ки дар ёди одамон бимонад.

Қурбон Тӯраев аз омӯзиши санъати роҳбарӣ дар солҳои ҷавонияш, профессор Саидилҳом аз дастовардҳои илми тиб ҳарф заданду Гулназар ночор шеър хонд. Дигар қоидаи чар-



https://bikhon.tj/

хи гардун ҳамин аст: бояд ба нону намаки хӯрдаат ҷавобе бидиҳӣ. Ва чун аз суҳбату шеърхониҳо дили Ҳоҷӣ тар нашавад, баҳона пеш меорад, ки мо фис-фисро аз ҳад гузарондем ва лаъличаеро бардошта аз мағзи ҷигар «Шашмақом» мехонад. Чуноне гуфта будем, Раҷабмаҳмад дар баробари дигар ҳунарҳо як қамчин овозхонӣ ҳам дорад; сурудани ӯро бояд гӯшу ҳуш шуда бишнавӣ.

Вақти бомдод намояндаи ёрону ҳамсояҳои Устофайзулло омад ва ҳайати моро барои нонушта ба ҷойи дигар даъват кард. Баҳона овардем, ки рӯзҳо кӯтоҳанду барнома зиёд, бояд ба роҳ бароем.

– Дар меҳмонхонае, ки устод Лоиқ шаб то саҳар бо мо суҳбат доштанд, як пиёла чой менӯшеду баъд… – мегӯяд фиристода. – Ҳама интизоранд.

Магар ин таклифро Раҷабмаҳмад рад мекунад? Ҷойи сусти ӯ ба забон овардани номи устод Лоиқ аст. Дар ин маврид хотираҳояш зинда мешаванд, чеҳрааш мешукуфад.

– Қадамгоҳи Лоиқро набинем, айб мешавад. Одамон ба риши бобоямон механданд… Як лаҳза ҳеҷ гап не, ҳамин ҷо ҳам нонушта мекардем-ку, – гуфт ӯ ва худ пеш-пеш қиссагӯён моро ба манзиле, ки дар домани кӯҳ ҷойгир аст, мебарад.

Соҳиби манзил Муллоҳоҷӣ Абдиев солҳо кӯҳдоманро зина ба зина кандаву бо салиқаи баланд сангдевор карда. Боз зина ба зина дарахтони ҳархелаву гулбуттаҳо сабзонда, байни он хона сохтааст. Ҳуҷраи барқади чӯбкорӣ бо наққошиву тасвирҳояш диданибоб аст.

– Ана дар ҳамин ҳуҷра шаб то рӯз бо Лоиқҷон нишасту суҳбат доштем, – бо ифтихор мегӯяд соҳиби манзил. – Беҳтарин хотира…

Моро як чиз сари андеша мекашад. Чаро соҳиби хона бо заҳмати сангин танаи кӯҳдоманро кандаву тарошида хона ва



https://bikhon.tj/

боғ бунёд кардааст, лек чанд қадам поин, балки дар подомони боғаш замини ҳамвору киштбоб сабзазорест, ки ба газонҳои шаҳр шабоҳат дорад. Аслан мешавад дар ин қитъа картошка ё зироатҳои дигар корид ва ҳосили фаровон рӯёнд. Муллоҳоҷӣ ба пурсиш ва кунҷковии мо посух дод, ки 17 сол бо лаби домону миёнбанд хок кашонда дарахту гул сабзондам. Акнун фарзандонам аз ин замини ҳамвор истифода бурдан хоҳанд, ихтиёр доранд. Ман аз чизе, шукри Худо, камубдӣ надорам. Бароям, рости гап, тамошои ин сабзазору чамани пургул роҳати ҷон аст.

Зиҳӣ завқу ин хел зебопарастӣ. Магар аз ин дар ҳайрат намемонӣ?

* * *

Аз оғӯши меҳру самимияти инсонҳои наҷиб, ки ташнаи дидори меҳмону суҳбатанд, ҷудо шудан осон нест. Аммо роҳи мо дароз асту таноби онро дар ин рӯзҳои тезгузари поиз бояд бошитоб кӯтоҳ кард. Бо дили кашол мо бо Устофайзулло ва ҷамъи ёронаш падруд мегӯем. Ва ҳар қадар боло меравем, боғот ва киштзорони кӯҳистони Масчоҳ доманфарохтар мешаванд.

– Худованд заминро ба масчоҳиҳо додаасту кӯҳу санга ба фалғариҳо, – мегӯям дар гӯши Гулназар.

– Кӯҳҳои мо саропо хушканд, хеле кам алафу дарахт доранд, – бо алам мегӯяд ӯ. Ва чизе, ки чанд рӯз боз ба назари ман наву тоза метобад, дар лабмарзаи тамоми киштзорон, ҳатто ҳошияи гӯристонҳои канори шоҳроҳ коштани гулу ниҳол парвардани масчоҳиён аст. Ҳарчанд, ки кӯҳу дамани Масчоҳ дар ин фасл низ гулпӯш менамояд, балки аз мавҷи гул ҷунуне доранд, боз мардум тухми гул мекоранд… Ошиқу гулпарастанд ин мардум. Ба ҳар ҷое нигоҳат меафтад, – ба картошказор ё полиз, албатта як хати гулҳои шукуфону тару тозаро мебиниву мавҷу ҷӯшиши гулҳоеро



https://bikhon.tj/

дар киштзорон. Гуфтанд, ки чун устод Ҷӯрабек Муродов мисли мо бори аввал ба саргаҳи Масчоҳ, дурусттараш ба Ярм, ба ифтихори пардабардорӣ аз рӯйи нимпайкараи шоир дар Чашмаи Лоиқ сафар мекунад, аз тамошои картошказорон ҳаловат бурда мепурсад:

– Ин хешои масчоҳӣ дар заминҳошон фақат гул мекоридаанд?

– Эй устод, – бо ханда посух медиҳад Афзалшоҳи Шодӣ, – инҳо гули картошкаанд.

– Ҳамин хел хушрӯву рангоранг?

– Ҳар картошка бо ранги навъи худаш гул мекунад: бунафш, сафедтоб, ширчойӣ…

– Аҷиб, аҷиб…

Воқеан, заминҳои сурххоку доманфарохи Кӯҳистони Масчоҳ бештар аз регу сангреза иборатанд, вале ба картошкакорӣ мувофиқ. Агар деҳқон ҳалол заҳмат бикашад, бе истифодаи доруҳои кимиёвӣ ҳам ҳосили фаровон рӯёнда метавонад. Солҳои охир картошкакорӣ дар ин минтақа хеле равнақ ёфт. Мардум бо мадади ҳукумати маҳаллӣ ва ташкилотҳои мададрасон беҳтарин навъҳои тухмиро ёфтаву оварда, аз ҳосили фаровони ин зироат сатҳи зиндагии худро боло бардоштанд. Картошкаи Масчоҳ аз ҷиҳати сифат ва тозагӣ ном баровард ва акнун на танҳо дар ҷумҳурии худамон, балки дар мамлакатҳои ҳамсоя низ талабгорони зиёд дорад… Мардум дар парвариши картошка таҷрибаи хуб андӯхта, ҳар сол аз ҳисоби обёриву кушодани заминҳои навкорам кишти онро афзун менамоянд. Аз рӯйи тахмин имсол ҳосил фаровон аст, аммо фалокати лағжидани кӯҳ ва баста шудани шоҳроҳ деҳқононро нигарон карда. Ҳосилро бояд беталаф ва тару тоза ба шаҳрҳо бурду ба мардум расонд. Ҳукумати ҷумҳурӣ, идораву ташкилотҳои мададрасони фаврӣ, роҳбарони ноҳияҳои Масчоҳ ва Айнӣ шабу рӯз дар андешаи ҳалли ин масъалаанд.



https://bikhon.tj/

Ба Мадрушкат, ки то ба водӣ кӯчидани мардуми Кӯҳистони Масчоҳ маркази ноҳия буд, пешин расидем. Низоми хонаву рӯзгордорӣ, фарҳанги муошират, тозагии кӯчаву расатҳои Мадрушкат ба шаҳраке шабоҳат дорад. Шаҳраке байни кӯҳсорон, мардуме батарбияву хушмуомила ва ниҳоят меҳрубон. Чуноне арз карда будам, Раҷабмаҳмад домоди нозпарвари мадрушкатиҳост. Вай аз пазироии гарми хоҳарарӯсу хусурбачаҳо сарафроз, ин ҷо боз бештар соҳиби ҳукм мешаваду асоси воқеӣ доштани матали қадимаи масчоҳиёнро собит мекунад: «Домод дорӣ – мир дорӣ». Чанд сол пеш аз ин дар ин хонадон мо: муовини аввали раиси Маҷлиси олӣ Абдулмаҷид Достиев, Ҷумъабой Сангинов, Гулназар ҳамин зайл меҳру сафоро дида будем. Албатта чак-чак аз ду даст ба амал меояд. Раҷабмаҳмад низ ба пайвандони ҳамсараш хеле боназокат муомила мекунад; ба таҳсилу тарбияи фарзандонашон мусоидат менамояд. Мекӯшад, ки ягон хеши бонуяш аз ӯ наранҷад. Тарзи бирешимвор мулоим муносибат кардани Ҳоҷӣ бо хешони занаш ба назари мо, ки бештар ба тундӣ, шӯру исён алайҳи андешаҳои дигарон ибрози назар кардани ӯ одат кардаем, ғайритабиӣ менамояд. «Бузургии занро бину қоил шав, – мегӯем ба ҳамдигар, – ҳатто Ҳоҷии саркашро мутеъ кардааст». Ва ба ӯ мегӯем, ки дидори хешон ширин аст, лекин зудтар роҳи болообро пеш бигирему роҳи сафарро кӯтоҳ бикунем, беҳтар аст. Раҷабмаҳмад аз ин пешниҳоди мо дар ташвиш меафтад, илтиҷоомез мегӯяд:

– Нағз не, айб мешавад. О вай зан аст, шавҳараш дар Россия. Худатон дидед-ку: ҳар соат занг заду хоҳиш кард. Ман ваъда додам. Бо хусуру пайвандони шавҳараш моро интизоранд. Пеши потун мурам, моро шумоҳон фаҳмед. Наравем, нописандӣ меҳисобанд, меранҷанд…

Роҳи деҳаи Ғудокро пеш мегирем – роҳе пурпечу хам аз байни киштзорони зебои гандуму ҷав. Нурҳои офтоби ба



https://bikhon.tj/

қиём омада тезу сӯзонанд, аз вазиши бод хӯшаҳои сархам алвонҷ мехӯранд ва бӯйи гандуму ҷави пухтаю атри гиёҳҳои ба хазон моилро ба машом мерасонанд. Манзараҳо рангинанду тамошобоб. Рассоми рангинхаёлу тавоное мебояд, ки ҳусну шукӯҳи ин табиату инсонҳои заҳматписандро ҳунармандонаву ҷаззоб бикашад. Ба соҳили Зарафшон расам-нарасам, пайраҳа ба бунбаст табдил меёбад ва моро ба боғаки навбунёде, ки дар шафати як рӯдаки шӯхоб сабзондаанд, ҳидоят мекунанд. Ҷои боғ ба тамоми маънияш дар гузашта санглох будааст; соҳибонаш бо ҷӣ заҳмате харсангҳои бузурги беҳисобро аз ин қитъа бароварда, болои сангу рег хок рехта ниҳол шинондаанд. Дар кӯҳистони Масчоҳ бо шарофат ва мӯъҷизаи оби фаровон дар дили санг ҳам дарахт мерӯяду меваи шаҳдбор медиҳад. Чун дарахт реша давонд, ғизояшро обу замин ва нури офтобу ҳавои хуш таъмин мекунанд. Дар оғӯши ин боғак, ки як тарафашро ҷангалаки зардбеду ангат, хучу олуча, ҷониби дигарашро ҷарии баланди пурдарахт ва саргаҳашро шиғ иҳота кардааст, пазирой ва суҳбати оличанобе бо ширкати пирони кор ва ҷавонони равшанфикр ба вуқӯъ пайваст. Марде хушсурат, ки ба ӯ риши батартибаш салобати хоса мебахшад, хусури хоҳарзодаи ҳамсари Раҷабмаҳмад будааст. Суҳбати ӯ бо Қурбон Тӯраев ва Саидилҳом диққати моро ҷалб карду касбашро пурсидам.

– Омӯзгорам, – бо табассум посух дод ӯ ва афзуд: – Забон ва адабиёти русро дарс медиҳам.

– Наход? Бо ҳамин ришу фаш?

– Бале, зеби манаҳ дар пирӣ риш аст, – ӯ механдад. – Рӯдакиву Фирдавсӣ, Толстой ва Чехов ҳам риш доштанд, – сипас бо нигоҳ ва чеҳраи ҷиддӣ меафзояд. – Кайҳо ба нафақа баромада будам… Омӯзгорони ҷавон ба Росия рафтанд… Ҳайф аст, ки бачаҳо аз омӯзиши забону адабиёти рус бенасиб монанд…



https://bikhon.tj/

Офтоб ба ғуруб моил шуд. Ҳоҷӣ хоҳиши моро ин маротиба бе саркашӣ барои фотиҳа ба пазироию нону намак пазируфт. Охир роҳи мо дур асту дар пеш суҳбатҳои дигар. Бармехезем ва аз шоҳроҳи ягонаи Масчоҳ ҷониби Сабағ мешитобем.

Дар бораи шахсият ва хулқу атвори дӯсти мо Раҷабмаҳмад ёронаш дар китоби «Абармад», ки ба ифтихори 70-солагиаш нашр шудааст, ҳар хел ақида иброз доштаанд. Яке ӯро тундхӯ, дигаре ҳавобаланду худхоҳ мешуморад, лекин касе ҷавонмардияшро инкор намекунад. Аз рӯйи мушоҳидаи чандинсолаи банда вай дар риояи расму таомул, поси хотири ҳамкорону қадрдонии нону намак беҳамтост. Раҳ ба раҳ сари қадам ба аёдати беморон мерасад, аз дари онҳое, ки аз олам гузаштаанд, ҳатман даромада, бо дуову фотиҳа рӯҳашонро шод мегардонаду пайвандонро таскин мебахшад. Афсӯс, ки ин сифатҳои инсониро на ҳар кас иродаи риоя кардан дорад, хоса онҳое, ки дӯсти нонианд…

Дар кӯҳистони Масчоҳ дар ҳар фасл чизҳои аҷибу ҳайратоварро метавон зиёд дид. Чун ба сарҳади Сабағ расидем, Раҷабмаҳмад якбора ҷиддӣ гуфт:

– Як гап, дӯстон. Ҳамин ҷо як инсони шарифу банамак мезист. Хонааш сари роҳ, даромада фотеҳа хонем чӣ?

– Беҳтарин пешниҳод, – изҳор кард Қурбон Тӯраев. – Ман раҳматиро мешинохтам. Лекин баъди омин бармехезем. Дигар ҳавсалаи нишастан намондааст.

Ҳавлии васеъ, тозаву озода. Маълум, ки марди хона инсони хушрӯзгору меҳмоннавозе будааст. Раҷабмаҳмад пас аз изҳори ҳамдардӣ соҳиби хонаро огоҳонд, ки ташвише накашад, – фотиҳа мехонему бармехезем. Вале чашм дарёст, мегӯянд. Ҳангоми ба ҳавлӣ ворид шудан нигоҳи «меҳмони нохонда» ба чанд тана зардолу афтод, ки шоху навдаҳояшон ғарқи мева буданд. Ба ростӣ, бовари кас



https://bikhon.tj/

намеояд: охири моҳи сентябр аст. Ва баргҳои аз хазон заъфарониву меваҳои тиллоранг дар шӯълҳои офтоби сари кӯҳ чун ақиқ медурахшиданд.

– Аҷоиб табиату баракат дорад кӯҳистон, – бо ифтихор мегӯяд Қурбон Тӯраев. – Дарахтони зардолуро тамошо кунед.

– Падарам барои меҳмонҳо нигоҳ медоштанд, – гуфт духтаре бо садои пурҳасрату чашмони ашколуд. – Шинед, ки чида биёрам.

– Инсони нек буданд, Худо ҷояшонро ҷаннат кунад, – нарм мегӯяд Раҷабмаҳмад. – Ягон вақти дигар… ба акоҳоятон гӯед, ки фалониҳо барои фотиҳа даромаданд…

Ҳоҷӣ дар роҳ нақл кард, ки то давраи дубора ба кӯҳистон баргаштани мардум дар ин ҷойҳо, дар деҳоти болообии Масчоҳ боғу дарахт набуд. Одамон ақидае доштанд, ки дар ин минтақа ниҳол намесабзаду ҳосил намедиҳад. Ва ёдам омад як нақли латифамонанди шодравон Бурҳон Ғанӣ.

– Аз болооб вақти зардолупаз марде ба поёноб фуромадааст. Роҳ аз байни боғҳо мегузашт. Вай бо ҳавас ба шоххҳои пурмеваи дарахтони зардолу чашм медавонад.

– Эй болообӣ, дар осмон чӣ дидӣ, ки бад-бад нигоҳ мекунӣ? – бо қаҳр мепурсад соҳиби боғ.

– Пеши потун мурам, ситораҳоро тамошо мекунам, – посух медиҳад роҳгузар.

– Дар рӯзи равшан? Ба пеши поят нигоҳ карда гузар, ки захми чашмат ба зардолуҳо нарасад, – шӯхиомез таъкид мекунад соҳиби боғ.

Алҳол дар болооби Масчоҳ боғу дарахтзорони навбунёд зиёд аст.

Дар Сабағ хешони шофири ботаҷриба ва зираку ҳушёри мо Сафарбек мизбон буданд. Бештари онҳо ҷавон. Байнашон як марди ботамкини миёнаумр, гандумгуну миёнақад, тануманди паҳлавонсурат, панҷаҳояш коркӯфтаи шахшӯл,



https://bikhon.tj/

бурут ва мӯйи сараш мошубиринҷ ҳузур дошт. Вай Қурбон Тӯраевро шинохт ва иброз дошт, ки вақти ифтитоҳи канали бузурги Масчоҳ дар маҷлис ӯро дида ва суҳбаташро шунидааст. Чизи аз ҳама ҷолиб барои ман боз ин буд, ки даврони хонахез ба водӣ кӯчондани ҳамдиёрон ӯ, ки он солҳо хеле ҷавон будааст, бо падари мӯйсафедаш Сабағро тарк накарда, чор фасли сол дар паҳлӯи хирсу хуку гургу дарандагони ин атроф зистаанд. Дар ин нишаст аз хидмати бузурги обёриву каналсозии Сафари Хонакалон, – қаҳрамони ҳикояи хуби Сорбон, – лаҳзаҳои аҷибу афсонавии сари танҳо зистанашон байни кӯҳсорони бекас ҳикоят кард. Ман ба чеҳраи офтобхӯрдаву мисранги вай нигариста, аз дил мегузарондам, ки дар ҷавонӣ иродаву дил ва боз меҳру инсофи зиёде доштаст, ки бо падару модари пир дар ин деҳи ноободзистану хидмат карданро бар дӯш гирифта, чароғи хонадонро фурӯзон нигоҳ доштааст.

– Вақти кам-кам ба кӯҳистон баргаштани ҳамдиёрон, – мӯйсафед чунон шод шуд, ки… Зану фарзанд доштам, – бо табассуми нарм нақл мекунад ӯ, – боре ба падар гуфтам: «Агар иҷозат диҳед, дар ягон ҷо хона созам». Падар аввал розӣ нашуданд, лекин пас аз ду-се карат пурсиданам гуфтанд: «ба шарте сохтани хонаро дуову иҷозат медиҳам, ки ба дарвозаат қулфу занҷир нашинонӣ; як пора нонатро пучида-пучида бо меҳмон бихӯрӣ. Ҳамин хоҳиши маро иҷро карда метавонӣ?»

– Албатта, додоҷун. Дар ришатон мураме, – гуфтам. – Амру супориши Шумо барои ман қонун аст, – мард аз он, ки васияти падарро ба ёд овард, чеҳрааш шукуфт ва афзуд: – Шукри Худо, дарвозаи ҳавлии мо то ҳол қулф надорад… Ҳамеша интизори меҳмонем.

Ҷумбуҷӯл ва ба ҳамдигар гап партофтани ҷавонон ҳангоми суҳбати калонсолон ба Раҷабмаҳмади сахтгир намефорад ва ин «густохӣ»-яшон онҳоро ба «чанг»-и ӯ меафтонад.



https://bikhon.tj/

– Барои пешвози хубу оростани ин дастархон ба шумо ташаккур, – бо мулоҳизаи ранҷишомез мегӯяд Ҳоҷӣ. – Мо нав аз сари дастархон хеста будем. Хеле хастаем…

– Дар қадамотун садқа.

– Шумо ин меҳмонҳои мӯътабарро мешиносед? – якбора тунд мепурсад ӯ ва аз зери абрӯҳояш ба ҷавонон менигарад. Онҳо аз ин саволи ногаҳонӣ ва нигоҳи дурушт як каме ноҳинҷор мешаванд ва аз нав ба мо чашм медавонанд.

– Чеҳраҳояшон шинос, – оҳиста мегӯяд яке. – Шеърхониву суҳбатҳои акома, – вай ба Гулназар ишора мекунад, – чанд маротиба дар телевизор дида будам.

– Офарин! Суруди миллиро медонед?

– Аз субҳ то шом борҳо садо медиҳад, – мегӯянд бо як овоз ва нафаси осуда мегиранд, ки аз пурсишҳои маломатомези ин меҳмони ҳукмфармо раҳиданд. Вале онҳо тушбераро хом шуморидаанд.

– Ин кас Қурбон Тӯраев, тамоми умр роҳбари ноҳия, ҳатто вазир буданд, раиси ноҳияи Масчоҳи наву кӯҳистон ҳам, Гулназарро шинохтед, ташаккур, шоири тавонои имрӯзаи мо, дӯст ва ҳамкурси ман, – ба лаби Раҷабмаҳмад мадоре табассум медавад. – Дар паҳлӯи он кас Абдулҳамид, нависанда, лекин аз Кӯлоб. Акнун шумоҳон ба сари ҳардуи онҳо зеҳн монед. Ба калаи кӣ монанд аст калаи инҳо? Ба сари Путин, одами аз ҳама зӯри Россия, – ӯ қоҳ-қоҳ механдад. – Ин шӯхӣ не… Он кас профессори соҳаи тиб Саидилҳом Аҳмадзода, зӯртарин ҷарроҳи ҷигар, масчоҳӣ. Ман Ҳоҷӣ Раҷабмаҳмад Шарифов, ошнои инҳо, – ӯ ба ҷавонон озмоишкорона менигарад ва меафзояд: – Инҳоро ман базӯр ба ин тараф овардам. Эҳе, як одамҳое орзу мекунанд, ки ин хел меҳмонҳои мӯътабару машҳур дошта бошанд… Шутур кушед ҳам, аз даратон намегузаранд. Барои ҳамин, бачаҳои азиз, фис-фис накарда, оромакак шиневу аз суҳбати фарҳангии инҳо баҳра бардоред.



https://bikhon.tj/

Раҷабмаҳмад дӯст медорад, ки меҳмонҳояшро ана ҳамин хел ба дигарон шиносонад. Аз рӯйи ин одат боре ӯ дар роҳ Гулназарро бо авсофи зиёд ба марди чӯпоне, ки молҳояшро ба саҳро мебурдааст, муаррифӣ мекунад.

– Э дар номатон садқа, – мегӯяд чӯпон ва меафзояд, – ман як чизро бояд аз ин кас пурсам. Акнун Шумо ба ягон кас фармоед, ки молҳои маро бипояд.

Ҳоҷӣ ноилоҷ барои чӯпон дастёр меёбад, то ки ӯ бо Гулназар ором суҳбат бикунад. Пас аз чанде чӯпон бо Гулназар бармегардад ва ба Раҷабмаҳмад мегӯяд: – Бад не, медониставаст. Шумоҳон меҳмони ман шавед, гӯсфанд мекушам.

Чӯпон аз Гулназар тафсири ин байти Ҳофизро пурсидааст:

*Ҷилва бар ман мафурӯш, эй маликулҳоҷ, ки ту*
*Хона мебиниву ман хонахудо мебинам.*

Суҳбат ранги ҷиддӣ мегирад. Аз ситоишҳои фалакиву ногаҳонии Ҳоҷӣ сари мо мечархаду хиҷолатманд пешомади навро интизор мешавем. Акнун ҷилави мизбону меҳмон дар дасти Раҷабмаҳмад аст.

– Қурбонҷон, Шумо таҷрибаи фаровони зиндагиву роҳбарӣ доред, ҳоҷӣ ҳастед, –нармтар мегӯяд Раҷабмаҳмад. – Аввал худатон ба ин ҷавонҳои кӯҳистон як суҳбати пурмағзи хотирмон бикунед.

Ана ҳамин тавр оғоз ёфт шоми мо дар Сабағ ва то нисфи шаб бо шунидани лаҳзаву ҷузъиётҳои аҷоиб идома ёфт. Ҳамсуҳбати солмандамон шиква кард, ки пеш тарма дар болотари деҳа мехобиду об фаровон буд; акнун дар бағали дара базӯр намоён аст; шумораи хирсу ҳайвонҳои ваҳшӣ кам шудааст. Дигаре ҳикоят кард, ки фалон ҳамсояашон оҳуи дастомӯз дорад. Ин ҳайвон хумори кӯҳгардияшро бо паридан аз боме ба боме мешиканад. Суҳбатҳои ширинро шунидан кайфияте дорад, лекин хоб ғалаба мекунад. Мо аз он



https://bikhon.tj/

нигарон мешавем, ки саҳар аз хоб сер нашуда бо авзои ланҷ ба роҳ мебароем. Не, ба шарофати покиву сабукии ҳавои кӯҳистон ин ҷо се-чор соат хобидан басанда будааст, ки кас бо рӯҳу нерӯи тоза бархезад.

Авзои гирифтаи ҳаво моро дар ташвиш гузошт. Ҳаш-ҳаш нафасгирии Раҷабмаҳмад аз хор-хори гулӯ ва шикваи ӯ аз авҷи бемории диққи нафас ба гӯш мерасад. Воқеан сар-сари кӯҳҳои осмонбӯси Масчоҳ ҳам аз тарафи сояру ва ҳам аз ҷониби офтобрӯ бо меғҳои ғафси кабудфом печон-даву пӯшонда шуда буданд ва дона-дона борон низ мечакид.

– Ҳушдори ҳаво ба мардум, – мегӯяд Қурбон Тӯраев. – Аз пайи ҷамъоварии ҳосил бишав, ғами зимистонро бихӯр, мегӯяд.

– Фис-фис накарда зуд як дами гарм бихӯрему ба роҳ ба-роем, – ғур-ғур мекунад Ҳоҷӣ. – Чашмам аз авзои ҳаво тарсид. Як рӯзи дигар имкон медод.

Сабағ шояд деҳаи аз ҳама васеъ ва заминдори кӯҳистони Масчоҳ аст. Дар ду тарафи канали овозадори тӯлонӣ кишт-зорони хушманзара доман густурдаанд. Сари субҳ хурду бузург молу говашон пеш-пеш ҷониби замину киштаи худ равонанд. Вале баногоҳ манзараи ғайричашмдоште пеш меояд ва ҳушу ёди моро побанди худ месозад. Аз ду бари раҳ аввал ду-се, пасон села-села кабкҳои сураки рамида мепаранд. Ва ин моро ба ҳаяҷон меорад, шод мекунад. Сафарбек, ки шаб дар суҳбати ҷавонони ҳамдеҳа нахобидааст, суръати мошинро паст мефарорад ва аз гирду атроф дар хомӯшии роздори субҳ симфонияи хониши селаи кабкҳо ба гӯш мерасад: қаҳ-қаҳаи баҳсноки мастона!

– Афсона менамояд, нотакрор… Ин хел манзараро дар куҷо мебинед? – мепурсам. – Устод, Гулназар, ёд доред, ҳафт сол қабл аз пеши роҳамон кабкҳои чӯҷадор мегузаштанд. Инҳо селаи кабкҳои сураки раванд…



https://bikhon.tj/

Дар ҳар гардиш аз сари теппаву ғаллазорон паридану хушхонии кабкҳоро мо фоли нек мепиндорем, вале Раҷабмаҳмад ташвишомез мегӯяд:

– Инҳо аз сармо гурехтаанд… Нишонаи хуб нест. Шаб нафаскашии ман ҳам вазнин шуд. Кошкӣ ҳаво барномаи моро вайрон накунад. Дар Чашмаи Лоиқ як маҳфили хотирмон оростанӣ будам. Аслан ман барои ҳамин шуморо кашида овардам.

– Дила танг накунед, Ҳоҷӣ, ҳамааш ба муроди дилатон мешавад, – ӯро таскин мебахшад Саидилҳом.

– Рост, беҳтараш ягон суруд бихонед, – ба суҳбат шарик мешавад Гулназар… – О Ярм наздик.

Ҳоҷӣ бо овози як каме дурушту шамолхӯрда аз матнҳои устод Лоиқ суруд меоғозад.

*Сад оҳ дар гулӯи ман печида рӯзу шаб,*
*Бар тоҷикони зиндаҷудо гиря мекунам.*

* * *

*Агар дар шеър фарзанди замонам,*
*Ба лаб шеъри замон мемирам охир.*
*Ҷавонмаргӣ фақат марги ҷавон нест,*
*Ба сад пирӣ ҷавон мемирам охир.*

Ӯ аз ашъори Лоиқ беҳисоб суруд мехонаду дар борааш зиёд ҳикоят мекунад. Ва ин рафтори ӯ Муҳаммад Гуландомро, ки умри хеш ба тарғиби ғазалҳои Хоҷа Ҳофиз бахшида буд, ба ёди ман меорад.

– Санги Лоиқа дар хотир доред? – ба ногоҳ мепурсад ӯ.

– Бале.

– Наменамояд-а? Ягон кас бурда бошадаш?

– Он санг ба кӣ лозим? Бурданаш ҳам осон не, сӣ-чил тонна вазн дорад, – гуфтам.



https://bikhon.tj/

– Дар ин кӯҳистон ҳар чӣ шуданаш мумкин…
– Э то он санг роҳ ҳанӯз дур аст, Ҳоҷӣ.
– Аз куҷо медонӣ?
– Нависанда хотираи чашм ҳам дорад, – худситоӣ мекунам. – Он санги чортарошмонанди бузург байни чанд дарахт рост меистод. Ва як мӯъҷизаи табиат буд. Шояд замоне аз қуллаи кӯҳ канда шуда, ба қудрати Худо омада мисли тахкурсии ҳайкали бузурге дар як пора замин рост афтода.

Аз рӯи нақли Раҷабмаҳмад ҳангоми аз ин ҷо гузаштан санг диққати Лоиқро ҷалб мекунад ва дар дилаш хоҳише пайдо мешавад, ки болои он барояд. Аммо ин санги бо тешаи табиат чортарошшуда чор-панҷ метр баланд асту баромадан ба он дастнорас. «Сайёҳон» даме гирд-гирди он мегарданду ба панҷа онро менавозанд. Баногоҳ садои трактор ба гӯш мерасад.

– Ана мушкилкушо пайдо шуд! – хитоб мекунад Лоиқ. – Бовар кардед, ки ман бачаи хубам. Раҷаб, рафта тракторро ин ҷо биёр.

Тракторрон хоҳиши шоири дарвешхисолро мепазирад ва «Белорус»-ро оварда паҳлӯи санг мегузорад. «Аҷаб фикру хаёлҳое ба сари ин шоир задааст, – мегузаронад аз дил. – Чӣ кор мекарда бошад?» Лоиқ дарҳол ба боми кабинаи «Белорус» баромада, сипас бо азобе худро болои санг мекашад. Ҳайкали зинда рӯйи тахкурсии худододи сангин. Шоир даме ба атроф, гӯё ба мардуми бешумор чашм давонда, пасон шапкаашро мисли Ленин дар панҷааш фишурда, аз гузаштаву сарнофарории масчоҳиён, боз аз имзои созишномаи онҳо барои ҳуҷум накарданашон ба Ҳукумати шӯравӣ падаршинона ҳарф зада, зери кафкӯбии пурмавҷи «издиҳом» эълон кард:

– Дар замони нав ба ҷойи ҳокими пешинаи Масчоҳ – Ботурхоҷа номзадии Раҷаби Ярмиро ба мансаби мири ин қаламрав пешниҳод мекунам.



https://bikhon.tj/

Сорбону Ҳақназар Ғоиб ва намояндаи синфи деҳқон – тракторчӣ ин пешниҳодро бо кафкӯбӣ аз номи издиҳом бо як овоз пазируфтанд. Раҷабмаҳмад бетараф. Ҳеҷ боке не, ин нишонаи хоксории ӯст.

Лоиқ акнун гӯё аз иҷрои вазифаи муҳим қаноатманду ором, албатта бо эҳтиёт аз болои санг ба боми «Белорус», баъд ба замин мефарояд.

– Он санг таърихӣ шуда буд, – худ ба худ ғур-ғур мекунад Раҷабмаҳмад. – Наход кадом нохалаф бурда бошадаш?

Ҳаво, ба қавле, гургу меш аст: абрҳои паҳну парешон бо офтоб ҷангу пархош доранд. Хуршед баногоҳ чеҳра менамояду нурпошӣ мекунад, фурсате пас сояи абрҳо пирӯз мешаванду ҳама ҷоро мепӯшонанд ва қатра-қатра борон мепошанд. Куҷо буд санги ёдгорӣ?

Баногоҳ баъди гардише байни дарахтони аз рангу равғани поиз заъфаронӣ санги барқади чортарош гӯё «мана ман» гӯён намоён мешавад. Дуртар аз он санг зану марде саргарми картошкачинианд.

– Ана санги таҳкурсии ҳайкали Лоиқ!

– Хайрият! – Ҳоҷӣ оҳи сабук мекашад ва чеҳраи паҳнаш аз ғояти хушҳолӣ мешукуфад ва шеъри «Ҷони масчоҳӣ»-и Лоиқро бо ҳарорат қироат мекунад.

*Нуктае бояд бигӯям бар касе огоҳ нест,*
*Сахтҷонтар дар ҷаҳон аз мардуми Масчоҳ нест.*
*Дар дили ҷешил бирӯёнад насиби хештан,*
*Хок гардад дар баҳои як кафи хоки ватан.*
*Эй басо «ҷӯйи муаллақ» сохта – валлонаҳо,*
*То бирӯяд аз замири шахзаминҳо донаҳо.*
*Чашмаи байт аст ҳар сарчашмаи саршори ӯ,*
*Лаб занад рӯди Зарафшон гӯӣ аз ашъори ӯ.*
*Қурси нонаш хирмани моҳ асту қурси офтоб,*
*Дар кафи дасташ бигунҷад ин ҷаҳони хушку об.*



https://bikhon.tj/

*Сахт ҳамчун лозури барф асту дарё офарад,*
*Нарм ҳамчун бӯйи вешим асту тамкин оварад.*
*Кам бувад, гӯӣ, ки пеши пои меҳмон бедиранг*
*Гӯсфанде мекушад. На, на зи роҳи ному нанг*
*Пеши пойи меҳмони хуб худро мекушад,*
*Пойандозе ба пош аз пардаи дил мекашад.*
*Сад ҳазорон бор мемирад бар пойи меҳмон,*
*Лек бинӣ зиндатар аз ӯ набошад дар ҷаҳон…*

Ин шеъри зебо, ки меҳрномаи беҳамтои Лоиқ мебошад, дар он, бемуҳобо тамоми хӯву хислат, иродаву ҳиммат, ҷавонмардиву муҳаббат, покиву асолати мардуми Масчоҳ медурахшад. Ва ин ҳам ҳақиқат аст, ки илҳоми шоир барои иншои ин шеър баъди сафар ва ошноӣ ба мардуми ин кӯҳистони дурдаст ба ҷӯш омада. Воқеан Раҷабмаҳмад аз дилу ҷон мехоҳад, ки дӯстони ӯ на аз рӯйи нақлу мақолаҳо мардуми Масчоҳро бишиносанд, балки омада бо чашми худ ин кӯҳистону сокинони меҳмоннавозашро бинанд, шиносанд, зеро «шунидан кай бувад монанди дидан» гуфтаанд.

Ба Чашмаи Лоиқ, ки метавон онро даромадгоҳи Ярм – зодгоҳи Раҷабмаҳмад номид, вақти чошт расидем. Ҳаяҷони ӯ беинтиҳост ва мекӯшад, ки он чӣ ба хотири гиромидошти Лоиқ ин ҷо бунёд кардааст, ниҳолу гулбутта сабзондааст, бубинем, шеърҳои ӯро, ки дар тахтасангҳои мармарин бо акси устод сабт ёфтаанд, бихонем.

Албатта, манзара барои Гулназар ва банда, ки солҳои пеш бо Абдулмаҷид Достиев ва Ҷумъабой Сангинов, – аз эшо барои дар он сафар маро оварданашон сипосгузорам, – ба ин ҷо омада, дар маҳфили тахти Лоиқ ширкат доштем, равшан аст. Шиносоии нахустини банда ба кӯҳистони афсонавии Масчоҳ ва меҳмоннавозии зебои мардуми он. Акнун он навниҳолон дарахт шудаанду пурборанд, сафедорон қад афрохтаанду дар панҷаи боди субҳгоҳӣ ва шустушӯ аз



https://bikhon.tj/

қатраҳои борон бо ҷилои ранги баргҳову меваҳояшон мерақсанд.

– Фурсат танг, – мегӯяд Раҷабмаҳмад, ки дар таҳи дил аз тозаву гулафшонии тахту чашмаи Лоиқ шоду мамнун аст, – дар бозгашт ҳамин ҷо як пиёла чой мегирем.

Мешитобем ба саргаҳи Масчоҳ, ба оғозгоҳи рӯди Зарафшон, ба зиёрати оромгоҳи бузургворон Абӯмӯсои Ашъарӣ ва Аълами Оламиён. Нияти охирин ҳамин буд. Роҳ сангфаршу ноҳамвор аст, шофир мошинро бо суръати паст, бо эҳтиёт меронад. Охир аз рух додани осебу пеш омадани мушкилоте дар ин кунҷи кӯҳистон меандешад. Аз рӯйи хоҳиши Ҳоҷӣ ҳатто дар зодгоҳи ӯ Ярм ҳам наменистем. Абрҳои тира лаҳза ба лаҳза қуллаҳои бузурги дуродурро печонида, аз чашм ниҳон месозанд, бафурсат, лангардору асрорангез поён мефароянд. Ҷое нурҳои офтоб, ҷое сояи абрҳо моро ёр мешаванд. Раҳ ба раҳ аз ҳар маконе мегузарем, ободониву сохтмони биноҳои хуштарҳи замонавӣ ва киштзорони навро мебинему шод мешавем: мардум нисбат ба ҳафт сол пеш ба қадри обу замини диёр мерасидагӣ шудаанд; таҷрибаи хуби корам кардани заминҳои асрҳо боз бекорхобида ва фарҳанги зироаткориро пайдо кардаанд; хурду бузург дар саҳроҳо саргарми ҷамъоварии ҳосиланд.

Чун деҳаи Худгифи Эшонҳоро гузаштем, дар шоҳроҳ чуноне дар афсонаҳо мегӯянд, дуроҳа пеш омад. Ронанда роҳи дасти чапро, ки ҳамвортар менамуд ва аз байни киштзорон мегузашт, интихоб кард. Баъди сесад-чорсад метр рафтан аз рӯ ба рӯ як даста зан, ки банди алаф тори сар, дос ё сатили пурбор дар даст доштанд, аз саҳро меомаданд. Яке аз онҳо аз дур бо даст ишора кард ва чун наздик шудем, овозашро шунидем.

– Э мардҳои раҳгум, баргардед, баргардед! Роҳи бузургвор он тараф аст.



https://bikhon.tj/

– Худо умратон диҳад, занҳои боҷуръату кушодачеҳрае, – мегӯем мо, – вагарна то охири ин роҳ беҳуда мерафтем, сарсон мешудем..

– Аз чунин модарони ҷасур, албатта шербачаҳои бақуввату бананг ба дунё меоянд, – мегӯяд Қурбон Тӯраев.

– Зодгоҳи паҳлавон Устопириён ҳамин ҷост, – шарҳ медиҳад Ҳоҷӣ.

Мо ба занҳои заҳматкашу раҳнамо дар дил ташаккур изҳор мекунему ба роҳи асосӣ пеш меравем. Манзараву ҳаво бо вуҷуди он, ки лаҳза ба лаҳза аз сатҳи баҳр баландтар мебароем, хуш аст.

Ба деҳаи Ланглиф мерасем, ки маркази хоҷагии деҳқонист ва оғози даврони истиқлолу солҳои печдарпеч ба он Раҷабмаҳмад раис таъин мешавад. Бояд ба хоҷагӣ номе гузошт. Пешниҳоду фикрҳо гуногун буданд. Вале раиси нав гуфт, ки биёед хоҷагиамонро ба номи додову бобои касе не, балки ба хотири худшиносӣ ва перомуни маърифат андешидани мардумамон ба номи шайх Камоли Хуҷандӣ гузорем. Мардум ин пешниҳодро пазируфтанд. Охир он солҳо ҳам дар Тоҷикистону ҳам дар Ҷумҳурии исломии Эрон 650-солагии ин шоири номвари тоҷикро ҷашн мегирифтанд. Байни кӯҳсорон, дар саргаҳи Масчоҳ дар забони хурду бузург садо додани номи шайх Камол хуб аст ва рӯҳи ӯро шод мегардонад, гуфтанд одамон. Ҳамон солҳо раиси нав бо талошу ҷонкоҳонӣ нимпайкараи Камоли Хуҷандиро дар шафати идораи хоҷагӣ ва мактабу бунгоҳи тиббӣ гузошт. Ин падидае буд дар чашми пиру барно. Нимпайкара ҳанӯз побарҷост, лек аз боду борону барф як каме осеб дида. Ҳолати нохуби нигаҳдории нимпайкараи шоир димоғи Ҳоҷиро сӯзонд. Ва дар ҳамин ҳолат омӯзгоре ба «чанг»-и ӯ афтод, ки суруду мусиқӣ дарс медодааст. Раҷабмаҳмад бо нигоҳ ва авзои аламзада ибтидо омӯзгорро аз донистани Суруди Миллӣ ва шинохтани муаллифи он имтиҳон кард, сипас худ



https://bikhon.tj/

ва ҳамроҳонро ба ӯ муаррифӣ намуду борони гилаву озорашро бар сари ӯ рехт.

– Магар хонандагони шумоҳон наметавонанд, ки ҳар баҳор дар пояи ин нимпайкара гул шинонанд? – пурсид ӯ. – Ҷӯйбор дур не, об фаровон… ба ин баҳона эҳтироми шахсиятҳои бузурги миллат, одоби тозаву озода нигоҳ доштани атрофро омӯзанд.

Мо пас аз зиёрати оромгоҳи бузургворон Абӯмӯсои Ашъарӣ ва Аълами Оламиён, ки дар саргаҳи рӯди хурӯшони Зарафшон байни кӯҳсорони осмонбӯсу афсонавӣ ҷой доранд, бо фотиҳаи пирони суфимаоб пас мегардем.

– Худоё, зиёрати моро қабул бикун ва ин диёрро obод, мардумашро дилшод нигоҳ бидор…

Гоҳе борони нарм, баъзан боди тунд ва албатта қаҳ-қаҳаи селаи кабкони рав моро мегуселонанд.

Авзои ноҷӯри ҳаво ва сар-сари кӯҳҳои осмонхароши дуродур, ки ҳангоми ҳаракати абрҳои кабудфом ва ё аз вазиши тундбод баногоҳ дариданашон сафедии барфи навборида ба чашм мерасид, Ҳоҷӣ ва шофирро бештар безобита мекард. Онҳо нозу бозиҳои табиати кӯҳистонро хуб медонанд; бояд ба хушкӣ аз ағбаи Оббурдон бигзарем. Мабодо барфи зиёд биборад? Дигар ҷое намеистем ва якрост ба Чашмаи Лоиқ мерасем. Ҷавонмардони ярмӣ лаби чашма гилему курпача густурда, дастархони барқаду пурнеъмате оростаанд. Раҷабмаҳмад ин манзараро дида, хастагиву ташвиши роҳро ба фаромӯшӣ месупорад ва бо ифтихор ба онҳо изҳори ташаккур менамояд:

– Ҳе пеши потун мурам! Нағз-нағз…

Вай аз нав шеърҳои дар лавҳаҳои мармарин сабтёфтаи Лоиқ ва пайкараи ӯро нишон медиҳаду чанд қуттӣ ранги зарҳалиро барои таъмири ҳайкалу хоно кардани сатрҳо ба пайвандон месупорад ва бо навозишу ситоишҳои хоси масчоҳиён аз эшон хоҳиш менамояд:



https://bikhon.tj/

– Рангҳоро хушрӯ, басифат бимолед. Бояд ин ҳайкалу сангу чашма сазовори номи Лоиқҷон бошад. Дигар чӣ гӯям? Орзуям ин ҷоро ба шумоҳон нишон додан буд. Э ин ҳаво бахилӣ намекард… Дар қадамотун садқа, акнун бишинед, ки борон нарасида, аз дилу ҷон Лоиқро ёд бикунем. Кошкӣ бо мо мебуд…

Шеъри Лоиқ садо медиҳаду хониши кабкони аз бими сармо фирорӣ ҳамовоз мешавад бо шеър. Ба назар чунин мерасад, ки кабкҳо базм доранд: сари ҳар санг, камару теғаи кӯҳ, бехи ҳар буттаву сари шохи дарахтон. Ва борон низ аз рашку ҳасад бо чангу чағонаи поизӣ ба нағмапардозии селаи кабкону осоиши маҳфили зебои мо, – чи хел болои яккандозҳо ёзида, ба болиштҳо такя задаем, – баъди тундару чароғаки шадиди пай дар пай сатил-сатил об мерезад. «Мард бошӣ, гурез!» – мегӯем бо худ ва тозон ба кулбае, ки деворҳояш аз санг аст ва Ҳоҷӣ онро барои ҳамин хел рӯзи мабодо сохтааст, медароем. Ва суҳбату шодбошгӯйӣ он ҷо авҷ мегирад. Аммо ситезаву моҷарои ҳаво моро ҳушдор медиҳад, ки бепарво нанишинем. «Шикампо ба ҷое намерасад» мегӯему бармехезем. Ва бо изҳори ташаккур барои пазироии гарму самимӣ, хомшӯрбои беҳамтову нону намак ба ҷавонмардону кадбонуҳои ярмӣ, аз онҳо дуои бозгашт мегирем. Кӯҳҳоро либоси абр нопадид карда, резиши бошиддати борон ҳар лаҳза дағдағаву ҳангома меафзояд; мурғакони пару болашон тар бо навову хонише ба ҳамдигар ҷасорат мебахшанд: ҷабри табиатро бори аввал надидаемку, мегузарад. Аз ҳама хубаш садои туфанг ба гӯш намерасад. Қурбон Тӯраев, Саидилҳом Аҳмадзода пеш-пеш, Гулназару банда аз ақиб сӯйи мошин мешитобем. Ман ба Чашмаи Лоиқ, ба лавҳаҳои мармарин, ба акси устод, ки бо лабханди нарму талх ва қатраҳои лағжони борону нигоҳи ҳузнолуд гӯё бо мо хайрбод мегӯяд, бори охирон назар меафканаму мегӯям:



https://bikhon.tj/

*Дар саргаҳи Ярм зинда бодо Лоиқ,*

Гулназар бадоҳатан меафзояд:

*Чун рӯҳи миллат поянда бодо Лоиқ!*

Ҳангоми бозгашт аз байни пардаи риштаҳои борону ҳавои меғолуд дар тарафи соярӯ баногоҳ манзараи дилангезе ба чашм расиду маро мафтун кард. Шояд ҷавони ошиқе гандумзорашро даравида, байни киштзор басо ҳунармандонаю шоирона бо ҳазорон орзу тарҳи як дили бузурги тиллоранг офаридааст. Чи рамзи зебову пурмаъное! Дили аз сӯзи ишқ тафсону зарҳалин ва аз хӯшаву донҳои умед саршор. Ин шабеҳа, ки ба атроф ҳусни беандоза мебахшад, аз завқи баланду ормонҳои ширини ҷавони даравгар башорат медиҳад. Магар маъшуқаи ӯ, духтараки пурғуруру назарбаланди масчоҳӣ ин дили пурармону байни кӯҳсорон ҳайрон ва ба хазон моили ҷавони ошиқро мебинад ва ба шукӯҳи ҳусни он дар ин рӯзи боронӣ офарин мехонад?

* * *

Шомгоҳ ба Мадрушкат, ба манзили ошнову соҳибхонаҳои меҳмоннавоз расида, шабро он ҷо гузарондем. Субҳ дидани то камар аз барфи нав сафедпӯши кӯҳҳои Соярӯйи кӯҳистон моро водор кард, ки зудтар ба роҳ бароем. Ва раҳ ба раҳ дар дил мегуфтам: «дидаву шунида ва ҳамнишиниву ошноии мо бо мардуми хушлаҳҷаву меҳмоннавози Офтобрӯйи кӯҳистон сурат гирифт. Дари хазинаи хӯву хислат ва ҳусни нотакрори табиати Соярӯйи кӯҳистони Масчоҳ боз барои мо нокушода монд. Ин ба достони нотамоми Кӯҳистони Масчоҳ шабоҳат дорад. Дигар дунё ба умед…»



https://bikhon.tj/

Дар ағбаи Оббурдон резиши ноз-нозони барф тамошобобу афсонавист. Аз само гӯё барф не, парҳои парокандаи қу мисли суфиёни сармасту бехуд чархидаву рақсида поин мефароянд. Чун аз фарози ағба поин шудем, нолишу ларзиши мошин нарм шуд ва Сафарбек низ оҳи сабук кашиду чанд карат ҳолати тормозро санҷид. «Хайрият, ки барф роҳро ҳанӯз напӯшондааст». Роҳи мушкил пушти сар монду нишеби пурхатари печ дар печ оғоз ёфт. Порасангҳои азими ҷигарранг дар шӯълаҳои нарми хуршед булӯросо медурахшанд. Калоғҳо магар гуруснаанд ва ё аз омад-омади сармо нороҳатанд, ки болафшон талх меноланд. Мо пас аз сипарӣ шудани ҳазору як гардиш ба домони кӯҳ – бурсзорони солхӯрда мерасем. Обшоре нозанину широсо сафед пеш меояд. Ёрон пешниҳод карданд, ки дар сабзазори лаби обшор даме қомат рост бикунему биосоем ва аз порае фатирҳои роҳтӯша ба обаки зулол тар ва нӯши ҷон бикунем. Охир тамошои обшоре аз синаи кӯҳ ва байни арчазорони ҳазорсола низ ғанимат аст. Ва дар оби сардакак тар карда хӯрдани фатири баширaи Масчоҳ низ лаззате дорад беҳамто. Мо, ки аз сари субҳ роҳ мепаймоем ва аз бардорузани беҳисоби мошин лакоту хаста ва гурусна ҳам шудаем, ин ғизохӯрии сарипоиро беҳтарину нотакрор ҳисобидем.

Олами афсонавии кӯҳистон дар пас монд ва рӯзгори пуртакудави водиву шаҳр пеш омад. Дар ҳама ҷо инсонҳо аз ошӯби боду нафаси сармо рамуз гирифта, мӯрчасон бештар ба кор шитоб доранд. Оре, андешаи фардоро бояд кард.

Қурбон Тӯраев боз дар манзили пурсафояш – дар Истаравшан моро болои кат шинонд ва аз дӯстдориву меҳрубонии набераҳо хушнуд, шӯхиомез гуфт, ки хайрият ҳоҷӣ аст, вагарна як истакони қирадори пури пурро барои аз ағбаи Оббурдон сиҳат гузаштану саломат баргаштан ба



https://bikhon.tj/

сар мекашид. Раҷабмаҳмад ҳам, ки рӯяш аз фишори баланд арғувонист, бо қоҳ-қоҳ изҳор дошт, ки дар ҳамин андеша аст. Ин ишора ба муроди дили Гулназару банда шуд… ва оқибат ба мизбони хаставу меҳрубон ва Раҷабмаҳмаду Сафарбек бо дили кашол хайрбод гуфтем ва бо мошини Саидилҳом роҳи Душанберо пеш гирифтем. Вале дар сари ағбаи Шаҳристон аз он чи метарсидем, рӯ ба рӯ шудем. Тундбоду резиши шадиди барф. Лағжидану дармонии мошинҳо. Хайрият, ки мошини наву пуриқтидори Саидилҳом моро бе мушкилӣ ба сари ағба баровард. Баландии барф то зону мерасаду бо равиши тундбод беҳисоб барф мерезад. Эҳе, ин манзара барои мо ҳам нишотангез буду ҳам баҳонаи хуби боз як «корнамоӣ» нишон додан. Аз профессор Саидилҳом хоҳиш мекунем, ки мошинро даме боздорад. «Хоҳиши ҳамроҳ воҷиб аст», – бо табассуми малеҳ мегӯяд ӯ. Ва мо бо як ҳоле аз мошини гармакак баромада, худро ба панҷаи шахшӯли тундбоду ҳамлаи барф супорида, барои анҷоми неку сайру сафари аҷоиби кӯҳистони Масчоҳ ва боз барои барфи нав бо васияти устод Рӯдакӣ нӯшбод мегӯем:

*…З-омада шодмон бибояд буд*
*В-аз гузашта накард бояд ёд.*
*Боду абр аст ин ҷаҳон, афсӯс,*
*Бода пеш ор, ҳарчи бодо, бод!*

P.S. Пас аз чанд рӯзи ин сайру саёҳат ҳаво нарму роҳ кушода шуд ва Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар авҷи ғундоштани ҳосили заҳмати кишоварзон ба Кӯҳистони Масчоҳ сафар карда, бо мардум суҳбатҳои гарму озоду аҷиб ороcт. Дидани ин сафари Сарвари давлат ба ноҳияи дурдасти кӯҳистон, қаноатмандии эшон аз ҷамъоварии ҳосили фаровон ва суҳбатҳои ширини пиру барнои Масчоҳ аз та-



https://bikhon.tj/

рики шабакаҳои телевизион хотирмон буданд. Баъдтар Президент пас аз анҷоми суханрониашон дар ҷашни 100-солагии устод Мирзо Турсунзода дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ ба толор фуромада, зимни салому ҳолпурсӣ бо пирони илму адабиёт ба Гулназар гуфтанд:

– Гулназар, дидед, ки пиру барнои Масчоҳ чӣ хел шеъру сухандонанд? Ҳамаашон шоир, суҳбатҳояшон аҷибу ширин…

– Чанд ҳафта пеш, Ҷаноби Олӣ, мо ҳам ба кӯҳистони Масчоҳ рафта будем, – бо табассум посух дод Гулназар.

– Нағз… Худатон дидед? Чи хел диёри зебо, пурсарват… мардуми ширинзабон…

Воқеан ҳам кӯҳсорони пурганҷу рӯдҳои хурӯшон, ҳам замини ҳосилхезу боғҳои шаҳдрез, зиёда аз ин мардуми бофарҳангу гарданфароз ва миллатдӯсту меҳанпарасти Масчоҳ сарвати нодири Тоҷикистони соҳибистиқлоланд.

2011



https://bikhon.tj/

## МУНДАРИЧА

Ёр дар бари ёр ........................................................ 5
Дудила ........................................................ 19
Ғамхӯрак ........................................................ 33
Булбулони шаҳр ва зоғ ........................................................ 36
Ёдгор, бас! ........................................................ 40
Дили бача ........................................................ 47
Сайри Варзобу аёдати устод Боқӣ ........................................................ 56
Вулф Петрович ........................................................ 62
Мистер. *Қисса* ........................................................ 66
Достони нотамоми Масчоҳ. *Эссе* ........................................................ 121

https://bikhon.tj/

**АБДУЛҲАМИД САМАД**

# ЁР ДАР БАРИ ЁР

*(ҳикоя, қисса, эссе)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 18.12.2018 супурда шуд.
Чопаш 03.01.2019 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 12,0. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи «Кишвар-2016» чоп шудааст.

https://bikhon.tj/